*Барои ваҳдат, рушди устувори иқтисодӣ ва зиндагии шоистаи мардум!*

# МИНБАРИ ХАЛҚ

www.tribun.tj
E-mail: minbarihalk@bk.ru

21 майи соли 2015, панҷшанбе, №21 (1000)

НАШРИЯИ МАРКАЗИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН


## РОҲБАРЕ БО ХИРАДИ ХУСРАВОНӢ



*саҳ. 5*

Иқтисод

## МУНОСИБАТРО БО САРМОЯ ДИГАР КУНЕМ



*саҳ. 8*

Мулоҳиза

## ТОҶИКИСТОНРО ҚУРБОНИ МАНФИАТҲОИ СИЁСИИ ХУД НАКУНЕД

*саҳ. 19*

Таърих

## СУКУТИ ЯК СИЁСАТМАДОР




*саҳ. 11*



# ҲАЗОР ПАЁМИ СОЗАНДА

Минбари халқ
21 майи соли 2015,
№21 (1000)

# СОХТМОНИ ҚИТЪАИ ВАҲДАТ-ЁВОНИ РОҲИ ОҲАНИ ДУШАНБЕ- ҚӮРҒОНТЕППА

**15 майи соли равон Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон барои шиносоии бевосита бо рафти сохтмони қитъаи Ваҳдат-Ёвони роҳи оҳани Душанбе-Қӯрғонтеппа ба ноҳияҳои Рӯдакӣ ва Ёвон сафар кард.**



НАХУСТ Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба деҳаи Истиқболи ҷамоати деҳоти Султонободи ноҳияи Рӯдакӣ ташриф овард.

Зимни шиносоӣ бо лоиҳаи сохтмон, аз ҷумла иттилоъ дода шуд, ки масофаи умумии қитъаи Ваҳдат-Ёвони роҳи оҳани Душанбе-Қӯрғонтеппа 40,7 км буда, дар масири он 3 нақб бо дарозии 3755 м, 8 пул бо тӯли 764 м ва иншооти дигар, аз ҷумла 3 истгоҳ бунёд хоҳанд ёфт.

Барои бунёди ин қитъаи роҳи оҳан, тибқи лоиҳа ҷудо намудани 800 миллион сомонӣ пешбинӣ шудааст.

Аз оғози татбиқи лоиҳа, ки ба соли 2009 рост омада буд, то охири моҳи апрели соли равон 303 миллион сомонӣ аз худ карда шудааст. Дар ин муддат 12 км роҳ пурра бунёд ёфта, дар масофаи қариб 30 километри дигар корҳои заминӣ барои оғози насби релсҳо ба поён расонда шудаанд. Корҳо танҳо барои кандани нақбҳо, бунёди пулҳо ва гузаштан аз чанд қитъаи вазнини кӯҳӣ боқӣ мондааст.

Дар минтақаи кӯҳӣ бунёд намудани ин қитъаи роҳи оҳан барои бинокорони тоҷик таҷрибаи басо зарурӣ мешавад, зеро оянда ин роҳи оҳан аз минтақаҳои ба маротиб аз ин мушкилтари кӯҳӣ бояд аз тариқи кӯҳистони водии Рашт ба Қирғизистону Чин ва дар ҷануб ба Афғонистону Туркманистон ва Эрон расонда шавад.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар даромадгоҳи шимолии нақби аз ҳама дарози ин қитъаи роҳ, ки масофааш қариб 3 км хоҳад буд, бо гузоштани санги асос ва нома ба наслҳои оянда ба бунёди он оғози расмӣ бахшид.

Дар ҳамин мавзеи зебои кӯҳӣ Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон бо роҳбарияти соҳа, бинокорони роҳи оҳан ва намояндагони мардуми деҳоти атроф мулоқот намуда, аз ҷумла таъкид дошт, ки ин роҳи оҳан бояд бо сифати баланди сатҳи ҷаҳонӣ сохта шавад, зеро оянда он бо шабакаҳои минтақавии байналмилалии роҳҳои оҳан пайваст шуда, аз ҷумла робитаи мустақими Тоҷикистонро бо Қирғизистону Чин, Афғонистону Туркманистон ва Эрону дигар кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ таъмин хоҳад кард.

Зимни шиносоии бевосита дар қитъаҳои гуногуни сохтмони роҳи оҳан, ҳамчунин иттилоъ дода шуд, ки дар ин ҷо ҳоло беш аз 400 нафар бинокорон аз 13 ширкату ташкилоти сохтмонӣ машғули коранд. 10 адади ин корхонаҳои сохтмонӣ ватанӣ ва беш аз 70% бинокорон шаҳрвандони Тоҷикистон мебошанд. Ширкатҳои хориҷӣ, ки асосан дар бунёди нақбу пулҳо иштирок доранд, аз Ҷумҳурии Мардумии Чин ва Ҷумҳурии Исломии Эрон мебошанд. Ҳоло дар қитъаҳои гуногуни сохтмонӣ беш аз 150 адад техникаю механизмҳои сохтмонию боркашонӣ ба кор ҷалб карда шудааст.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон қариб дар ҳар як қитъаи роҳ таваққуф намуда, бинокоронро ба анҷоми босифати корҳо ҳидоят намуд.

Тавре таъкид гардид, сохтмони қитъаи Ваҳдат-Ёвони роҳи оҳани Душанбе-Қӯрғонтеппа бояд то моҳи августи соли 2016 пурра ба поён расонда шавад.

## МУЛОҚОТИ САРВАРИ ДАВЛАТ БО РОҲБАРОНИ БОНКИ ҶАҲОНӢ

**Рӯзи 16 май Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон директорони иҷроияи гурӯҳи Бонки ҷаҳониро ба ҳузур пазируфт.**

Дар мулоқот масоили ҳамкории судбахш, аз ҷумла доир ба дастгирии рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон ва мусоидат ба коҳиш додани таъсири манфии омилҳои беруна ба иқтисоди кишвар баррасӣ шуд.

Таваҷҷуҳи зиёд ба роҳҳои татбиқи босамари нақшаи ҷорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешгирии хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди кишвар ва қарорҳои Шӯрои директорони иҷроияи Бонки ҷаҳонӣ оид ба механизмҳо ва ташаббусҳои зиддибӯҳронӣ зоҳир гардид.

Изҳори боварӣ карда шуд, ки тадбирҳои муштараки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистону гурӯҳи Бонки ҷаҳонӣ ва дигар муассисаҳои байналмилалию минтақавии молиявӣ ба коҳиш додани таъсири манфии омилҳои беруна мусоидат мекунанд.

Хотиррасон бояд намуд, ки ҳамкории Тоҷикистону Бонки ҷаҳонӣ асосан дар бахшҳои гуногуни иқтисодиёту иҷтимоиёт, аз ҷумла дар бахшҳои воқеии иқтисодӣ чун саноат, кишоварзӣ, беҳсозии инфрасохтори энергетикиву нақлиётӣ ва ғайра сурат мегирад. Ҳоло дар Тоҷикистон 21 лоиҳа бо маблағгузории гурӯҳи Бонки ҷаҳонӣ мавриди татбиқ қарор дорад, ки маблағи умумиаш 323 миллион доллари амрикоӣ мебошад.

Яке аз лоиҳаҳои калонҳаҷм ва бисёр судбахш, ки Тоҷикистону Бонки ҷаҳонӣ дар он ҳамкории босамар доранд, лоиҳаи минтақавии бунёди хатти барқии 500-киловолтаи CASA-1000 мебошад, ки интиқоли нерӯи барқро аз Тоҷикистону Қирғизистон ба Афғонистону Покистон дар назар дорад ва то соли 2018 бояд фаъол гардад.

## ВУСЪАТИ ТОЗАИ ҲАМКОРИИ ТОҶИКИСТОН БО БОНКИ ДАВЛАТИИ РУШДИ ЧИН

**Таърихи 18 май Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ноиби президенти Бонки давлатии рушди Чин Сиаою Жаоро ба ҳузур пазируфт.**

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба ҷониби Чин барои дастгириҳои пайваста аз рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон арзи сипос карда, изҳори бовар намуд, ки минбаъд ҳамкории дуҷониба боз ҳам густариш хоҳад ёфт.

Дар ин робита атрофи лоиҳаи барномаи нави ҳамкории Тоҷикистону Бонки давлатии рушди Чин, ки дар ҳоли таҳияшавӣ қарор дорад, гуфтугӯйи судманд сурат гирифт. Чунонки зикр гардид, бо қабул шудани ин барнома ҷанбаҳо ва ҳаҷми маблағҳои барои густариши ҳамкорӣ пешбинишаванда хеле афзун хоҳад шуд.

Тавре иттилоъ доданд, имконоти Бонки давлатии рушди Чин хеле фарох аст, зеро он ба кишварҳои гуногуни ҷаҳон беш аз 300 миллиард доллари амрикоӣ қарз ҷудо намудааст.

Дар мулоқот роҳҳои густариши минбаъдаи ҳамкории судбахши Тоҷикистон бо ин ниҳоди бонуфузи молиявии Чин баррасӣ шуд.

Тавре зикр гардид, ҳамкории Тоҷикистон бо ин бонк асосан аз соли 2009 дар чаҳорчӯби муносиботи дуҷониба ва ҳам дар доираи Иттиҳоди байнибонкии Созмони ҳамкории Шанхай оғоз ёфтааст. Тайи ин солҳо санадҳои зиёд барои ҷудо намудани қариб 100 миллион доллари амрикоӣ қарзҳои имтиёзнок, асосан барои дастгирии бахши хусусӣ ва соҳибкории хурду миёна дар Тоҷикистон ба имзо расидааст.

*www.president.tj*



## *Шералӣ Мирзо:* КИШВАРҲОИ САAД БА ТАҲДИДҲО ИСТОДАГАРӢ КАРДА МЕТАВОНАНД



**Вобаста ба натиҷаҳои санҷиши ҳолати омодабоши ҷангии Нерӯҳои дастаҷамъонаи зудамали кишварҳои узви Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ (САAД), ки аз 13 то 21 май дар қаламрави машқгоҳи "Ҳарбмайдон" ҷараён доранд, вазири мудофиаи Тоҷикистон генерал-лейтенант Шералӣ Мирзо ба журналистон изҳор намуд, ки тамринҳои доиргардида собит сохтанд, ки кишварҳои узви САAД ба ҳама гуна таҳдиду ситезаҷӯиҳои ҷаҳони муосир истодагарӣ карда метавонанд.**

"Тамринҳои муштараки Нерӯҳои дастаҷамъонаи зудамали САAД дар минтақаи ҷануби Тоҷикистон, наздикии марз бо Афғонистон нахустин размоиши бузургмиқёс буда, ман мутмаинам, ки то замони дар марзҳои ҷанубӣ боқӣ мондани омилҳои ноамнӣ, ба чунин машқҳо идома бахшида мешавад", - қайд кард Шералӣ Мирзо.

Вазири мудофиаи Тоҷикистон амалиёти муштараки Нерӯҳои дастаҷамъонаи зудамали САAД-ро дар тамрингоҳи "Ҳарбмайдон" дар сатҳи баланд арзёбӣ намуд.

Дабири кулли САAД Николай Бордюжа таъкид дошт, ки вазъи мавҷуда дар Афғонистон, ки ба кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ хатар эҷод мекунад, ба баргузор намудани тамринҳои муштараки Нерӯҳои дастаҷамъонаи зудамали САAД дар наздикии марз бо ин кишвар боис гардид. "Размоишҳо дар тамрингоҳи "Ҳарбмайдон" гувоҳи онанд, ки кишварҳои узви САAД ба ҳама гуна ҷараёну сурат гирифтани вазъ дар минтақа омодаанд", - афзуд дабири кулли Созмон.

Бино ба иттилои сардори маркази матбуоти Вазорати мудофиаи Тоҷикистон Фаридун Маҳмадалиев мавқеъҳои Нерӯҳои зудамали САAД дар марзи Тоҷикистону Афғонистон дар самтҳои Шаҳритус, Панҷ, Ҳамадонӣ ва Дарвоз муқаррар карда шуданд.

Қобили зикр аст, ки дар амалиётҳои санҷиши ногаҳонӣ зикршуда воҳидҳои Нерӯҳои зудамал аз тамоми кишварҳои узви Созмон - Арманистон, Беларус, Қазоқистон, Қирғизистон, Русия ва Тоҷикистон иштирок доранд. Ба амалиёти мазкур дар маҷмӯъ беш аз 2,5 ҳазор хизматчиёни ҳарбӣ, ҳудуди 200 адад аслиҳаву муҳимот ва техникаи ҳарбӣ (бо шумули автомашинаи ҷангии зиреҳпӯш) БТР ва автомашинаи ҷангии десантӣ (БМД), наздики 20 ҳавопаймои ҷангӣ ва чархболҳо ва ҳамчунин 30 адад ҳавопаймои авиатсияи низомӣ-наклиётӣ сафарбар шуданд.

Ҷузъу том ва воҳидҳои ҳарбии Нерӯҳои зудамали САAД давоми рӯзҳои 13-15 май таъҷилан ба қаламрави Тоҷикистон интиқол дода шуданд. Нерӯҳои зудамали САAД соли 2009 таъсис дода шуда, ҳайати шахсиаш аз 22 ҳазор нафар сарбозону афсарон иборат аст.

## <u>ФАТВО:</u> «ҲАМЛАИ МАРГТАЛАБОНА ҲАРОМ АСТ»

***Тақрибан 200 нафар аз рӯҳониёни Покистон бо судури як фатво гуфтанд, ки ҳамлаи маргталабона ғайриисломӣ аст. Ин фатво дар ҷараёни конфронсе дар шаҳри Лоҳур рӯзи 17-уми май содир шуд ва дар он гуфта мешавад, ки бар асоси фармудаҳои шариат, ҳамлаи маргталабона ғайриисломӣ ва ҳаром аст. Дар фатвои рӯҳониёни покистонӣ омадааст, ки идеологияҳои гурӯҳҳои Давлати исломӣ, Таҳрики Толибон, Ал-қоида низ ғайриисломӣ ва ҷоҳолат аст. Ба гуфтаи рӯҳониён, муҳофизати ғайримусулмонон барои як кишвари исломӣ фарз ва шарт аст. Рӯҳониёни Покистон афзудаанд, мухолифони ваксинзании кӯдакон дар ин кишвар мардумро гумроҳ мекунанд ва онҳое, ки занони духтурро мекушанд, "бадтарин ҷинояткоранд". Дар Покистон тундравони исломӣ пайваста духтуронеро ҳадаф мегиранд, ки бо роҳи доругузаронӣ кӯдаконро аз бемории фалаҷи атфол эмин нигоҳ медоранд. Ҳамла ба ақаллиятҳои мазҳабӣ дар Покистон низ солҳои ахир зиёд шудааст.***

**БАХШИДА БА СОЛИ ОИЛА**

# Макони меҳру муҳаббат

**Тибқи Барномаи баргузории ҳамоиши ҷумҳуриявии бонувони ҳизбӣ бахшида ба Соли оила таҳти унвони "Оила макони меҳру муҳаббат" санаи 13 майи соли 2015 бо роҳбарии Раиси ҲХДТ Раъно Бобоҷониён гурӯҳи бонувони барӯманд аз КИМ ҲХДТ ва минтақаҳои ҷумҳурӣ барои иштирок дар чорабиниҳои адабию фарҳангӣ ба вилояти Суғд ташриф овarданд.**



Чунин чорабиниҳо дар 6 шаҳру ноҳияҳои вилоят - Хуҷанд, Конибодом, Қайроққум, Чкалов, Ҷ.Расулов ва Спитамен бо иштироки фаъолонаи меҳмонон ва дастгирии МИҲД дар сатҳи баланди ташкилию фарҳангӣ баргузор шуданд. Мувофиқи барномаҳои фарҳангии шаҳру ноҳияхо пеш аз оғози чорабиниҳо меҳмононро раисони шаҳру ноҳияҳо пазирой карданд.

Аз ҷумла дар Қасри фарҳанги шаҳри Хуҷанд бо иштироки фаъолони ҳизб чорабинии тантанавӣ доир гардид, ки дар он муовини Раиси ҲХДТ Раъно Бобоҷониён ва роҳбарияти КИ ҲХДТ дар шаҳри Хуҷанду маркази маъмурии вилояти Суғд ширкат намуданд.

Меҳмонон қабл аз чорабинӣ маҳсули дастони ҳунармандии ҳизбиёни шаҳр ва саҳначаеро аз рӯзгори як оила, ки аз тарафи донишҷӯёну толибилмони муассисаҳои таълимиву олии шаҳр намоиш дода шуд.

Чорабиниро раиси КИ ҲХДТ дар шаҳри Хуҷанд Наим Маликисломов ҳусни ифтитоҳ бахшид. Дар он санаҳои фархундаи рӯзгори якҷояи оилаи ҳамсарон Мирзопӯлод Иброҳимову Соҳиба Комилова, Абдушукур Солиеву Матлуба Содиқова ва Холиқҷону Муҳаббат Неъматҷоновҳо қайд карда шуд.

Зикр кардан бамаврид аст, ки оилаҳои мазкур аз оилаҳои намунавии шаҳри Хуҷанд буда, дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ солҳои зиёд хизмати шоиста кардаанд. Ҳамсарони меҳрубон аз таҷрибаи бои зиндагии хеш нақл карда изҳор доштанд, ки мӯҷиби хушбахтии оила дар ҳамдигарфаҳмиву эҳтироми якдигар аст.



Ҳунарманди театр ва кино Марям Исоева аз чунин як чорабинии бошукӯҳ ба завқ омада, ба ташаббускорони чорабинӣ изҳори сипос намуд ва фикру мулоҳизаи хешро оид ба одоби оиладориву омилҳои таъмини ҳаёти хушбахтона дар оила баён дошт.

Суруду таронаҳои дилангези сарояндаҳои хушовоз Маҳками Баҳриддин ва Дадоҷон Рустамов чорабиниро шукӯҳи тоза бахшид. Ба оилаҳои соҳибҷашн муовини Раиси ҲХДТ Раъно Бобоҷониён ва Раиси шаҳри Хуҷанд Раҷаббой Аҳмадзода туҳфаҳои хотиравӣ тақдим карданд.

**М.МАҚСУДОВ**

**АЗ ИДОРА:** ***Чунин чорабиниҳо қаблан дар ноҳияҳои Хуросон ва Балҷувони вилояти Хатлон низ баргузор гардиданд.***

# Бояд забону қалбамон як бошад

**Ҳафтаи сипаришуда дар ноҳияи Синои пойтахт, бо мақсади иҷроиши дастуру супоришҳои Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон бо иштироки раисони ташкилотҳои ибтидоии ҳизбии ҳудуди ноҳия ҷаласа доир гардид, ки дар он Абдураҳим Шоев, мудири бахши омори Дастгоҳи КИМ ҲХДТ низ иштирок кард.**

Дар ҷаласа масъалаҳои баҷайдгирии амиқи аъзои ҳизб ва як қатор масъалаҳои дохилиҳизбӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт. Қайд гардид, ки дар ноҳияи Сино шумораи аъзои ҲХДТ зиёда аз 8 ҳазор нафарро ташкил медиҳанд ва сол аз сол ин шумора зиёд шуда истодааст.

Зимни суҳбат Абдураҳим Шоев афзуд: "Бояд, имрӯз ба сифати аъзои ҳизб аҳамияти бештар дода шавад ва дар вақти ба узвият пазируфтани ҳар як нафаре, ки майли пайвастан ба ҲХДТ-ро дорад, санҷиши ҳаматарафа гузаронида шавад. Зеро имрӯз тавачӯҳ ба ҲХДТ зиёд шудааст. Аз ин хотир моро зарур аст, ки талаботи Низомнома ва Оиннномаи дохилиҳизбиро ба пуррагӣ риоя кунем ва бояд забону қалбамон як бошад".

Ҳамчунин қайд карда шуд, ки ҲХДТ зиёда аз 4 ҳазору 200 ячейкаи ибтидоӣ дорад ва ягона ҳизбест, ки дар тамоми шаҳру навоҳии кишвар ташкилотҳои ибтидоиаш фаъоланд.

Дар анҷоми ҷаласа ба ҳамаи раисони ташкилотҳои ибтидоии ҳизбии ноҳия варақаҳои махсуси барӯихатгирии аъзои ҳизб тақсим карда шуд ва эшон муваззаф гардиданд, ки дар муҳлати муайяншуда шумораи дақиқи аъзои ҳизбро ба Раёсати КИМ ҲХДТ пешниҳод намоянд.

**И. ТОҲИР**



**ФАТТОҲЗОДА С.С.**
*Муовини якуми Раиси ҲХДТ*

# ҲАЗОР ПАЁМИ СОЗАНДА

**Мо дар марҳилае ҳаёт ба сар мебарем, ки дар ташаккул ва танзими афкори ҷомеа, ҷанбаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ , иҷтимоӣ ва фарҳангии он васоити ахбори омма нақши калидӣ дорад. ВАО-ро бесабаб "ҳокимияти чаҳорум" наменоманд. Пӯшида нест, ки дар замони муосир, касе ба иттилоот дастрасӣ дошта бошад, бартарияти ӯ назди дигарон ба хубӣ эҳсос мешавад. Касе, ки иттилоотро идора мекунад, имкон дорад, ки ба афкори ҷомеа низ таъсир расонад.**

**Бо пайдоиши хат,** ки баъдтар ба арзи вуҷуд намудани нахустин дастгоҳҳои чопӣ замина гузошт, имконияти муошırати инсон ва табодули иттилоот дар ҷомеа ба таври хеле васеъ фароҳам омад.

Дар натиҷаи чунин таҳаввулоти густурда матбуот ба вуҷуд омад, ки дастрасии иттилоотро барои омма хеле осон кард. Яке аз хусусиятҳои умдаи матбуот ин буд, ки ба хонандагони худ таъсири бесобиқа дошт. Баъдтар бо пайдо шудани технологияҳои нави иттилоотӣ ва воситаҳои муосири ахбори омма ин навъи таъсиррасонӣ тақвияти бештаре пайдо кард.

Имрӯз ВАО аз сарчашмаҳои асосии хабаррасонӣ ва дар натиҷа воситаҳои муҳими идораи афкори ҷомеа маҳсуб мешавад. Феълан ВАО имкон дорад, ки ба тамоми самтҳои ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла сиёсат, иқтисодиёт, фарҳанг, таърих таъсир расонад. Шояд ҳамин хусусияти ВАО аст, ки гоҳо он барои таҳрифи воқеият, муташанниҷ сохтани авзои ҷомеа истифода мешавад. Таърих шоҳиди далелҳои зиёд аст, ки дар натиҷаи паҳн кардани иттилои бардурӯғ ва таҳрифшуда кишварҳо ва минтақаҳо ба ҷангу хушунат кашида шуданд, бузургтарин бонкҳову ширкатҳо муфлис гардиданд, ки дар натиҷа ба заиф шудани низоми иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва бекор мондану муҳоҷир шудани миллионҳо нафар оварда расонид. Боиси таассуф аст, ки истифодаи муғризона аз дастгоҳҳои иттилоотӣ дар гузаштаи на чандон дур, яъне солҳои навадуми қарни гузашта ба вазъи сиёсии кишвари мо низ таъсир расонд, ки боиси ҷанги шаҳрвандӣ, инқирози пояҳои давлатдорӣ ва ҳалокати садҳо нафар шаҳрвандон гардид. Аз ин лиҳоз ҳам хеле муҳим аст, ки ВАО ҳамчун воситаи паҳнкунии иттилоот бояд дар дасти қувваҳои солим ва ватандӯст бошад.

Инчунин нодида гирифтани хизмати ВАО ҷиҳати истиқрори сулҳ, таҳкими пояҳои ваҳдат ва оштии миллӣ дар кишвари мо аз рӯи инсоф нест. Бо кӯшишу талошҳои Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар кишвар фазои мусоиди иттилоотӣ фароҳам оварда шуд. Амнияти иттилоотии мамлакат яке аз масъалаҳои аввалиндараҷае буд, ки бояд ҷомеаи моро аз таъсири ҳуҷуми иттилоотии беруна, ки ҳадафмандона ҷиҳати ноором кардани фазои сиёсӣ роҳандозӣ мешуд, ҳимоя мекард. Ҳафтаномаи "Минбари халқ", нашрияи марказии Ҳизби Халқии Тоҷикистон (холо ҲХДТ), ки имрӯз ҳазорумин шумораи он нашр мешавад, дар ҳамин солҳои ноором ва тақдирсоз арзи вуҷуд намуд, то паёми сулҳу ваҳдатро ба мардуми кишвар расонад.

Ҳафтаномаи "Минбари халқ" гарчанде, ки дар оғоз бо теъдоди хеле маҳдуд нашр мешуд, аз шумораҳои нахустин рисолати таблиғи ғояҳои созанда ва бунёдкоронаи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, инъикоси воқеии ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии ҷомеаро ба дӯш гирифт. Ҳамин рисолати созанда буд, ки ҳафтаномаи мазкур дар ҷомеа аз маҳбубияти хос бархурдор гардид ва имрӯз ба яке аз рӯзномаҳои сертиражтарини кишвар табдил ёфтааст.

Вале мо бояд фаромӯш накунем, ки дар замони рушди босуръати технологияҳои муосир, ба хусус технологияи иттилоотӣ бояд ҳамқадам бо замона бошем. Бахши иттилоотии ҳизбро бо истифода аз технологияҳои муосир тақвият диҳем. Дар ин замина вазифа ва ҳадафҳои ҳафтаномаи мо низ бояд мутобиқ ба раванди сиёсии ҷаҳон ва таҳаввулоти ҷомеаи муосир бошад. Дар замони рушди босуръати ҷаҳонишавӣ, ки фазои иттилоотӣ тамоми сарҳадҳоро убур кардааст, матбуоти миллӣ бояд дар таъмини амният ва ҳимояи фазои иттилоотии кишвар қадамҳои устувор гузорад.

Имрӯз тасаввур кардани самтҳои гуногунҷанбаи ҳаёти ҷомеа бидуни муносибатҳои иттилоотӣ, бидуни дастрасӣ ва истифодаи иттилоот, ғайриимкон аст. Новобаста аз он, ки солҳои охир дар ҷаҳон рушди бемайлони технологияҳои компютерӣ ба назар мерасад, нақши матбуот ба ҳайси як сарчашмаи муътамад дар паҳн кардани иттилооти босифат ва воқеӣ хеле муҳим ва назаррас боқӣ мемонад.

Ҷои баҳс нест, ки бо пайдо шудани шабакаҳои интернетӣ, дастрасии ҷомеа ба иттилоот нисбатан соддаву осон гардидааст. Вале на ҳамеша ба саҳеҳият ва дурустии ахбороти интернетӣ кафолат дода мешавад. Дар замони муосир интернет на танҳо ба сифати як майдони бузурги иттилоотӣ, балки ба ҳайси дастгоҳи муқтадири таблиғотӣ низ истифода мешавад, ки манфиатҳои муғризонаи геополитикӣ, геостратегӣ ва геоиқтисодии гурӯҳҳо ва корпоратсияҳои алоҳидаро ҳимоя мекунад. Вобаста ба ин вазифа ва ҳадафҳои журналистикаи касбӣ, матбуоти миллӣ аз ҷумла ҳафтаномаи "Минбари халқ" бояд ҳифзи фазои иттилоотии кишвар аз ҳама гуна таҳдидҳои беруна, хабарҳои иғвобарангез ва таъмини ҷомеа бо иттилооти дурусту саҳеҳ бошад, ки ҳадафҳои олии он ҳифзи арзишҳои миллӣ, таърихӣ, фарҳангӣ ва инчунин мусоидат ба рушди иқтисодиёт, илм, технология ва дигар соҳаҳои ҳаётан муҳим аст.

Матбуот, бахусус рӯзнома дорои хусусиятҳои хос ва аз дигар воситаҳои ахбори омма фарқкунанда аст. Маводи рӯзнома маҳсули фаъолияти маънавӣ аст, ки бо мақсади таъсир расонидан ба афкори инсон, гурӯҳи муштариён ва ё дар маҷмуъ ҷомеа, тавсеаи ҷаҳонбинӣ ва гирифтани тасмимҳои дурусти инсон дар муҳите, ки зиндагӣ дорад, равона шудааст. Рӯзнома воситаест, ки талаботи инсонро ҷиҳати дастрасӣ ба иттилоот, муошират ва ғанӣ гардонидани донишу маърифати он қонеъ месозад. Бо дар назардошти ин муҳим будани таъсири матбуотро ба ҷомеа дарк намуда, рӯзноманигорон вазифадоранд, ки ба муштариёни худ ҳаддалимкон ахбороти саҳеҳ ва воқеиро пешниҳод намоянд. Онҳо бояд ҳамеша дар мадди назар дошта бошанд, ки тақдири инсон, оромии ҷомеа ва ҳатто муносибати давлатҳову миллатҳо аз маҳсули қалами онҳо вобаста аст. Бояд манфиатҳои миллӣ ва давлатиро аз ҳар гуна манфиатҳои гурӯҳиву шахсӣ боло гузоранд.

Таҳаввулоти солҳои охир дар арсаи байналмилалӣ собит намуданд, ки баъзе кишварҳо ҷиҳати роҳандозӣ намудани ҳадафҳои геополитикии худ аз технологияҳои нави иттилоотӣ самаранок истифода мебаранд. Ҳодисаҳои "баҳори араб" далели қотеи ин гуфтаҳо буда метавонанд. Дар як давраи хеле кӯтоҳи таърихӣ таҳрифи воқеият ва таҳрики мардум ба ошӯбу инқилоб, боиси он гардид, ки пояҳои суннатии давлатдорӣ дар кишварҳои араб мисли Ироқ, Либия, Миср, Сурия ба шикаст мувоҷеҳ шуда, садҳо ҳазор нафар аҳолии ин кишварҳо қурбони псевдоидеологияи демократӣ гарданд. Яке аз иллатҳои асосии инқирози ин давлатҳо заъфи амнияти иттилоотӣ буд, ки алайҳи таҳмили ақида ва идеологияи ғайр муқовимат карда натавонист.

Вобаста ба таҳаввулоти солҳои ахир дар ҷомеаи ҷаҳонӣ гумон мекунам рисолати имрӯзаи матбуот, аз ҷумла нашрияҳои ҳизбии мо дар он аст, ки дар баробари инъикоси ҳаёти воқеии дохили кишвар, дастовард ва камбудиҳои ҳизбӣ, нашри маволиби таҳлиливу танқидӣ дар самти таъмини амнияти иттилоотӣ, шарҳи воқеаву ҳодисаҳои минтақавию байналмилалӣ ва ба ин васила ба мардум расонидани ахбороти саҳеҳу дуруст, фаъолияти густурдаро ба роҳ монанд. Дар ободиву амнияти Ватани азизамон, инъикоси иқдомҳои созандаи Роҳбари давлат ва Раиси муаззами ҳизбамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳифзи арзишҳои милливу таърихӣ, таблиғи ғояҳои созандаи ҳизб ва ислоҳоти камбудиҳои ҷомеа саҳмгузор бошанд

Имрӯз шумораи ҳазорумини нашрияи марказии ҲХДТ "Минбари халқ" нашр мешавад. Нахустин шумораи ин ҳафтанома моҳи сентябри соли 1996 чоп шуда, то имрӯз роҳи пурпечутоб ва на ҳамеша ҳамворро тай намудааст. Вале як чиз муҳаққақ аст, ки тули фаъолияти худ ҳафтанома бо сабку услуи ба худ хос ба мактаби бузурге табдил ёфт, ки дар он насли мухталифи журналистони касбӣ ба камол расиданд. Дар арафаи нашри ҳазорумин шумораи ҳафтанома, ки воқеан ҳам ҳодисаи фараҳбахш аст, ба мо имконият даст дод, ки идораи нашрияро таъмир ва бо таҷҳизоти зарурӣ таъмин намуда, барои ҳайати эҷодии он шароити мусоид фароҳам орем. Нашри ҳазорумин шумораи ҳафтаномаро ба ҳайати эҷодӣ ва хонандагони доимии он табрик гуфта, итминон дорем, ки ин навгониҳо ба фаъолияти самарабахши ҳайати эҷодии ҳафтанома ва сифатан беҳтар шудани шумораҳои минбаъдаи он заминаи мусоид фароҳам хоҳанд овард.

**Ҳамзистӣ бо қавму қабила ва милалу халқҳои дигар маҳсули хирад ва хайрандешист.**



# РОҲБАРЕ БО ХИРАДИ ХУСРАВОНӢ

**С**АРВАРОНИ хирадманди тамоми миллатҳо ҳамин роҳу равишро пеш гирифта, онро сармашқи давлатдории худ қарор дода буданд. Дар сарзамини мо низ сарвароне буданд, ки ҳамин фарҳанги ваҳдатро истифода мекарданд. Чунончӣ, дар замони ҳукмронии Хусрави Анушервон ба туфайли сиёсати башардӯстонаи ӯ олимони Юнон ва атрофу акнофи давлати ӯ ба дарбораш фуруд омада, боиси авҷ гирифтани тамаддуни ин сарзамин гардиданд. Худи Хусрави Анӯшервон бошад, аз муошират бо ин олимон аз ҳикмати Юнон баҳравар шуда, асарҳои ҷовидонаи Афлотун "Давлат", "Қонунҳо", инчунин таълимоти Арасту ва дигар хирадмандони юнониро мутолиа карда, дар давлатдориаш истифода менамуд. Аз ин ҷиҳат давлатдории ӯ равнақи одилона гирифта, то имрӯз дар таърих Хусрав бо унвони Анушервони одил машҳур аст.

Писари Хусрави Анушервон - Ҳурмузди 4 (579-590) ба ҳама мубадони зардуштӣ мактуб навишта, таъкид мекунад, ки «мисли ин ки тахти подшоҳии мо дар асоси ду пояи пеш бе ду пояи қафо устувор шуда наметавонад, давлати мо низ наметавонад дар сурати ғазаби насрониҳо ва намояндагони дигар адёни сарзамини мо рушду нумӯъ намояд.»

Бинобар ин ба иззати нафси насрониён ва намояндагони дигар адён таҷовуз накунед ва сабаби ранҷиши хотири эшон нашавед. Чунон амал кунед, ки рафтору кирдори шумо боиси ҳусни таваҷҷуҳи эшон гардад. Амалҳои неки шуморо дида, нисбат ба шумо ва дини шумо эҳтиром гузоранд.»

Ин хирадмандии Хусрав ва ворисони ӯ боиси муътадил пеш рафтани корҳои давлатӣ, рушду нумӯи маънавиёт ва иқтисодиёти сарзамини онҳо гардид.

Муассисони давлати Сомониён низ ҳамин сиёсатро пеш гирифта, ба комёбиҳои бузурги моддӣ ва маънавӣ ноил гардиданд. Аз гуфтаҳои "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ чунин бармеояд, ки Хусрави Анушервон барои давлати Сомониён ҳам беҳтарин идеали сиёсатмадорӣ будааст.

Аз таҷрибаи тӯлонии таърих бармеояд, ки боэътибортарин санади фарҳанги сулҳ бахшидани гуноҳи рақиб ва пазируфтани узри ӯст. Барои ин амалро анҷом додан, хирадманде бояд, ки ба манфиати қавми худ ва қавми дигар хизмат карда тавонад, зеро бехирад аз саманди ғурур фуруд намеояд ва таассуб ақли ӯро тира ва хира карда дар ҳамин саманди ҷаҳл ҷавлон медиҳад. Яъне сулҳ аз гузашт кардан ва афву узр пазируфтан иборат аст. Пайғамбари акрам (с) ҳам дар сари задухӯрдҳои Маккаву Мадина андеша карда, ба хулосае омад, ки бояд ба хунрезӣ хотима дода шавад ва ба хотири аз хунрезӣ наҷот додани қавму қабила бо тамоми шартҳои пешниҳодкардаи нангин ва сангини Макка розӣ шуд. Аҳли Макка дар назди Пайғамбари акрам ва ёрону саҳобаи ӯ чунин шарт гузоштанд, ки «Қурайш ба ту сулҳ мекунад, ба шарти он ки имсол аз ин ҷо баргардӣ ва соли дигар, агар амр бошад, омада ба ҳаҷҷи умра қиём намоӣ». Шарти дигари онҳо ин буд, ки то даҳ сол миёни мусулмонон ва Қурайши Макка моддаи қаттол ва ҷаддол марфуъ бошад. Дигар он ки дар қаламрави Макка ва Мадина рафтуомад озод бошад ва ба молу ҳоли якдигар зарару зиёне нарасонанд.

Чун мусулмонон имсол бозгашта, соли дигар ҷиҳати гузаронидани ҳаҷҷи умра ба Макка оянд, аслиҳаи эшон дар ғилоф бошад ва зиёда аз се рӯз дар Макка набошанд.

Агар касе аз Макка муртад шуда, ба Мадина равад, бояд мусулмонон онро ба Макка баргардонанд, вале агар Худо накунад, касе аз мусулмонони Мадина муртад шавад ва ба Макка равад, ба Мадина баргардонида намешавад.

Баъд аз гузоштан ва қабул кардани ҳамаи ин шартҳо аз тарафи Пайғамбари акрам (с) ва саҳобаи ӯ мебоист онро дар рӯи коғаз карда, имзо ва муҳр мегузоштанд. Ва ноқилони асрор чунин гуфтанд, ки баъд аз теъдоди шартҳои сулҳ Ҳазрати Муқаддаси Набавӣ Авз бинни Хулои Ансориро талаб дошт, то ба китобати аҳднома қиём намояд. Суҳайл бини Амру, ки аз ҷониби Макка буд, гуфт: **"Эй Муҳаммад, бояд ин китобатро писари амуи ту Алӣ кунад ё Усмон".** Бинобар ин Ҳазрати расул (с) Алиро фармуд: **"Бинавис. Бисмилоҳи-ар-раҳмону ар-раҳим". Суҳайл гуфт: "Ба Худо савганд, ки мо Раҳмонро намешиносем, ки чӣ касест, бинавис биисмика алоҳум, чунонки пештар менавиштӣ".** Мусулмонон дар изтироб омада гуфтанд **"Мо ба ғайр аз Бисмилоҳи-ар-раҳмону-ар-раҳим чизе бинависем"?!!**

Расулуллоҳ фармуд: **"ки эй, Алӣ, бинавис, ки биисмика алоҳум"**. Амир-ал-мӯъминин мувофиқи фармудаи (с) амал намуд. Баъд аз он Ҳазрат (с) фармуд, ки: "бинавис: Муҳаммад расулуллоҳ". Алӣ онро навишт, Суҳайл гуфт: "Мо эътироф бар рисолати ту надорем ва агар медонистем ту Расули Худоӣ, туро аз зиёрати хонаи Каъба боз намедоштем". Пайғамбар (с) фармуд: "эй, Алӣ: бинавис, Муҳаммад ибни Абдуллоҳ". Амир-ал-мӯъминин гуфт: "Ман лафзи рисолати туро маҳв нагардонам". Суҳайл гуфт: "Эй Алӣ, расулуллоҳро маҳв кун ва илло ман аз ин масолиҳат безорам".

Ва Амир-ал-муъминин саҳифаро аз даст андохта, майл кард, ки шамшер аз ғилоф берун оварад. Ҳазрати Расул фармуд: **"Бигузор, эй Алӣ"! Амир-ал-муъминин гуфт: "Маро муроот ва таъзими ҷониби шумо монеъ меояд, ки ин калимаро маҳв кунам"**. Ҳазрати Мустафо (с) саҳифаро гирифт ва лафзи Расулро маҳв фармуд.

Аҳдномаи Ҳудайбийя, чунонки гуфта шуд, ғалабаи ақлу хирад бар ҷаҳолату разолат ва ғалабаи меҳру шафқат бар кинаву адоват буд. Меҳрубонии Пайғамбарро мардуми Макка дида, нисбат ба Ислому Пайғамбари он эътиқодашон афзуд. Ин сулҳ ғалабаи маънавии Исломро муҳайё карда, барои пиёда карданимафкураи Ислом заминаи маънавӣ тайёр кард. Бинобар гуфтаи Абӯбакри Сиддиқ **"ҳеҷ фатҳе дар Ислом монанди сулҳи Ҳудайбийя набуд"**. Рафтору гуфтор, азму иродаи Пайғамбарро дар роҳи наҷот додани Маккаву Мадина аз хунрезӣ дида, имонашон нисбат ба ислом афзуд. Дар айни ҳол ахлоқи Пайғамбар (с) он муъҷизае буд, ки дили мардуми қабоили Макка ва Мадинаро мусаххар кард:

Дар мавриди сулҳи Ҳудайбийя, ки Пайғамбар (с) дар муқобили фузулӣ ва кибру ғурури ашрофи Макка фурӯтанӣ ва шикастнафсӣ ихтиёр карда буд, барои баъзе ёрони ӯ чандон мақбул наомада буд, аз ҷумла Умар (с) ба Пайғамбар гуфт:

**"Чаро ин ҳама ҳақорат қабул мекунем ва мазаллат ихтиёр менамоем"**. Алӣ низ, чунонки дидем, аз ин дар изтироб буд. Пайғамбар (с) рӯи муборак ба Алӣ (р) оварда гуфт: **"Билзарурият мисли ин рӯй хоҳад дод"**, яъне дар зарурият раво бошад.

Минбаъд ҳангоме ки Амир-ал-мӯъминин ба ҷиҳати муҳорибаи Муовия бинни Абусуфён лашкар ба Сафин кашид ва муддати муқобила ва муқотила ба дуру дароз анҷомид, Алӣ рӯй ба сулҳ овард ва ба он шева рафтор кард.

Мавриди зикр аст, ки дар истиқрори сулҳи тоҷикон низ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон ҳамин хиради раббонӣ ва хусравониро ба кор бурда, ба хотири сулҳу салоҳ барои оппозитсион гузаштҳои зиёд карданд ва қариб ба тамоми шарту шароитҳои пешниҳодкардаи онҳо мусоидат намуданд. Дар атрофи Президент низ ашхосе буданд, ки ба гузашткуниҳои ӯ хилоф мекарданд, вале Ҷаноби Олӣ сарфи назар аз ин муқобилиятҳо изҳор доштанд, ки "мехоҳед, намехоҳед", ман онҳоро бар мегардонам, дар паҳлуи худ мешинонам ва бо ҳам кор мекунем".

Ба туфайли ҳамин азму иродаи Президенти ҷумҳурӣ Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон истиқрори сулҳи тоҷикон сурат гирифт. Ҳамин тавр, дар дохили миллати тоҷик дар тамоми давраҳои таърихӣ хирадмандоне буданд ва ҳастанд, ки ба туфайли андешаи хирадмандонаи онҳо душманӣ ба дӯстӣ табдил меёбад. Дар ҳар миллат ду тоифа вуҷуд дорад, ки амали тоифае ба "васл кардан" ва амали тоифае ба "фасл кардан" нигаронида шудааст. Ҳамчунон, ки Мавлонои бузург мефармоянд:

***Мо барои васл кардан омадем,***
***Не барои фасл кардан омадем.***

Решаи ваҳдати миллӣ дар амонӣ ва хайрхоҳии афроди миллат нисбат ба якдигар аст. Омили эҷодкунандаи ин ваҳдат ғурури миллӣ буда, асоси ғурури миллӣ худшиносии миллист, ки дар заминаи хотираи таърихӣ сурат мегирад. Ҳар як фарди миллат ҳамон вақт нисбат ба миллаташ ҳусни таввақҷӯҳ пайдо мекунад, ки бо таърихи тамаддуни ӯ шинос бошад ва ба он фахр кунад. Дар ин самт гузаштагони миллатдӯсти мо корҳои босазое карда, таърихи миллати моро нигоҳ дошта, то имрӯз ба мо ирсол карданд. Аз ҷумла дар санги хоро Дорошоҳ дар бораи сулолаи ҳахоманишиҳо навишт. Дорошоҳ бо аслу насаби худ меболад, фахр мекунад ва барои миллаташ ин лавҳаи фахриро боқӣ мегузорад. Ва мо низ имрӯз бо навиштаҷоти Кӯҳи Бесутун, тахти Ҷамшед, бо Ҷамшедҳову фаридунҳову Дорошоҳони худ меболем ва онҳо мавриди ифтихори миллии мо қарор гирифтаанд. Минбаъд дар давраи Сосониҳо сарварони он "Авасто"-ро аз сари нав эҳё карданд ва агар ин амалро онҳо анҷом намедоданд, хатари билкулл аз байн рафтани осори Зардуштӣ вуҷуд дошт. Ва фақат ба туфайли ин хизмати таърихии Сосониён мо имконият пайдо кардем то гузаштаи худамонро гум накунем ва хотираи таърихиро нигоҳ дошта, ба оламиён нишон диҳем, ки мо миллати бостонии Ориёнажодем.

Дар марҳилаи таъсис ёфтани Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати Ҳукумати Шӯравӣ боз ҳамин масъалаи ғурури миллӣ ва худшиносии миллӣ ва хотираи таърихӣ ба миён омад. Ашхосе ҳаракат карданд, то миллати тоҷикро саркӯб карда, аз арсаи таърих берун кунанд. Дар ин айём каҳрамони миллат устод Садриддин Айнӣ кӯшиш ба харҷ дода, ба хотири худшиносии миллӣ ва нигоҳ доштани хотираи таърихӣ "Намунаҳои адабиёти тоҷик"-ро дастраси умум гардонида, аз як тараф миллатро бо ғановати маънавии ӯ шинос карда, аз тарафи дигар миллатро аз бадхоҳони ӯ ҳимоя намуда, ба оламиён мунодӣ дод, ки ин халқ дорои тамаддуни қадимаест, ки мислаш кам диданист.

Бояд хотирнишон кард, ки дар охири асри XX ва аввали асри XXI боз хатари аз байн рафтани тамаддуни тоҷикон ба туфайли як гурӯҳи бехираду тиҳӣ аз худшиносии миллӣ ба миён омад. Ин хатар бо азму иродаи Президенти ҷумҳурӣ Эмомалӣ Раҳмон рафъ гардид. Вале дигар омиле вуҷуд дорад, ки ба ҳуввияти миллии мо таҳдид мекунад ва он глобализатсияи тамаддунҳост.

Президенти муҳтарам, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон борҳо гаштаву баргашта таъкид мекунанд, ки мо бояд дар ин шароит ҳушёр бошем, то ҳуввияти худамонро аз даст надиҳем, зеро чунин хатар дар шаклҳои гуногун моро тахдид карда истодааст. Ин таъсирро дар соҳаҳои гуногуни маънавиёт ҳис кардан мумкин аст, чунончӣ дар зери таъсири тамаддун, фарҳанг, филму мусиқии бурунмарзӣ завқи баъзе ҷавонони мо аз асли миллӣ дур шуда истодааст. Агар минбаъд ҳам ин тамоюл ривоҷ ёбад, он боиси тағйир ёфтани завқи миллии ҷавонон ва мембранаи эстетикии он мегардад. Ҳамин майлро Президенти ҷумҳурӣ Эмомалӣ Раҳмон пай бурда, шашмақомхонӣ, фалакхонӣ ва ба мисли инро ташвиқ менамоянд. Ривоҷ додани анъанаҳои классикӣ ва ба амал баровардани онҳо ва инчунин бузургдошти тамаддуни Ориёӣ, иди Наврӯз ва амсоли ин барои дар рӯҳияи миллӣ ва тамаддуни миллӣ тарбия кардани ҷавонони мо аҳамияти босазое дорад.

Президенти ҷумҳурӣ Эмомалӣ Раҳмон дар риштаи сиёсат, таъриху фарҳанг, маънавиёт ва санъату адабиёт амалҳоеро анҷом доданд, ки миллати моро аз махлутшавӣ дар тамаддуни глобалӣ наҷот дода, ҳуввияти онро нигоҳ медоранд. Ин хизмати Президенти ҷумҳурӣ дар радифи хидмати бузургтарин ҳомиёни тамаддуни миллати мо қарор гирифта, номи ӯро дар қатори дигарон ҳамчунин шахси таърихӣ, ҷовидонӣ мегардонад. Рисолате, ки Президенти маҳбуби мо барои миллати хеш анҷом додааст, барҳақ хоси Пешвои миллат аст.

**Нодир ОДИЛОВ,**
*профессор*

# ФАРРИ ХУРШЕДӢ ДАР ҶАБИНАШ ҲУВАЙДОСТ

**Таърих ба ҳар навъе навишта мешавад. Матбуот яке аз василаҳои сабти рӯйдодҳо ва ҳодисаҳои замон аст, ки аз ин тариқ барои имрӯзиёну ояндагон нақл мешавад. Дар ҳазор шумораи "Минбари халқ" низ таърихи мо сабт шуда ва вақте бастаҳои ин нашрияро варақгардон мекунем, рӯйдодҳои муҳими таърихи кишварамон пеши назар ҷилвагар мешавад. Бахше аз ин матолиб бозтоби кору фаъолияти Сардори давлат ва аз меъморони зиндагии мо дар шароити навин аст. Бо рӯйгардон кардани саҳифаҳои зардшудаи ин нашрия ҳамзамон баъзе аз воқеаҳои зиндагӣ ва рӯзҳои кори хабарнигориам пеши назар омад, ки бевосита ба фаъолияти ҷаноби Президант иртибот дошта ва гӯшаҳое аз симои аслии ӯро бозтоб мекунад.**



Я**КЕ** аз рӯзҳои гарми июли соли 1993 буд. Он вақт ман дар бахши барномаҳои сиёсии Радиои Тоҷикистон кор мекардам. Раиси вақти радио журналисти шинохта Мансур Султонов ба воситаи мудири бахш маро ба наздаш хонда гуфт, ки фаврӣ ба маҷлисе, ки дар ҳузури муовини аввали нахуствазир М. Убайдуллоев баргузор мешавад, биравам.

Таъкид ҳам кард, ки дастгоҳи сабтро ҳам ҳатман бо худ гирам.

Ман ба зудӣ аз пайи иҷрои ин амр шуда диктофон дар китф ба бинои Кумитаи Марказӣ, ҳозира Қасри Раёсати ҷумҳурӣ ҳозир шудам.

Дар даромадгоҳ маро ба ошёнаи дуюми бино ва тарафи рости он раҳнамоӣ карданд. Вақте ба қабулгоҳи Убайдуллоев расидам, фаҳмонданд, ки маҷлис чанд дақиқа пеш сар шуда ва ҳоло метавонам оҳиста ва ором даромада ба гӯшае бишинам.

Дар утоқ 10 -12 нафар нишаста буданд, суҳбат дар мавриди аҳамияти сулҳу субот, бозгардондани гурезаҳо аз Бадахшон ба водии Вахш буд. Убайдуллоев чанд сухани дигар дар мавриди аҳамияти суҳбати рӯ ба рӯ бо гурезаҳо баён карда гуфт, ки мақсад аз даъвати шумо ҳам ин аст. Ҳоло бошад бо ҳам ба назди Раис меравем, он кас ба шумо суҳбат карда масъалаҳоеро, ки дар ин сафар бояд бештар тавҷҷуҳ кунед, васеътар мефаҳмонанд.

Маълум шуд, ки аҳли нишаст ҳама аз сокинони минтақаи водии Вахш буда барои сафари як ҳафтаӣ ба Бадахшон даъват шудаанд.

Эмомалӣ Раҳмон, ки дар Иҷлосияи 16 - уми Шӯрои олӣ дар Хуҷанд ба унвони раиси Шӯро ва ҳамзамон Сардори давлати Тоҷикистон интихоб шуда буд дар ҳамин бино ва дар ҳамин ошёна менишаст.

Вақте ҳайатро ба ҳузури он кас раҳнамоӣ карданд ба назар расид, ки дар қабулгоҳ ба ҷуз чанд нафар низомипӯш каси дигаре набуд. Дар қабулгоҳ ҳама чиз оддӣ ва бекаруфар буд. Ману суратгири "Ховар" низ аз паси гурӯҳ вориди утоқ шудем.

Сардори давлат моро дар назди дар пешвоз гирифта бо ҳар яке даст дода "салом алайк" кард ва пас ҳамаро ба нишастан даъват намуд.

Ҳама гузашта ба курсиҳо нишастанд.

Ман ба тайёр кардани дастгоҳи сабт, ки як диктофони беш аз 4 килограмии венгерӣ (маҷористонӣ) буд, пардохтам, то бахшҳоеро аз ин суҳбат сабт кунам.

Вале тараддуди ману суратгирро дида Раис гуфт: - Ҳоло суҳбате, ки инҷо мешавад сабт накунед, сурат ҳам нагиред. Шумо ҳам гузашта шинед, бо ин ҳайат ба Бадахшон меравед ва ҳар ҳунаре дошта бошед он ҷо нишон медиҳед.

Ба ин тартиб мо низ ғайриихтиёр ба гурӯҳе, ки то чанд соати дигар бояд ба Хоруғ сафар кунад, ҳамроҳ шудем.

Ин дуввумин дидори ман ба унвони хабарнигор бо Эмомалӣ Раҳмон дар мақоми Сардори давлати Тоҷикистон буд. Чунин як мулоқоти рӯҳбахши дигар андаке пештар дар ҷашни Наврӯзи ҳамон сол, дар Боғи марказии шаҳри Кофарниҳон низ иттифоқ афтода буд. Он вақт ҳам бо супориши мақомоти Радио ба маркази ноҳия рафта будам ва бояд аз барномаи идона гузориш таҳия мекардам. Вазъият сахт ноором буд ва дар бораи иштироки Сардори давлат дар ин маросим касе расман чизе намегуфт. Мо дар рӯзҳои таътили наврӯзӣ дар радио навбатдорӣ мекардему рӯзҳои камхабарӣ ҳам буд, вале пеш аз рафтан ба ин ноҳия ишора карданд, ки эҳтимолан Сардори давлат ҳам иштирок ва суханронӣ мекунад, ки ҳатман сабт карда ҳар чи зуд ба Душанбе баргардам ва барои пахш дар барномаҳои ахбори ҳамон рӯз омода кунам.

***Сардори давлат дар ҷашни Наврӯзи Кофарниҳон дар ҳақиқат иштирок ва суханронӣ кард. Дар мавриди фазилатҳои ин ҷашни бостонӣ, ташнаи сулҳ будани мардум, аҳамияти ваҳдат ва ҳамдигарфаҳмӣ гуфт.***

Ёдам, ҳаст, ки дар ин ҷашн ҳамчунин чанд меҳмони хориҷӣ низ Раҳбари давлатро ҳамроҳӣ мекарданд.

Аммо суҳбати Сардори давлат бо ҳайати мақомот ва шахсиятҳои ноҳияҳои минтақаи Қурғонтеппа дар фазои дигар, вале боз ҳам дар рӯзҳои сангину сахт баргузор шуд.

Ин ҳамон давроне буд, ки бисёриҳо дар ғами ҷони худ буданд ва доштани ҳар гуна масъулияту гирифтани вазифа як сӯ истад, ҳатто аз гуфтани ҳарфе дар ҳимоят аз давлат ва сиёсати вақт ҳазар мекарданд. Инро мо бо чашми худ медидему бо гӯш мешунидем. Он рӯзҳо беш аз ҳар вақти дигар зарурати бо афроди сатҳи мухталиф суҳбат кардан буд, вале чун дархости мусоҳиба барои радио мекардем, бисёриҳо мегуфтанд: - Монед уко (ё додар), тинҷ гардем.

Дар ҳамин гуна як марҳалаи ҳассос Эмомалӣ Раҳмон давлат ташкил намудаву фаъолияти онро раҳбарӣ мекард. Тарҳҳое барои бозгашти субот ва оромиро мекашиду ба иҷро мерасонд.

Ташкилу эъзоми ҳайати таблиғотӣ аз шумори сокинони навоҳии водии Вахш низ яке аз чунин иқдомоти созанда буд.ки дар мавридаш суҳбат шуд.

Дар суҳбати рӯ ба рӯ бо ин афрод, ки мақому вазифаҳои гуногуне дар маҳалли зисти худ доштанд, аз ҷумла дар мавриди мушкилоти зиндагӣ ва зарурати бозгашти гурезаҳо ба маҳали қаблии зисташон, ба тадриҷ фароҳам шудани шароити ором дар ин минтақа табодули назар сурат гирифт.

Сардори давлат гуфт: - Ман медонам, ки як тарафи оромии вазъият ва дубора обод шудани водии Вахш дар бозгашти гурезаҳо, аз ҷумла аз минтақаи Бадахшон вобаста аст.

Ба ҳамин наздикӣ ман аз сафари ин минтақа баргаштам. Хабар дорам, ки бештари гурезаҳо дар шаҳри Хоруғ, ки сокинонаш худ рӯзҳои сахтеро мегузаронанд, ҷамъ омада ба мушкили онон сарборӣ шудаанд.

Он рӯзҳо бисёриҳо интизори ворид шудани нирӯҳои Фронти халқӣ аз роҳи ағбаи Хобрубот буданд.

Аммо Сардори давлат дар ибтидои ин вохӯрӣ таъкид кард, ки қувваҳои давлатӣ ҳеҷ гоҳ ин корро намекунад.

- Мо то ҳастем аз ворид шудани ҳамагуна нерӯ ба он тарафи ағбаи Хобрубот пешгирӣ мекунем. Вале гурезаҳо ҳам бояд дарк кунанд, аз он ки дарди сари дигарон бошанд, беҳтар аст, баргарданд манзилҳои худро дубора соҳиб шаванд ва обод кунанд.

Раҳбари давлат дар омади гап ҳамчунин ба ин маънӣ гуфт: - Зиндагӣ дар ҳама ҷо вазнин аст ва гумон мекунед ман ин ҷо дар иҷрои вазифаҳои хидматии худ мушкил надорам? Ҳамин рӯзҳо чанд нафар медароянд, ки Раис, иҷозат деҳ, аз ағба гузарем.

Аммо ман ҳеҷ гоҳ ба чунини амал иҷозат намедиҳам, зеро медонам, ки бисёре аз қувваҳо чӣ дар дохил ва чӣ дар берун ин лаҳзаро интизоранд. Ва инро ҳам медонам, ки дохил шудани нерӯҳои Фронти халқӣ ба қаламрави Бадахшон боиси бесуботиҳои бештар ва тӯлонитар шудани муқовиматҳо бо мухолифон хоҳад шуд.

Ин ҳарфҳое аст, ки ман ҳанӯз дар тобистони соли 1993 аз забони Ҷаноби президент шунидам ва хеле баъдтар, ин ҳарфҳоро, агар иштибоҳ нашавад, дар соли 2007 зимни баргузории як Конференсияи байналмилалӣ ба муносибати даҳумин солгарди имзои Созишномаи сулҳ дар Душанбе бори дигар такрор карданд.



**АКС БАРОИ ХОТИРА:** ***Президент бо гурӯҳе аз хабарнигорони ВАО-и дохилӣ ва хориҷӣ.***

***Қароргоҳи Раиси ҷумҳур дар Пугуси дараи Варзоб. 23 июни 2005. Эмомалӣ Раҳмон соате пас бо сафири ҳусни нияти СММ Малика Нур мулоқот кард. Аммо саҳар замоне Президент барои омодагӣ ба маҳалли баргузории ин вохӯрӣ омад, моро дида баъд аз салому аҳволпурсӣ гуфт: - Ин қадар барвақт омадед, то мулоқот боз ду соат вақт аст. Медонам, дер намонем, гуфта чой ҳам нахӯрда омадаед.***

***Ӯ дар пайи ин суханон ба яке дастур дод, ки барои хабарнигорон наҳор тайёр кунанд. Ба мо маслиҳат дод, ки то вақти омода шудани наҳор манзараҳои зебои атрофро тамошо кунему ҳаловат барем. Ва боз пешниҳод кард, ки акси хотира бигирем. Суратгири "Ховар" Мақсудҷон Муҳиддинҷонов ин лаҳзаро дар он даҳ соли қабл барои ёдоварӣ гирифта буд.***

Аммо дар он мулоқоти қабл аз сафар ба Бадахшон тавсия доданд, ки дар вохӯрию мулоқот бо гурезаҳо шароити зиндагӣ дар водии Вахшро ҳамон тавре, ки ҳаст, ба ҳамон ранг нақл кунед, аз мушкилиҳо ҳам бигӯед. Аммо ин ки вазъият рӯ ба оромӣ овардаву имкони зиндагӣ ва пешбурди рӯзгор ба қадри лозим фароҳам шудааст, инро ҳам бояд ба онон тавзеҳ диҳед.

Пас аз мулоқот, ҳайат бо чархбол ба Хоруғ парвоз кард ва мо ҳам раҳбарияти худро телефонӣ огоҳ намуда ба аъзои ҳайат ҳамроҳ шудем.

Дар Хоруғ гурӯҳи кориро Қозидавлат Қоимдодов, ки он замон вазифаи раиси Шӯрои Олиро бар ӯҳда дошту пештар ба Бадахшон рафта буд пешвоз гирифта ба се гурӯҳ тақсим ва барои сафар ба навоҳии вилоят мусоидат кард…

Сафари мо беш аз як ҳафта давом ёфт ва аъзои ҳайат зимни он боздид ва дар вохӯриҳо бо гурезаҳо дар шаҳру ноҳияҳои вилоят бовар ҳосил карданд, ки онон майли бозгашт доранду муштоқи дидани манзилҳояшон шудаанд, вале аз чигунагии вазъият дар ҳарос ҳастанд.

Боздиди ғайримунтазира, аз ҷумла барои мо низ бобарор буд ва маводи сабтию овозие, ки бо худ овардем, муддати чанд вақт ва ба таври силсилагузоришҳо аз Бадахшон дар барномаҳои радио садо дода баҳои баланд гирифт.

Ин нукта ҳам муҳим буд, ки Раҳбари давлат дар ин дидор барои ҳар кадоме аз иштирокчиёни мулоқот як фарди бо азми қавӣ ва устувор дар иҷрои барномаи берун бурдани кишвар аз ҳолати ҷангӣ ва буҳрон маълум шуд. Ин мавзеи пойдори Президент дар солҳои баъдии раҳбарӣ бо нерӯ ва ҷасорати бештар ошкор шуда таҳаввулоти бузурге дар кишвар ба вуҷуд овард.

Имрӯз бо гузашти беш аз ду даҳсола вақте сухан аз нақши кишварҳо ва созмонҳои байналмилалӣ дар эҷоди заминаи сулҳ ва бозгашти оромӣ дар Тоҷикистон меравад, ман ба унвони як шаҳрванд ва шоҳиди рӯйдодҳои гузашта ин иддаоҳоро қисман қабул дорам, вале мутмаинам, ки ҷойгоҳи аслиро дар ин раванд худи Сардори давлат бо ҳамон азми қавии худ дошту дорад.

Агар дигарон нақше ҳам дошта бошанд шояд ин буда, ки дар иҷрои тарҳҳое, ки дар ниҳоди давлат бо ҳидояти Эмомалӣ Раҳмон дар ин замина таҳия мешуданд камтар монеасозӣ карданд.

Як воқеаи дигарро аз он даврон наметавонам нақл накунам. Ҳанӯз Санади сулҳ ва оштӣ имзо нашуда буд ва рӯзе Зайниддин, яке аз рафиқони он замонҳо ҳамкорамон бо ҳаяҷон ин қиссаро кард.

Вай гуфт: - Як даста аз ҳамдиёронам аз Қалъаихумб бинобар набуди нақлиёт ва баста будани ағба азм кардаанд, пиёда роҳи Душанберо пеш гирифта аз пайраҳаи кӯҳистонии (он замон ноободӣ) Зиғар-Шоҳон, машҳур ба Девдара ба самти Кӯлоб раҳсипор шудаанд.

Ҳанӯз роҳро ним накарда аз болои сарашон як чархбол ин тарафу он тараф парвоз карда мегузарад.

Онҳо мебинанд, ки чархбол низомӣ аст ва гумон мекунанд, ки аз нерӯҳои марзбон бошад ва ба роҳи худ идома медиҳанд.

Пас аз ягон соати дигари ҳаракат ба як минтақаи ободтари роҳ мерасанд, ки рӯ ба рӯяшон як мошини ҳарбии БТР меояд.

Ба гуфтаи рафиқи ҳамкорам, ҳамсафарон ба даҳшат меафтанд, чунки он рӯзҳо бо ҳарбиёну афроди силоҳбадаст рӯ ба рӯ шудан чандон хушҳолкунанда набуд.

Онҳо дар ҳоли ҳайрат дар ҷои худ меистанд ва интизор мешаванд, ки афроди савори БТР чи амре мекунанд. Аммо ғайри интизори онон яке аз низомиҳо бо чеҳраи хандон амр мекунад, ки "Сағераҳо, савор шавед! Тақдиратон баландӣ кард".

Муносибати гарми он низомиро дида ҳама, ки дар роҳ хаста шуда буданд, бе гапи изофӣ ба мошин мечаспанд.

Ба гуфти мусоҳибам, мусофирон фақат дар роҳ сабаби ба пешвозашон баромадани ин низомиёнро мефаҳманд.

Маълум мешавад, ки бо ҳамон чархболе, ки аз болои сарашон гузашта буд , Сардори давлат бо чанд тан аз муттахассисони роҳсоз ва масъулони минтақа парвоз карда бо шароити иҷрои тарҳи сохти роҳи Кӯлоб - Зиғар - Қалъаихумб шинос шудааст. Президент замоне, ки ин пиёдаҳоро мебинад ба ҳамсафаронаш савол медиҳад, ки то роҳи калон инҳо дар чанд рӯз мерасида бошанд? Ҷавоб мешунавад, ки дар 3 ё 4 рӯз.

Боз мепурсад, ки оё илоҷи зудтар расондани онҳо ҳаст? Яке аз мақомоти ҳамроҳи Раиси ҷумҳур мегӯяд, ки агар ягон мошини низомӣ аз қисми ҳарбии дар ҳамин минтақа буда ба ёриашон ояду аз нимароҳ гирад, зудтар мерасанд.

Сардори давлат ба яке аз мақомҳои ҳамроҳаш дастур медиҳад, ки амр кунад, ки фаврӣ мошинеро барои ёрӣ ба афроди пиёда бифиристанд то ононро ба роҳи калон ва ҷои ободтаре расонад.

Ҳамон тавре медонед, бозсозӣ ва сохтани ин роҳи ноobод бо азму талоши Сардори давлат дар солҳое оғоз шуд, ки ҳанӯз дар бархе аз минтақаҳои кишвар муқовиматҳои мусаллаҳона бо гурӯҳҳои мухолифон давом дошт.

Роҳкушоӣ ва пайванд кардани минтақаҳои аз марказ дур аз дигар хислати Президент аст, ки дар навиштаҳои матбуот пайваста мунъакис шудааст.

Аммо дар мавриди самимият ва муҳаббате, ки ӯ нисбат ба ҳар шаҳрванд дорад, ман бештар аз қиссаҳои шифоҳии худи шоҳидон мешунавам. Дар ин қиссаҳо чеҳраи офтобии Сардори давлат бештару рӯшантар бозтоб мешавад.

Дар як суҳбат ноиби президенти АУ Тоҷикистон, академик Муҳиба Яъқубова ҳикояте кард, ки нишонаи дигаре аз чунин як самимият ва хислати инсонпарварии Сардори давлат аст.

Муаллима бо муҳаббати саршор гуфт: - Президентамон боре пеш аз сафари расмӣ ба Фаронса дар як маҷлис дар мавриди барномаи ин боздид ва тарҳи санадҳое, ки бояд ба имзо расад, аз ҷумла нақшаи мулоқоташон бо тоҷикҳои муқими Париж сухан карданд.

Ман дар поёни ин ҷаласа ҷасорат карда ба наздашон рафта хоҳиш кардам, ки зимни сафар агар тавонанд аз аҳволи духтарам Гулбаҳор (Гулбаҳор Мирзоева, шоира ва филмсоз), ки беш аз 20 сол боз дар Париж зиндагӣ мекунад, бохабар шаванд.

Ба гуфтаи муаллима, ӯ ин хоҳишро ба унвони модар ва аз сӯзи дил нисбат ба тақдири ин ҷигарбанди худ карда буд ва кам бовар дошт, ки Президент дар чорчӯби як боздиди расмӣ хоҳиши маро ҳам фаромӯш намекунанд.

Муаллима мегӯяд: - Аммо он кас ғайричашмдошт пас аз бозгашт дар ҳошияи як маҷлис ба ман муроҷиат карда гуфтанд, ки "Муаллима, хоҳишатонро иҷро кардам".

Баъд пурсиданд, ки гузориши вохӯрӣ бо тоҷикони Парижро аз телевизион дидам ё не? Онҷо Гулбаҳор ҳам буд ва мо суҳбат доштем.

Ман гуфтам, ки "Оре, дидам ва ба шумо ташаккур".

Муаллима ин иқдоми президентро як нишонаи баланди одамгарӣ ва эҳтиромаш ба ҳар шаҳрванд дониста таъкид мекунад: - Ин гуна эҳтиром мутақобил ва дуҷониба бояд бошад.

Ба ин суханони як зани донишманд чӣ чизе мешавад илова кард? Дар ҳақиқат вақте аз як шахс чизе мехоҳем, дар посух бояд худ низ битавонем чизе бидиҳем. Агар ҳеҷ чиз дода наметавонем ҳадиақал нисбаташ ҳарфи бад назанем ва аз хубиҳояш сухан гӯем. Мисли он ки мо ин ҷо кардем.

**Солеҳ ЮСУФОВ**

**Сабақи зиндагӣ**

# Ба қадри тинҷиву осудагӣ расем

**Шумораи 1000-умини нашрияи дӯстдоштаам "Минбари халқ" инак, ба дасти хонанда мерасад. Гулгулшукуфии ҳаёти имрӯза, пешрафту тараққиёт, дастурхони пурнозу неъматро дида, гиря гулӯгирам мешавад ва рӯзгори вазнини солҳои 90-уми қарни гузаштаи ҷумҳуриамон, аз он ҷумла фаъолиятамро дар МИҲД ноҳияи Ғончӣ ба хотир меорам. Мехоҳам порае аз онро пешкаши хонандагон гардонам.**

**ПРЕЗИДЕНТИ** кишвар, Раиси ҲХДТ Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳар вохӯриву мулоқотҳояшон бо мардум таъкид месозанд, ки ба қадри ҳаёти осудаи имрӯз бирасем. Тинҷиву амонӣ ва дастурхони пурнозу неъмати имрӯзаро бо солҳои вазнини 90-уми қарни гузашта қиёс кунему хулоса барорем. Ба фарзандон, хусусан ба ҷавонон мо, насли калонсол сабақи зиндагӣ диҳему онҳоро аз гумроҳшавӣ ва рафтан ба роҳи хато нигаҳ дорем.

Роҳбари давлат сад дар сад дуруст мегӯянд. Камина аз зумраи онҳое ҳастам, ки азобу шиканҷаҳои он замонро ба ивази аз даст додани саломатиам таҳаммул кардаам. Бо амри тақдир соли 1995 вакили мардумӣ дар Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва соле пас муовини аввали раиси ноҳия шудам. Ҷумҳуриамон ба касофати ҷанги бародаркуши таҳмилӣ рӯзҳои басо сангинро аз сар мегузаронд. Хусусан гуруснагӣ, норасоии ғизои асосӣ -нон бо панҷаҳои оҳанинаш аз гиребони мардум сахт қапида буд. Рӯзе набуд, ки ба назди ман чун муовини аввал 15-20 нафар бо арзу дархост, хусусан барои дастрас кардани як пора нон муроҷиат накунанд. Ҳанӯз аз хотирам намеравад, он рӯзҳои пурдаҳшат, ки як зан бо 3 кӯдаки гуруснааш омада дидагирён ба ман илтиҷо кард:

-Раис, майлаш ман аз гуруснагӣ мирам, лекин ҳамин бачаякомро бурда ба хонаи бачаҳо диҳед, онҳо намиранд… Мутаассифона, илоҷ надоштам. Охирон нони ҳамсарам пухтаро 1 соат пеш ба як рускампирак дода будам.

**Он вақт хун ба сарам зад ва инони ихтиёр аз даст дода дар утоқи корӣ фарёд зада будам: марги ман, муовини аввали раиси ноҳияро диҳад, ки имкон надорам ба ҳамин кӯдакони маъсум ёрӣ расонам.** Он солҳо ноҳияи Ғончӣ 76% субвенсия мегирифт. Вазъи молиявӣ дар сатҳи вилоят низ хеле вазнин буд. Кормандони соҳаи буҷет моҳҳо маош намегирифтанд.

Ҳамин гуна вазниниҳо ва асабонияту азобҳои рӯҳӣ маро ахиран гирифтори бемории диабети қанду фишори хун кард. Кор ба дараҷае расида буд, ки ёрову тоқати ба бинои ҳукумати ноҳия даромадан надоштам. Баробари ба он ворид шудан фишори хунам баланд мешуд. Бо азобе 5 сол кор кардам. Ахиран сактаи дил маро маҷбур кард, ки соли 2001-ум ба нафақа бароям. Ва инак, 14 сол мешавад, ки нафақахӯр ҳастам…

Ман ин ҳамаро на ба хотири пешорӯ овардани фаъолияти кориам гуфтам. Балки ғараз аз ин ҳушдор додани насли ҷавон аз рӯзгори пешин, пешгирӣ кардани онҳо аз рафтан ба роҳи хатои зиндагӣ аст. Ёдрас кардани рӯзҳои вазнини гузаштаву ҳидоят кардан ба қадршиносии ҳаёти осудаву осоиштаи имрӯзи мост, ки ба шарофfти ҷонфидоиву заҳматҳои бепоёни Сарвари давлати мо ба даст омадааст. Ҳар касе ба қадри ин осоиштагиву оромиҳо ва сериву фаровониҳо нарасад, он шахсро бо таъбири мардумӣ «кӯрнамак» мегӯянд.

Чун имрӯз мебинам, ки иддае аз роҳбарон ба ҷурми порагириву сӯистифода аз мансаб ба даст меафтанд, аз кор сабукдӯш мешаванд, ба онҳо ҳайфам меояд, ки боварии Роҳбари давлатро зери по месозанд. Хусусан, ки ҷиноят дар самти тақсимоти замин бештар ба назар мерасад. Хуб дар хотир дорам, ки замони муовини аввал буданам дар деҳаи Кӯчкинаи ноҳия 35 гектар заминро барои аҳолӣ чун қитъаи наздиҳавлигӣ тақсим кардему Худованд шоҳид, ки заррае аз нафаре ақаллан як пора нон умедвор шуда бошам.

Бо як сухан чун роҳбари собиқадор, ки тақозои тақдиру қисмат бисёр пастиву баландиҳо ва талхиву шириниҳои зиндагиро паси сар кардам, даъват ба амал меорам, ки ба ғамхориву дастгириҳои Роҳбари давлат, меҳнату заҳмати шоистааш баҳри ободии Ватани маҳбуб, пуштибониаш аз сулҳу амонӣ бирасем. Рӯзгори талхи солҳои 90-уми қарни гузашта бигзор бароямон сабақи бузурги зиндагӣ бошад.



**Абдусаттор СУБҲОНОВ,**
*вакили МОҶТ, даъвати 1-ум,*
*муовини якуми раиси ноҳияи*
*Ғончӣ дар солҳои 1996-2001*

# Шариф Раҳимзода: МУНОСИБАТРО БО САРМОЯ ДИГАР КУНЕМ

u Иқтисодиёти кишвар ба ислоҳот ниёз дорад...
u Қабули Қонунҳои хуб ва иҷрои онҳоро таъмин кунем...
u Бояд имрӯз ба низоме гузарем, ки ҳамаи ҳисобҳо дақиқ бошад...
u Устувории пули миллӣ аз сиёсати Бонки миллӣ вобаста аст...

***Бо таваҷҷуҳ ба аҳамияти вазъи иқтисодии Тоҷикистон ва таъсири буҳрони молӣ ба кишварҳои минтақа, бо иқтисоддони шинохта Шариф Раҳимзода, вакили МН МО Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоҳибае анҷом додем, ки фишурдаи онро манзури хонандагон мегардонем.***



**- Лутфан бигӯед, ки ба назари Шумо вазъи имрӯзаи иқтисодиёти кишвар дар муқоиса бо дигар кишварҳо дар кадом сатҳ қарор дорад, яъне дар ҳоли рушд аст ё баръакс рӯ ба инқироз?**

- Вақте мо ҳамчун иқтисодчӣ ба иқтисодиёт баҳо медиҳем, ҳамеша вазъи имрӯзаро бо гузашта муқоиса мекунем. Вазъи иқтисодӣ нисбат ба соли гузашта мусбӣ аст. Масалан аз аввали имсол Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта, зиёда аз 5 фоиз афзудааст. Вале агар онро бо нақша ё нишондиҳандаҳои барномавӣ муқоиса кунем, суръати рушд сусттар шудааст.

Соли 2014 рушди Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ 6,7 фоиз ва соли 2013 7,4 фоизро ташкил дода буд. Мумкин имсол нисбатан камтар шавад, зеро таҳримҳои кишварҳои аврупоӣ ва қитъаи Америка нисбати шарикони тиҷоратии мо андешидашуда ба вазъи иқтисодиёти мо аллакай таъсири манфӣ расонидаанд.

Тоҷикистон ҳамчун субъекти муносибатҳои байналмилалӣ бо як қатор кишварҳо ҳамкории иқтисодию тиҷоратӣ дорад. Бештар ҳамкориҳои мо ба Русия, Қазоқистон ва кишварҳои дигар рост меояд, ки имрӯз таъсири таҳримҳо ба иқтисодиёти онҳо расидааст. Масалан, сатҳи рушди иқтисодиёти Русия нисбат ба соли гузашта поён рафта қурби рубли русӣ якбора ду баробар коҳиш ёфт. Вобаста ба ин қобилияти харидории мардум низ кам шуд. Барои мисол як сол пеш 32,64 рубли рус ба як доллари ИМА баробар буд, вале дар соли 2014 бошад, 64 рубл ба як доллар расид. Гарчанде имсол қурби он каме боло рафтааст, вале ҳанӯз нисбати аввали соли гузашта фарқи калон дорад.

Вобаста аз он ки ҳамаи интиқолҳои ба Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшаванда, бо доллар ҳисоб карда мешаванд, паст рафтани қурби рубли русӣ боиси кам шудани маблағи интиқолҳои пулӣ гардидааст. Дар Русия тоҷиконе кору фаъолият мекунанд, ки шаҳрвандии Русияро доранд ва ба ватан маблағ интиқол медиҳанд. Илова бар ин, ҳамасола ба Русия зиёда аз 200 ҳазор тонна меваю сабзавот содирот мешавад. Вобаста ба ин, аз Русия ба Тоҷикистон маблағҳои муайян ворид мегардад. Масалан, соли гузашта аз Русия ва кишварҳои дигар ба Тоҷикистон қариб 4 миллиард доллари ИМА ворид шуда буд. Дигар шудани қурби рубли русӣ боиси кам шудани интиқоли маблағҳо бо арзиши доллар гардидааст ва он дар навбати худ боиси кам шудани талабот дар бозор шудааст. Яъне мардуме, ки ин маблағҳоро гирифта бо он аз бозор маҳсулот мехарид, акнун чунин имкониятро надорад ва ё имконияти камтарро соҳиб аст. Ба таври дигар қобилияти харидории мардум кам шудааст ва вобаста ба он фурӯши маҳсулот ва хизматрасонӣ низ кам мешавад, ки боиси суст шудани рушди соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт мегардад.

Солҳои пеш ММД бештар аз ҳисоби болоравии соҳаҳои хизматрасонӣ ва савдо таъмин карда мешуд. Хизматрасонӣ ва савдо ҳамасола 10 фоиз боло мерафтанд, саноату кишоварзӣ бошанд, 7-8 фоиз. Сабабаш интиқоли маблағҳо ва истифодаи онҳо барои хариди молу маҳсулот ва пардохти хизматрасонӣ буд. Ҳоло рушди соҳаҳои хизматрасонӣ ва савдо суст шуда, ҳиссаи онҳо дар Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ кам шуда истодааст.

Вале, хушбахтона, соҳаҳои саноату кишоварзӣ нисбатан муваффақанд ва онҳо рушди Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар чанд моҳи соли ҷориро таъмин намуданд. Ҳоло дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 5 корхонаи истеҳсоли семент сохта шуда истодааст ва вобаста ба ин сол аз сол истеҳсоли он зиёд мешавад. Гузашта аз ин, дар ҳоли ҳозир дар қисми шимолии кишвар, комплекси саноатӣ сохта шуда истодааст, аз ҷумла корхонаҳои металлургӣ, истеҳсоли семент ва чанди дигар, ки дар онҳо маъданҳои гуногун коркард карда хоҳанд шуд. Ҳамчунин сол аз сол истеҳсоли тилло меафзояд, корхонаҳои хурду бузурги насоҷӣ бунёд мешаванд, аз ҷумла сохтмони корхонаҳои коркарди пахта ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ дар ноҳияи Данғара идома дорад. Заминҳои нав дар қисми ҷанубии кишвар аз ҷониби ширкатҳои хитоӣ вобаста ба зарурати истеҳсоли барзиёди пахта аз худ карда мешавад. Ин аст, ки рушди соҳаи саноат идома дорад, аз ҷумла истеҳсоли ангишт пайваста зиёд шуда истодааст. Сохтмони марҳилаи дуюми Маркази барқу гармидиҳии шаҳри Душанбе (ТЭЦ-2) ва корхонаҳои нави дар боло зикршуда, ки бо истифодаи ангишт фаъолият мекунанд, афзоиши истеҳсоли ин намуди сӯзишвориро тақозо менамояд.

Ҳамин тариқ, иқтисодиёти Тоҷикистон дар ҳолати рушд қарор дорад ва бояд ҳамаи чораҳо андешида шаванд, то сатҳи мусбии он таъмин гардад.

**- Оё имрӯз иқтисодиёти кишвар ба ягон ислоҳоти ҷиддӣ ниёз дорад?**

- Иқтисодиёти ҳар мамлакат ҳамавақт ба ислоҳот ниёз дорад, зеро он қисми иқтисодиёти ҷаҳонист, ки бе пешравӣ талаботи рӯзафзуни одамонро қонеъ гардонида наметавонад. Ислоҳот ин ислоҳ кардану мутобиқ намудани иқтисодиёт ба талаботи замон аст. Бе ислоҳот пешравӣ нест. Бубинед, аъзои Иттиҳоди Аврупо кишварҳои пешрафтаанд, вале ҳар боре, ки як кишвар барои муҳлати муайян (шаш моҳ) идоракунии иттиҳодро ба даст мегирад, он барномаи ислоҳотии худро пешбарӣ мекунад. Мо низ бояд пайваста ислоҳот гузаронем ва бо роҳи ислоҳот иқтисодиёти кишварро ба шароити имрӯза ва шароити муносибатҳои ҷаҳонӣ мутобиқ гардонем. Мо бояд доим бозори ҷаҳониро таҳлил намоем ва донем, ки имрӯз ва давоми чанд соли оянда иқтисодиёти ҷаҳон ба кадом намуди молҳою хизматрасониҳо ниёз дорад, то истеҳсолоти худро ба он мутобиқ намоем.

*Мутаассифона, мо ба сармоягузорон дар ҳар як қадам мушкилӣ эҷод мекунем. Албатта на аз ҷиҳати қонунӣ, балки аз ҷиҳати рафтор кори онҳоро мушкил мегардонем. Барои мисол, сари вақт ҳуҷҷатҳояшонро намедиҳем, як кореро, ки шояд дар ду рӯз ҳал мешавад, моҳҳо кашол медиҳем.*

Имрӯзҳо суръати рушди илму техника ба дараҷае баланд аст, ки қисми он давоми як моҳ ё аз он ҳам камтар куҳна мешавад ва нафъашро фақат онҳое мебинанд, ки имкони истифодаи саривақтии онро доранд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рушди ҳамаи соҳаҳо барномаҳои мушаххас дорад ва онҳо мавриди амал қарор гирифтаанд. Албатта, самаранокӣ ва натиҷадиҳии онҳо аз нерӯи мутахассисон ва ба талаботи замону сатҳи рушди илму техника мутобиқ кардан вобаста аст.

Зарурати гузаронидани ислоҳот дар давраи мушкилиҳои иқтисодӣ боз ҳам зиёдтар мешавад. Ин аст, ки Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳам дар Паёмаш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам дар вохӯриаш бо зиёиён доир ба беҳтар кардани вазъи иқтисодиёт ва андешидани чораҳои мушаххас супоришҳо доданд, ки маънои гузаронидани ислоҳотро доранд.

**- Ба назари Шумо кадом омилҳое ҳастанд, ки барои рушди иқтисоди кишвар монеа мешаванд?**

- Пеш аз ҳама саривақт ва бо сифати зарурӣ иҷро нагардидани супоришҳо ва талаботи қонунҳои мавҷуда. Мутаассифона, қабули қонунҳои хуб гарави иҷрои хуби онҳо нест. Фикр мекунам, ки барои иҷро накардани талаботи қонун ва супоришҳо, пешбинӣ кардани ҷазоҳои вазнин ба мақсад мувофиқ аст.

Илова ба он, моро зарур аст, сатҳу сифати ҳимояи моликияти шахсиро баланд бардорем, то ки сармоягузорони дохилию хориҷӣ ба амнияти моликияташон боварии комил дошта бошанд.

Имрӯз ҳар кишваре, ки мехоҳад рушди иқтисодиёти худро таъмин намояд, пеш аз ҳама сармоя ҷалб мекунад. Фарқ надорад, ки сармоя дохилӣ аст ё берунӣ. Барои ҷалби сармоя зарур аст, ки вазъи кишвар ором бошад, муносибати мардум ба сармоя нек бошад. Хушбахтона имрӯз вазъи сиёсии Тоҷикистон ором аст, вале дар берун ба иқтисодиёти Тоҷикистон аз рӯи вазъи минтақа баҳо медиҳанд, яъне ноороми дар Афғонистони ҳамсоя ва овозаҳое, ки имрӯзҳо дар воситаҳои ахбори оммаи маҳалливу ҷаҳонӣ ҷой доранд боиси ташвиши сармоягузорон мегардад. Инчунин, вазъи муносибатҳои мо бо ҳамсояҳо, мушкилиҳои содироту воридоти молҳо ба кишвар, хароҷоти нисбатан бештар вобаста ба кӯҳсорони зиёди мо ва ғайра ҳам ба иқлими сармоягузорӣ таъсир мерасонад. Ҳамаи ин боиси он мегардад, ки сармоягузорон барои маблағгузорӣ дар Тоҷикистон на он қадар шавқманданд, зеро онҳо он қадар боварӣ надоранд, ки сармояи онҳо пурра ҳимоя мешавад. Албатта Ҳукумати кишвар ҳамаи чораҳоро андешида истодааст, то вазъи иқтисоду иқлими сармоягузорӣ пайваста беҳ гардад.

Вале, моро зарур аст, ки дар сатҳи маҳал сармоягузоронро бештару хубтар пазирой ва ҳимоя намоем.

Дигар ин ки мо ҳоло ҳам бо ҳамон психология (менталитети) Шӯравӣ амал мекунем, яъне ҳоло ҳам сармоя ва моликияти каси дигарро пурра эътироф намекунем. Масалан, дар бархе кишварҳои хориҷа моликият ин арзиши олӣ аст. Шумо наметавонед бе иҷозати як кас аз дарвозаи ӯ дохил шавед ва агар ин корро кунед, метавонанд шуморо ҳабс кунанд. Аммо мо ҳоло ба он одат накардаем, ки ҳуқуқи ба моликияти каси дигар дахолат карданро надорем. Вақте ки чи сармоягузори дохилӣ ва чи сармоягузори хориҷӣ дар Тоҷикистон моликияти худро дорад ва мо ба фаъолияти ӯ дахолат мекунем, албатта, ин боиси дилсардӣ мешавад. Ин боиси он мегардад, ки сармоягузор на танҳо дилсард мешавад, балки боз инро ба дигарон ҳам мегӯяд. Зеро сохторҳои байналмилалие ҳастанд, ки омӯзишҳо мегузаронанд ва аз сармоягузорон мепурсанд, ки вазъ чи гуна аст ва аз рӯи гуфтаҳои онҳо ба кишвар баҳогузорӣ мекунанд.

Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани вазъи сармоягузорӣ бевосита таҳти роҳбарии Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон амал мекунад ва ҳар се моҳ дар ҷаласаҳои худ масъалаҳои мубрами соҳаро баррасӣ менамояд. Аъзои Шӯро сармоягузорони дохилию хориҷиянд. Ҷаноби Олӣ, ки роҳбарии Шӯроро ба уҳда гирифтаанд, ҳар бор ба сохторҳои дахлдори ҳукуматӣ оид ба бартараф кардани монеъаҳо супоришҳои мушаххас медиҳанд.

Албатта беҳ кардани вазъи сармоягузорӣ раванди доимӣ аст ва бартараф намудани камбудиҳо аз як тараф ислоҳотро тақозо кунад, аз тарафи дигар тағйири муносибати мо ба моликиятро талаб менамояд. Мутаассифона ин вақти дарозтарро мехоҳад.

**- Чун дар бораи ҷалби сармоя ҳарф задед, ба назари Шумо барои ҷалби сармояҳои хориҷӣ чӣ кореро бояд ба сомон расонд?**

- Давоми чанд соли охир барои ҷалби сармоя бисёр қонунҳои хуб қабул кардаем, вале мушкил фақат дар татбиқи ин қонунҳо ва дар муносибат бо сармоя аст. Мутаассифона, мо ба сармоягузорон дар ҳар як қадам мушкилӣ эҷод мекунем. Албатта на аз ҷиҳати қонунӣ, балки аз ҷиҳати рафтор кори онҳоро мушкил мегардонем. Барои мисол, сари вақт ҳуҷҷатҳояшонро намедиҳем, як кореро, ки шояд дар ду рӯз ҳал мешавад, моҳҳо кашол медиҳем ё ин ки сармоягузорро барои як давраи муайян иҷозат медиҳем, вале новобаста аз фаъолияти хубаш ҳангоми додани иҷозат барои идомаи фаъолият мушкилиҳо эҷод мекунем. Яъне дар баробари ислоҳот ва беҳ кардани вазъи сармоягузорӣ мо бояд муносибати худро ба сармоягузор дигар кунем. Сармоя мисли як кабӯтаре ҳаст, ки агар донаш додӣ, меояд ва бо ту наздик мешавад, вале агар сангаш задӣ, мегурезад. Ин "кабӯтар"-ро эҳтиром бояд кард. Бубинед, ки дар баъзе шаҳрҳо кабӯтарҳо қариб зери пои одамон мемонанд, аммо намегурезанд. Зеро мардум бо онҳо муносибати хоса дорад . Ин ҳам як нишонаи сулҳу оромӣ аст.

**- Болоравии қурби доллар ва пастшавии қурби пули миллӣ ба зиндагии мардум бетаъсир набуд, ба андешаи Шумо барои рафъи ин мушкил чӣ бояд кард?**

- Пеш аз ҳама бояд эътироф кунем, ки доллар ҳам мол аст. Масалан, дар бозор як нафар картошка, нафари дигар себ ва сеюмӣ доллар мефурӯшанд. Қурб ин нархи пул аст ва нархи он мисли ҳама молҳои дигар вобаста аст аз пешниҳоду талабот. Агар картошка зиёд шуд, нархаш мефарояд вақте мавсимаш гузашту кам шуд, боз нархаш боло меравад. Доллар низ ҳамчун мол нархаш вобаста аст аз пешниҳоду талабот. Дар чанд моҳи охир воридоти маблағи асъори хориҷӣ ба Тоҷикистон 37 фоиз кам шуд, ки ин бениҳоят маблағи калон аст. Коршиносҳои хориҷӣ ҳисоб карданд, ки дар як сол воридоти доллар ба Тоҷикистон мумкин якуним миллиард кам шавад. Вақте воридоти доллар кам шуд, бояд дар муқобили он миқдори маблағи сомонӣ ҳам дар муомилот кам карда шавад, вале ин мушкил аст. Бинобар ин, вақте ки ҳамин тавозун вайрон шуд, нархи доллар ё ба таври дигар қурби он боло меравад.

***Мо бояд доим бозори ҷаҳониро таҳлил намоем ва донем, ки имрӯз ва давоми чанд соли оянда иқтисодиёти ҷаҳон ба кадом намуди молҳою хизматрасониҳо ниёз дорад, то истеҳсолоти худро ба он мутобиқ намоем.***

Барои кам кардани таъсири манфии чунин амал ба иқтисодиёту иҷтимоиёт дар бештари кишварҳо хариду фурӯш ва хизматрасониҳо бо пули миллӣ анҷом дода мешавад. Дар Тоҷикистон низ пули миллӣ (сомонӣ) воситаи ягонаи пардохт аст, вале дар асл



бештари пардохтҳо бо асъори хориҷӣ анҷом дода мешавад, ки мумкин ба фоидаи воридкунандагони мол бошад, вале бар зарари ҷомеа аст.

Агар мо бо сомонӣ маош гирем ва маҳсулоту хизматрасониҳоро аз бозор бо сомонӣ харидорӣ намоем, он гоҳ ба қобилияти харидории мо танҳо дигар шудани нархи маҳсулоту хизматрасонӣ метавонад таъсир расонад. Мутаассифона, набудани ҳисобдорӣ ва талаботи қатъӣ барои истифодаи сомонӣ ҳамчун воситаи пардохт боиси истифодаи бештари доллару таъсири манфии дигаршавии қурби он ба қобилияти харидории мо гардидааст.

Ҳаҷми молҳои воридотӣ дар мо зиёд аст ва аз ҷамъи умумии онҳо 18-20 фоизашро маводи ғизоӣ ва боқимондаро маҳсулоти дигар ташкил медиҳад, ки барои истифодаи умум ва сохтмони заводу фабрикаҳо истифода мешаванд. Новобаста аз он ки интиқоли маблағҳои хориҷӣ кам шудааст сохтмони корхонаҳо ва воридоти молу маҳсулот бо тағйироти каме идома дорад. Яъне ба чӯбу тахта ва маҳсулоти дигаре, ки барои сохтмон заруранд, талабот ҳаст.

Ин аст, ки кам шудани интиқолҳо сараввал ба қурби пули миллӣ, даромадҳои воридкунандагони молҳо ва ба нархи маҳсулоти воридотӣ таъсир мерасонад. Ва баъди чанде он ба нархи маҳсулоти истеҳсоли дохилӣ низ таъсир мерасонад. Дар ин давра ба ҳисоби миёна нархҳо ҳамагӣ 2,2 фоиз боло рафтанд, ки маънои нисбатан муътадил будани онҳоро дорад. Масалан, соли 2009, вақте иқтисодиёти ҷаҳон, аз он ҷумла кишвари мо, ба буҳрони молиявӣ дучор гардид, қурби пули миллӣ 27 фоиз поён рафта буд. Вале нархҳо ҳамагӣ 5 фоиз тағйир ёфтаанд.

Вақте қурби пули миллӣ тағйир меёбад, вобаста ба он талаботи мо ва сохтори сабади истеъмолии мардум низ дигар мешавад. Дар сабади истеъмолӣ маҳсулот ва талаботи аввалиндараҷа ва дуюмдараҷа ҷудо мешаванд. Байни онҳо таносуби муайян ҷой дошта ин таносуб вобаста ба даромадҳои аҳолӣ тағйир меёбад. Масалан, охири соли гузашта ҳиссаи хӯрокворӣ дар сабади истеъмолӣ 48 фоиз ва боқимонда ба 52 фоиз баробар буд. Баъди таъсири буҳрон ва кам шудани даромадҳои пулӣ ин таносуб ба тарафи зиёд шудани хароҷот барои ғизои дигар шудааст. Ин маънои онро дорад, ки акнун мо бештари даромадамонро барои маводи ғизоӣ ва камтари онро барои хариди маҳсулоти ниёзи дуюм, аз ҷумла телефон, компютер, мошин ва ғайра сарф мекунем.

Дар ҳоле, ки мо мехоҳем таъсири чунин вазъ ба иқтисодиёти мо камтар бошад, бояд ҳамчун воситаи хариду фурӯш пурра ба истифодаи пули миллӣ гузарем. Бояд тарзе фаъолияти корхонаҳо ва шахсони инфиродӣ ба роҳ монда шавад, ки дар ҳама ҷойҳо пули миллӣ истифода шуда нархҳо бо пули миллӣ бошад, маош новобаста аз он ки ба воситаи хазина ё бо даст бо пули миллӣ дода шаванд. Ҳамаи корхонаҳо ва шахсони инфиродӣ ҳисобу китоби аниқ дошта бошанд. Агар ҳисоб дуруст бошад, ҳама аз фоидаи ба даст овардааш андоз месупорад. Яъне бояд имрӯз ба низоме гузарем, ки ҳамаи ҳисобҳо дақиқ бошанд. Агар мо ин корро кунем, метавонем, ки ба осонӣ таъсири дигар шудани қурбу таъсири суст шудани суръати рушди иқтисодиётро ба зиндагии мардум камтар кунем. Вақте ки дар бораи қурб ва таъсири он ба вазъи иқтисодиёт ва зиндагии мардум сухан мегӯем, маошамонро бо доллар ҳисоб карда, бо вазъи чанд моҳи пеш муқоиса мекунем. Ин иштибоҳ аст, мо бояд маошамонро ба маҳсулот муқоиса кунем, ки чи қадар маҳсулот харидорӣ карда метавонем, шояд на бештар аз 10 фоиз фарқ кунад…

Инчунин моро зарур аст, ки ба сиёсати пулии кишварҳои шарики иқтисодию тиҷоратиамон диққат дода сиёсати пулии худро пеш барем. Бо мақсади дар сатҳи муайян нигоҳ доштани қобилияти харидории мардум ва таъмини рушди иқтисодиёт кишварҳои ҳамсоя қурби пулашонро поён бурданд. Масалан, Русия қурби пули миллиашро то 100 фоиз, Озарбойҷон 35 фоиз, Ӯзбекистон зиёда аз 50 фоиз, Қирғизистон 22 фоиз поён бурда, бо ин роҳ ҳам захираҳои тиллоиву асъориашонро ҳимоят карданд ва ҳам қобилияти харидории мардум ва рушди истеҳсолотро дар сатҳи муайян нигоҳ доштанд.

Дар ҷумҳурии мо низ қурби пули миллӣ то 37 фоиз поён рафт, вале он на натиҷаи сиёсати пулии дуруст, балки натиҷаи фишори вазъи ногувори бозори асъор буд. Дар натиҷа захираҳои асъорӣ қисман аз даст рафтанд, ки мувофиқи мақсад нест.

**- Оё эҳтимолияти болоравии қурби доллар ва беқурбшавии пули миллӣ дар оянда вуҷуд дорад ё на?**

- Имрӯз муносибатҳои байни кишварҳоро, ки ба қурби пулҳо таъсир мерасонанд, пешгӯӣ кардан хеле мушкил аст. Мо намедонем, ки фардо Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва Иттиҳоди Аврупо нисбат ба Русия боз чӣ таҳримҳое пешбинӣ мекунанд.

Вале агар ба вазъи имрӯза такя карда ба қурб баҳо диҳем, гуфтан мумкин аст, ки қурби пули миллӣ дар як сатҳи муайян қарор дорад. Мумкин боз каме поён равад, вале на он қадар зиёд. Мутаассифона намедонем, ки ба вазъи иқтисодии кишварҳои шарики мо чӣ таъсири иловагӣ мерасад. Суръати камшавии маблағҳо хеле суст шудааст. Ин имкон медиҳад, ки қурби пули миллӣ нисбатан устувор бошад. Устувории қурби пули миллӣ аз сиёсати Бонки миллӣ низ вобаста аст. Фикр мекунам, ки роҳбарияти нави Бонки миллӣ барномаи муайян доранд ва чораҳои мушаххас меандешанд, то қурби пули миллӣ дар як сатҳи муайян боқӣ монад. Ман инро пешгӯӣ карда наметавонам, ки масалан панҷ моҳ баъд қурби сомонӣ нисбати доллар чанд мешавад. Барои он ки омилҳое, ки ба ин таъсир мерасонанд, гуногун ва номуайянанд.

**- Ба назари Шумо барқарор намудани корхонаҳои аҳди Шӯравӣ муҳим аст, ё бунёди заводу фабрикаҳои нав?**

- Барқарор кардани корхонаҳои даври Шӯравӣ номумкин аст, зеро дар ин солҳо ҳамаи он технология куҳна шуда аз истеҳсолот гирифта шудаанд. Моро зарур аст, ки корхонаҳои нав ва технологияи нав созем. Технологияе, ки дар ҳақиқат маҳсулотро бо сифату арзиши бозори имрӯза мутобиқ истеҳсол карда тавонад. Бубинед, корхонаи насоҷие, ки пештар 20 гектар заминро ишғол мекард, ҳоло дар масоҳати 5 гектар ҷой мегирад. Таҷҳизот бо самаранокию ҳосилнокии чандин маротиба зиёд ва истифодаи ками қувваи корӣ аз ҷониби ширкатҳои аврупоӣ пешниҳод мешавад.

Болои он талабот ба молҳое, ки мо ба бозорҳои аврупоӣ бароварданием, дигар аст ва онро дар корхонаҳои давраи Шӯравӣ таъмин намудан ғайри имкон аст.

Бинобар ин мо бояд мутахассисонро ба донистани технологияи нав омода созем ва соҳаҳоро дар ҳамин асос пеш барем.

**-Барои суҳбат ташаккур.**

*Мусоҳиб*
**Ибодуллоҳи ТОҲИР**

Минбари халқ
21 майи соли 2015,
№21 (1000)

# «ДАВЛАТИ ИСЛОМИИ ИРОҚУ ШОМ»

## ВА ҲАДАФҲОИ СТРАТЕГИИ ОН ДАР МИНТАҚАИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

*(Аввалаш дар шумораи гузашта)*



Дар доираи ҳамин дастур унсурҳои "Давлати исломӣ" дар Ироқ аввалин бор вилояти ал-Анборро таҳти тасарруфи худ қарор дода, аз дохили он амалиётҳоро дар саросари ин кишвар, инчунин Сурия шурӯъ карданд. Дар асоси гузоришот ва омори нашршуда "Давлати исломӣ" ҳанӯз дар нимаи дуввуми соли 2013 наздик ба 1400 иморат ва хонаҳоро тарконда, вайрон карданд. Ҳангоми ин ҳамлаҳо 1994 нафар кушта шуда, 3021 нафар захмӣ гардиданд. Ҷангиёни "Давлати исломӣ" охири моҳи июни соли 2014 ба иқдоми бе собиқа даст зада, ба Мосул маркази вилояти Нинво ҳуҷум карданд. Дар натиҷаи ин амалиёт ҳазорҳо тан мардумони бегуноҳ кушта ва маҷрӯҳ шуданд. Яке аз саркардаҳои ин давлат Абӯтуроб ал-Мақдисӣ дар мусоҳибаи худ таъкид кард, ки "таҳти роҳбарии шайх ал-Бағдодӣ Каъба ва Маккаро вайрон карда, ҳар он касе, ки ба сангҳои Макка саҷда мекунанд, онҳоро ба қатл мерасонем. Ҳоҷиён ба Макка на ба хотири Худо, балки ба мақсади даст ба санг задан мераванд". Яке аз дигар нақшаҳои ин "поксозони ислом" аз он иборат аст, ки "парчами сиёҳи давлати худро дар майдони Пётри Муқаддаси Ватикан насб намоянд". (Ниг.: Corriera della Sera).

Дар муқоваи маҷаллаи худ таҳти унвони "Дабиқ" (Dabiq) мақолаи "Амалиёти ноком" (The Failed Crusade) аз ҷониби "Давлати исломӣ" чоп шудааст, ки дар болои рамзи асосии Ватикан - муҷассамаи Пётри Муқаддас парчами сиёҳи ин давлат омадааст. Тибқи ахбори "Corrierdella Sera", ки дар таърихи 12 октябри соли 2014 чоп шуд, дар маҷаллаи мазкур мақолае доир ба мубориза бо "Рум" (Италия) ва "румиён", ки зери ин мафҳум гурӯҳи "Давлати исломӣ" тамоми миллатҳои Ғарбро дар назар доранд, ба табъ расидааст. Дар он суханони котиби матбуоти ин давлат Муҳаммад ал-Аднонӣ омадааст, ки мегӯяд: "Мо бо амри Худо Руми шуморо фатҳ хоҳем кард, салибҳои шуморо пора хоҳем кард ва занҳоятонро ба ғуломӣ хоҳем гирифт. Агар ин нақшаро мо имрӯз амалӣ карда натавонем, фарзандон ва наберагони мо онро амалӣ хоҳанд кард ва онҳо писарони шуморо ҳамчун ғулом дар бозори ғуломфурӯшон ба савдо хоҳанд гузошт".

### ТАЪРИХИ ЗУҲУРИ ИН ҶУНБИШ

"Давлати исломии Ироқ ва Шом" ба забони арабӣ "Ал-Даула ал-исломия", дар шакли мухтасари он ба забони форсӣ "ДОИШ" ("Давлати исломии Ироқу Шом"), ба забони русӣ "ИГИЛ" ("Исламское государство Ирака и Леванта") ва ба забони англисӣ "The islamik State of Iraq and the Levant (ISIL) ("ISIS") маъруф гаштааст.

Ҳанӯз дар замони шукуфоии гурӯҳи "ал-Қоида" дар соли 2004 гурӯҳи "Тавҳид ва ҷиҳод" таҳти роҳбарии Абу Мусъаб ал-Зарқавӣ таъсис ёфта, аз ҷониби Усома бинни Лодан саркардаи собиқи "ал-Қоида" ба расмият шинохта шуд. Гурӯҳи мазкур ба шохаи созмони «Ал-Қоида» дар Ироқ табдил шуда, бо густариши амалиёти худ ба тадриҷ, ба яке аз қудратмандтарин гурӯҳҳои ҷангӣ дар Ироқ табдил ёфт. Дар доираи нақшаҳои стратегии худ Абӯмусъаб ал-Зарқавӣ дар соли 2006 дар изҳороти видеоии худ аз ташкили "Шӯрои муҷоҳидин" таҳти роҳбарии Абдуллоҳ Рашид ал-Бағдодӣ эълом дошт. Ба "Шӯрои муҷоҳиддин" ҷунбишҳое аз қабили "Ҷайшу-т-тоифати-л-мансура" ("Артиши тоифаи мансур"), "Ҷайшу аҳли-с-сунна ва-л-ҷамоа" ("Артиши аҳли суннат ва ҷамоат"), "Ҷайшу-л-фотеҳин" ("Артиши фотеҳон") ва "Ҷунд ас-саҳоба" ("Низомиёни сахоба") дохил шуданд.

Пас аз ҳалокати Абӯмусъаб ал-Зарқавӣ дар соли 2006 Абӯҳамза ал-Муҳоҷир ба унвони саркардаи "Шӯрои муҷоҳидин" таъйин шуд. Дар охири он сол, яъне ба таърихи 15 октябри соли 2006 гурӯҳи "Давлати исломии Ироқ" таҳти роҳбарии Абӯумар ал-Бағдодӣ ташкил ёфт. Тадриҷан ба ин гурӯҳ унсурҳои "Ансору-т-тавҳид", "Ал-ғурабо", "Ҷиҳоди исломӣ", "Асоиб л-аҳвол", "Ҷамоату-л-муробитин", "Ансору-т-тавҳид ва-с-сунна", "Фурсону-т-тавҳид", "Ҷунду миллати Иброҳим" ва ғайра пайваст гардиданд.

Чуноне ки тамоми расонаҳои ҷаҳонӣ хабар дода буданд, дар таърихи 19 апрели соли 2010 қувваҳои муштараки ироқӣ ва америкоӣ дар амалиёте, ки дар минтақаи "ал-Сарсор" сурат гирифт, манзилеро, ки дар он Абӯумар ал-Бағдодӣ ва Абӯҳамза ал-Муҳоҷир паноҳ мебурданд, бомбаборон карданд. Дар натиҷаи амалиёти мазкур ин ду тан кушта шуда, ҷасадҳои онҳо дар маърази намоиши мардум гузошта шуда буданд. Баъд аз як ҳафта гурӯҳи "Давлати исломии Ироқ" дар баёнияе, ки дар интернет пахш шуд, доир ба ҳалокат расидани ин ду нафар расман эълон кард. Таърихи 29 апрели соли 2010 Абӯбакар ал-Бағдодӣ ба унвони ҷонишини Абӯумар ал-Бағдодӣ ва саркардаи ҷадиди ин ҷунбиш таъйин шуда, ан-Носиру Лидиниллоҳи Сулаймон ба сифати вазири ҷангии он муаррафӣ гардид.

Бо рӯйи кор омадани Абӯбакр ал-Бағдодӣ доманаи амалиёт ва ҳамлаҳои ин гурӯҳ вусъат гирифта, ҳамзамон бо оғози бӯҳрон дар Сурия унсурҳо ва ҷонибдорони он дар ин кишвар хеле фаъол шуданд. Ташкили "Ҷабҳату-н-нусра" дар Сурия ва гурӯҳи "Ҷабҳату-н-нусра ли аҳли-ш-Шом" дар охири соли 2011 ва бо оғози ҷанг дар Сурия ба унвони шохаи гурӯҳи "Давлати исломӣ дар Ироқ" ном гирифтани он ба зудӣ ин гурӯҳро ба яке аз гурӯҳҳои асосии "Ҷабҳату-н-нусра" табдил дод.

Аслан шакли пурраи "Ҷабҳату-н-нусра" "Ҷабҳаи (фронти) кӯмак ба мардуми Левант аз ҷониби муҷоҳидони Левант (Шом) аз майдони муборизоти (ҷанги) ҷиҳод" буда, доир ба таъсиси худ тавассути сабти видиоӣ 10 январи соли 2012 хабар доданд. Дар ин сабти видиоӣ ҳамчунин як силсила ҳуҷумҳои "шаҳидон" ва таркишу қатли одамон ба маърази намоиш гузошта шуд. Ин гурӯҳ бахусус дар қатли мансабдорони давлатӣ ва хабарнигорони дохиливу хориҷӣ ном бароварда буд. Дар доираи амалиётҳои худ гурӯҳҳои хурди "Ҷабҳату-н-нусра" бо Артиши Озоди Сурия (FSA) ва гурӯҳҳои дигари "аҳли ҷиҳод" дар Идлиб, Дайра-з-Зур, Алеппо ва ғайра даст ба кушторҳо ва харобкориҳо заданд. Саркардаи "Ҷабҳату-н-нусра" дар моҳи августи соли 2012 хосатан таъкид карда буд, ки гурӯҳи вай 300 нафар силоҳбадастони ботаҷриба дорад.

Воқеан ин ҷабҳа аз ҳисоби "аҳли ҷиҳодгароӣ"-и Сурия ва Леванта (Шом), ки баъди кушта шудани роҳбари "ал-Қоида" Усом бини Лоден зинда монда буданд, таъсис ёфтааст. Дар моҳи июли соли 2012 як гурӯҳ аз аъзоёни "Ҷабҳату-н-нусра" ба рӯзномаи "Time" доир ба "ҷиҳоди хосаи ироқӣ" ва дар қатори онҳо шомил будани силоҳбадастони Қувайт, Лубнон ва Қазоқистон иттилоъ дода буданд. Ҳамзамон сарчашмаҳои хабарӣ иттилоъ пахш карданд, ки "Ҷабҳату-н-нусра" аз ҳисоби суриягиҳое, ки бо "ал-Қоида" робитаи мустаҳкам дошта, дорои таҷрибаи ҷангӣ дар Афғонистон, Сомалӣ ва Ироқ мебошанд, ташкил ёфта, манбаҳо ва сарчашмаҳои боэътимоди хориҷии маблағгузорӣ доранд.

Дар соли 2012 миқдори умумии ҷангиёни "Ҷабҳату-н-нусра" дар Алеппо - 2 ҳазор, Идлиб - 2,5-3 ҳазор, Дайру-з-зур - 2 ҳазор, Димишқу Лотакия дар ҳудуди як ҳазорӣ буданд.

Ҷонибдорони "Ҷабҳат ал-нусра" саранҷом дар таърихи 09 апрели соли 2013 ва Абӯбакр ал-Бағдодӣ саркардаи "Давлати исломӣ дар Ироқ" дар паёми радиоии худ доир ба масъалаи бо ҳам муттаҳид гардидани "Ҷабҳату-н-нусра" ва "Давлати исломии Ироқ" эълон карда, ба ин гурӯҳи муттаҳида номи "Давлати исломии Ироқ ва Сурия (Шом)"-ро гузоштанд.

Бо таъсиси "Давлати исломӣ" масъалаҳои зиёде дар байни гурӯҳҳои муҷоҳидин ба вуҷуд омад.

> ***Яке аз саркардаҳои ин давлат Абӯтуроб ал-Мақдисӣ дар мусоҳибаи худ таъкид кард, ки "таҳти роҳбарии шайх ал-Бағдодӣ Каъба ва Маккаро вайрон карда, ҳар он касе, ки ба сангҳои Макка саҷда мекунанд, онҳоро ба қатл мерасонем. Ҳоҷиён ба Макка на ба хотири Худо, балки ба мақсади даст ба санг задан мераванд".***

Ба хусус баъд аз таъсиси ин давлат унсурҳои он дар Сурия дар қисматҳое аз вилоятҳои Ραққа, Ҳалаб, Ҳума Лотакия, Рифу Димишқ, Дайру-з-зур, Ҳумс, Ҳамо, Ҳасеке ва Идлиб ҷой гирифта, дар баъзе аз минтақаҳои дигари ин кишвар назорати комилро ба даст гирифтанд. Тасмими ин гурӯҳ дар хусуси таҳти назорат даровардани дигар гурӯҳҳои мусаллаҳ дар Сурия ба даргириҳои хунборе миёни онҳо ва дигар гурӯҳҳои террористӣ оварда расонд. Ихтилофи "Давлати исломӣ" ва "Ҷабҳату-н-нусра" аз он шурӯъ шуд, ки Айман аз-Завоҳирӣ бо оғози ихтилофот ва даргириҳое, ки байни унсурҳои ин ду гурӯҳ ба вуҷуд омад, қарордодро дар хусуси муттаҳид сохтани ин гурӯҳҳо лағв кард. Аз-Завоҳирӣ таъкид кард, ки фаъолиятҳои "Давлати исломӣ" танҳо барои Ироқ натиҷа оварда, барои Сурия ҳеҷ натиҷае надорад. Вале ин гуфтаҳо аз ҷониби Абӯбакр ал-Бағдодӣ пазируфта нашуда, вай дар навори видеоӣ эълон мекунад, ки бо дархостӣ Айманӣ аз-Завоҳирӣ, барои аз байн бурдани гурӯҳи "Давлати исломӣ" ва ҷудо шудан аз "Ҷабҳату-н-нусра" мухолиф мебошад. Вай бахусус таъкид карда буд, ки гурӯҳи "Давлати исломӣ" то замоне, ки набзи мо мезанад ва хун дар рагҳоямон ҷорӣ аст, боқӣ хоҳад монд ва мо ҳозир ба ақибнишинӣ ва сафсатагӯй нестем".

**РОҲБАРОНИ «ДАВЛАТИ ИСЛОМӢ»**

### ҲАДАФҲОИ "ДАВЛАТИ ИСЛОМӢ"

Қобил ба зикр аст, ки аъзоёни гурӯҳи "Давлати исломӣ" бахусус "Ҷабҳату-н-нусра" аз бераҳмтарин ҷангиёни ҳозира на танҳо дар Сурия ва Ироқ, балки дар саросари ҷаҳон ба шумор мераванд. Филмҳо ва тасвирҳое, ки дар шабакаҳои ҷаҳонӣ ва маҷаллаи "Дабиқ" (Dabiq)- и "Давлати исломӣ" нашр шудаанд, шоҳиди бо ном "футуҳот"-и ин гурӯҳ мебошанд.

Дар охири моҳи июни соли 2014 "Давлати исломӣ" баёнияи худро доир ба ташкили "Хилофати исломӣ" содир кард. Воқеан ҳам ҳадафи аслии сиёсии ин гурӯҳ баъд аз ишғоли пурраи Ироқ ва Сурия таъсиси хилофат буда, ҳатто нақшаи географии ин давлат дар интернет ба интишор расидааст. Баробари тасхири тамоми Шарқи мусулмон, Осиёи Марказӣ ва Ҳинду Чин онҳо нақша доранд, ки Аврупо, ба хусус бахше аз сарзаминҳои Испания, ки қабл аз қарни XV ҷузви қаламрави мусулмонон буд, ҳамчунин кишварҳои ҳавзаи Балтика ва Австрияро ҷузъи ҳадафҳои худ қарор дода, қаламрави ҷуғрофӣ ва нуфузи қудрати худро густариш бахшанд. Ин гурӯҳ аллакай ба бисёр нақшаҳои худ ноил гашта, дар ҳоли ҳозир бахши густардае аз сарзаминҳои шимолӣ ва шарқии Сурия, сарзаминҳои шимолу ғарбии Ироқро таҳти назорати худ қарор дода, нуфузи худро аз тариқи гурӯҳҳои силоҳбадасташон дар Покистон, Афғонистон ва Осиёи Марказӣ афзун гардонида истодааст.

*(Давом дорад)*

**Абдувоҳид ШАМОЛОВ,**
*профессор*

Солҳо мегузаранд, низомҳои иқтисодию иҷтимоӣ дигаргун мешаванд, ҷаҳон бо таҳаввулоти пурпечутоби худ сарнавишти халқҳоро дигаргун мекунад. Баъзеҳо ба масири саодати иҷтимоӣ ворид мегарданд, баъзе халқҳо дар гирдоби нофарҷомиҳо ва бадбахтиҳо гирифтор мешаванд. Сарнавишт ба рӯи баъзе зимомдорон механдад, аз баъзеи онҳо рӯй мегардонад, ба рӯи баъзеҳо чун субҳи козиб рӯшан мешавад, вале пас аз муддати кӯтоҳе субҳашонро боз тирагӣ фаро мегирад.



Кароматулло ОЛИМЗОДА

# Сукути як сиёсатмадор

## Пораи хотираҳо аз мулоқот бо Бабрак Кормал

**ТАЪРИХ** мисолҳои бешуморе дорад аз ҳаёти мардони бузург, сарварони гуногунхислат ва пешвоёни сарсупурдаи миллатҳо ва давлатҳо, ки гоҳо дар асари авҷи тӯфонҳои сиёсӣ ва низомӣ ба нокомиҳо дучор шудаанд ва нақшаҳое, ки доштаанд, бо нузулашон аз марҳилаи иҷро мондаанд. Онҳое, ки самимона ба халқу ватанашон хидмат кардаанд ва ё хостаанд хидмат намоянд, вале ба сабабҳои гуногуни фоҷиабори раванди таърих вазифаи худро то охир анҷом надода, қурбони дасисаҳо шудаанд, боз ҳам дар ҳофизаи миллат ва давлати худ боқӣ мондаанд. Бабрак Кормал ҳам аз ҷумлаи чунин шахсиятҳое буд, ки ба фишорҳои замон, дақиқтараш аввалтар аз ҳама ба дасисаҳои ҳукумати горбачовӣ ва кишварҳои ғарбӣ дучор омад ва ба орзуяш барои муттаҳид кардани халқҳои Афғонистон ва эҷоди як давлати мутамаркази ободу дунявӣ ва демократӣ расидан натавонист.

Чанд муддате, ки дар Афғонистон кор карда будам, шоҳиди воқеаҳо ва таҳаввулоти сиёсию иҷтимоие будам, ки ба тақдири бисёр шахсиятҳо ва халқҳои Афғонистон умуман, таъсир доштанд. Дар солҳои 80- ум то навадум дар аввали марҳалаи дуввуми Инқилоби Савр (баъд аз ба сари қудрат омадани Бабрак Кормал ҳамин таъбир қабул шуда буд) мушовирони зиёде аз Иттиҳоди Шӯравӣ дар соҳаҳои мухталиф ва тарҷумонҳо асосан аз Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Озарбойҷон, Арманистон ба сафари хидматӣ фиристода шуда буданд. Вале дар он солҳо тарҷумонҳо бештар аз Тоҷикистон буданд, чунки муштарак будани забон, расму одатҳо ба донистани одоби муошират бо мардуми он кишвар кори мушовиронро хеле осон мекард ва кормандони афғонистонӣ ҳам ба тоҷикон бештар бовар ва эҳтиром доштанд.

Бабрак Кормал дар давраи мураккаби ҷанги сард, тезутунд шудани муносибатҳои Афғонистон ва Покистон, авҷ гирифтани амалҳои террористӣ дар давраи Ҳафизуллоҳи Амин, шиддат ёфтани муносибатҳои миллӣ ва ҳаракатҳои ифротии динӣ, рақобати сахти Иттиҳоди Шӯравӣ ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико барои нуфуз дар Афғонистон ба сари кор омад. Мубоюизаи ду ҷиноҳи Ҳизби демократии халқи Афғонистон вазъи дохилиро низ мураккаб мекард. Ваҳдати ин ду ҷиноҳ хеле заиф буд, зеро мустаҳкам набудани заминаҳои он аз ҷиҳати ваҳдати миллӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва мафкуравӣ боиси нобоварӣ дар байни кадрҳо мешуд.

Аслан дар бораи вуруди Артиши Шӯравӣ ба Афғонистон назарҳо то имрӯз гуногун ва ҳатто комилан мухолифи ҳамдигар низ ҳастанд. Баъд аз Таракиро куштани Амин таъқиб ва террори зиёиёни Афғонистон, махсусан парчамиён ва зиёиёни ғайри пуштун авҷ гирифта буд. Мегӯянд, ки ҳатто гурӯҳгурӯҳ одамонро мепарронданд ё зинда гӯр мекарданд. Баъзеҳо, ки бо сабабе халос хӯрда буданд, дар бораи истинтоқҳои ғайриинсонии одамони Амин нақлҳои ҷонгудоз мекарданд. Тараки аз ҳаракатҳои табаддулотхоҳонаи Амин ва амалҳои ғайриконститутсионии ӯ дар изтироб монда, барои ёрӣ ба роҳбарони Иттиҳоди Шӯравӣ муроҷиат карда будааст. Дар ин бора Бабрак Кормал дар чанд суҳбаташ ёдовар шуда буд.

Баъд аз ба воситаи нерӯҳои махсуси шӯравӣ аз байн бурдани Амин иддаи зиёди маҳбусони сиёсӣ озод карда шуданд, мардум омадани Бабрак Кормал ва ҷорӣ шудани фазои нисбатан озодро хуш қабул карда буданд. Иттиҳоди Шӯравӣ ёриҳои ҳамаҷонибаи низомӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ мерасонд ва дар аввалҳо мардуми Афғонистон, ки асоратҳи англисҳоро дида ва аз кӯмакҳои техникию иқтисодии Давлати Шӯравӣ ва сохтмони роҳҳо ва манзилҳои истиқоматӣ баҳравар шуда буданд, эҳтирому эътимод ва эътиқодашон ба мардум ва Давлати Шӯравӣ зиёд буд. Вале баъди вуруди Артиши Шӯравӣ ва амалиётҳои низомиён боваришон коста ва эҳтиромашон ба танаффур табдил ёфт. Яке аз сабабҳои муносибати манфии аҳолӣ дар маҳалҳо таблиғоти муттаҳидонаи душманони Иттиҳоди Шӯравӣ буданд, ки фурсати муносиб бароишон фаро расида буд.

Дар Афғонистон фаъолияти иттилоотии тахрибкорона, саботажи иқтисодӣ ва таблиғоти зиддишӯравӣ тадриҷан авҷ мегирифт. Амалҳои нодурусти баъзе қисмҳои низомии шӯравӣ дар байни мардум аксуламал эҷод мекард ва аҳолии вилоятҳои ҷангзада онро ҳамчун таҷовуз ҳисоб мекарданд ва мубоюизаро ба муқобили режими Бабрак Кормал ва Иттиҳоди Шӯравӣ васеътар менамуданд. Дар ин ҷиҳат, албатта, сиёсати давлатҳои ғарбӣ, ИМА, мамлакатҳои арабӣ, Эрон ва Покистон нақши муассир дошт.

Бояд гуфт, ки дар байни мушовирони ҳизбӣ ва низомии шӯравӣ шахсони донишманд, бофарҳанг, хушодоб ва ботаҷриба зиёд буданд. Онҳо мехостанд вазифаи худро содиқона иҷро намоянд ва иддае аз онҳо дар корашон муваффақ ҳам шуда буданд. Аксари тарҷумонҳои мо ҳам бо кору дониш ва маслиҳатҳо худ ба эҳтироми мушовирон ва роҳбарони афғонӣ соҳиб шуда буданд.

Дар аввали соли 1980 теъдоди зиёди кормандони ҳизбӣ, комсомолӣ ва тарҷумонҳоро аз тарафи шуъбаи робитаҳои байналмилалии КМ ҲКИШ ба Кобул фиристоданд. Аз КМ ҲК Тоҷикистон Абдулвоҳид Ҳоҷиев, Сироҷиддин Насриддинов, Шодӣ Шабдолов, Сабзалӣ Сӯфиев (рӯҳаш шод бод) ва Абдулбашир Рашидов (ёдаш ба хайр), аз КМ ҲК Ӯзбекистон Собитхон Қурбонов ба ҳайси мушовирони КМ ҲДХА ба Кобул омаданд. Инҳо бо дониш ва кори худ сазовори обрӯ ва эҳтироми ҳамкорони ҳизбии олирутбаи афғонӣ ва шӯравӣ шуда буданд.

Дар аввал ба мо дар меҳмонхонаи "Кобул" як утоқӣ дода буданд, баъдан дар микрорайони кӯҳнаи Кобул хона доданд. Ман дар Кумитаи ҳизбии вилояти Кобул, ки дар бинои КМ ҲДХА ҷойгир буд, барои кор бо мушовири ҳизбии он кумита В.М. Колтсов вобаста шудам. Ӯ дар вазифаи котиби кумитаи ҳизбии вилояти Тамбов кор мекард. Баъд аз муддате ба ивази ӯ аз кумитаи ҳизбии вилояти Липетск И.В. Астапкин омад. Инҳо ҳар ду ҳам одамони хуб, хушмуомила, кордон буданд. Махсусан, И.В. Астапкин бо вуҷуди ҷавонӣ дар Ватан дар вазифаи котиби аввали кумитаи ҳизбии ин шаҳри машҳур кор мекард, донишманд, бофарҳанг ва дурандеш буд. Бо муншии кумитаи ҳизбии вилояти Кобул Мирсоҳиб Корвол, ки ҷавони паштузабон ва муддате дар Иттиҳоди Шӯравӣ таҳсил карда буд, ҳамкорӣ доштем. Игор Астапкин дар ҷараёни кор оид ба корҳои ҳизбӣ ва махсусан корҳои ташкилӣ ва сохтмони созмонҳои вилоятии ҳизб машваратҳои муфид медод. Чи гуна созмон додани корҳои ҳизбӣ, тартиб додани протоколи маҷлисҳо, таҳияи қарорҳо, ба назорат гирифтани иҷрои онҳо ва хусусиятҳои кори ҳизбӣ ва идеологиро ёд медод. И. Астапкин ба мухлати шаш моҳ рафта буд, вале дар он ҷо як сол бештар монд. Аз рӯзҳои аввали корамон аз ман хоҳиш кард, ки забони дариро ёд диҳам. Дар оғоз 10 калимаро барои аз худ кардани ӯ ба хатти кириллӣ навишта додам. Фардо омада он калимаҳоро аз ёд ва тарҷумаи русиашонро низ бе хато гуфт ва хоҳиш кард, ки ҳар рӯз аз 20 калима камтар вазифа надиҳам. Ҳамин тавр дар муддати як моҳ дар мавзӯъҳои оддӣ суҳбат карданро ёд гирифт. Рӯзе дар ду саҳифа матнеро ба ман пешниҳод кард ва гуфт ин иншоест, ки мустақилона навиштааст. Албатта, он матн ғалатҳо дошт, вале фикр фаҳмо ва дуруст ифода шуда буд. Боре ман ба ӯ гуфтам: Игор Василйевич, ба ин ҷо ба муддати шаш моҳ омадед, бароятон омӯхтани забони дарӣ-тоҷикӣ чи зарурат дорад? Ӯ фавран ҷавоб дод: "Ҳар касе бофарҳанг аст, бояд мардуми дигарро эҳтиром намояд ва забони халқеро, ки бо ӯ сарукор дорад, ёд бигирад. Ман мехоҳам забони дариро ёд бигирам ва ашъори Хайёму Ҳофизро дар асл мутолиа кунам. Шахси соҳибфарҳанг аз ҷоҳил бо он фарқ мекунад, ки эҳтироми фарҳанг ва халқи дигарро ба ҷо овардан мехоҳад". Чанде баъд доир ба мавзӯи Афғонистон шеърҳо навишт ва ман баъзе аз онҳоро аз русӣ ба дарӣ тарҷума кардам ва ин шеърҳо дар рӯзномаҳои "Ҳақиқати Инқилоби Савр" ва "Анис" ба чоп расиданд. Ин мард баъд аз бозгаштан ба Ватан ҷонишини вазири корҳои дохилии Иттиҳоди Шӯравӣ ва баъди пошхӯрии Иттиҳод чанд сол дар вазифаи ҷонишини вазири корҳои дохилии Федератсияи Русия ифои вазифа кард. Шеъре низ ба муносибати рӯзи таваллуди банда тахти унвони "Ба дӯсти тарҷумонам" навишта буд, ки хидмати тарҷумонҳоро васф мекард. Ин мушовирон кӯшиш доштанд кадрҳои ҳизбиро тарбия намоянд, супоришҳои Маскавро иҷро кунанд, мавқеи ҳукумати Бабрак Кормалро мустаҳкам созанд. Вале як мафкура дар байни мардуми оддӣ ва рақибони Бабрак Кормал бар зидди ӯ ва парчамиҳо монеи раванди истиқрор ва субот мешуд. Ин ҳам бошад, ба воситаи нерӯҳои мусаллаҳи шӯравӣ ба сари қудрат омадани Бабрак Кормал буд, ки афғонҳо онро латма ба ғурури миллии худ ҳисоб мекарданд. Бохти сиёсии Бабрак Кормал ҳам дар ҳамин буд.




*(Давом дорад)*

# НАХУСТШУМОРАИ «МИНБАРИ ХАЛҚ»


МИНБАРИ ХАЛҚ
Народная трибуна
НАШРИЯИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ТОҶИКИСТОН
Зинда бош, эй Ватан, Тоҷикистони озоди ман!
ТОҶИКИСТОН–ХОНАДОНИ ЯГОНА
МАРОМИ МО ҲАМДИЛИСТ
НОМАҲОИ ТАБРИКОТ?
9 СЕНТЯБР–ҶАШНИ ИСТИҚЛОЛИ ТОҶИКИСТОН, ИД МУБОРАК, ДӮСТОН!

***Шумораи аввалини нашрияи "Минбари халқ" 7 сентябри соли 1996 аз чоп баромад. Дар ҳамин шумора тахти унвони "Тоҷикистон- хонадони ягона" муроҷиати ҳайати эҷодӣ ба мутолиини рӯзнома ба табъ расидааст, ки дурнамои фаъолияти нашрияро муайян мекунад. Инак, бо андаке ихтисор онро пешкаши хонандагон мегардонем.***

**ХОНАНДАГОНИ МУҲТАРАМ ВА ИЗЗАТМАНД!**

**ИМРӮЗ дар остонаи таҷлили ҷашнҳои бузурги мардуми Тоҷикистон шумораи аввалини ҷаридаи тозабунёди мо "Минбари халқ" ба дасти шумо расид. Бегумон ба ин унвон ва ба ин варақаҳои то ҳол ношинос менигареду андеша мекунед: ноширони ин рӯзнома чӣ мехоста бошанд, мову ҳазорон ҳамдиёрони моро ба куҷо роҳбаладӣ карданӣ ҳастанд? Дар ин айёме, ки ҳанӯз на танҳо бӯи боруту тир аз димоғ нарафтааст, балки ҳоло ҳам дар сангарҳои доғӣ дифоъ аз осоиши кишвар ҷавонони навраси мо орзуи ҳаёт нашикаста талаф меёбанд, ҳанӯз ҳам дар натиҷаи терроризм каснадидаву гӯшношунида бузургтарин шахсиятҳои мамлакат, намояндагони ҳокимият аз байн мераванд.**

Охир халқи ҷабрдидаи тоҷик тӯли асрҳо орзуи истиқлол мекард ва ба шарофати инояти яздонӣ оқибат имрӯз онро мушарраф гардидааст. Аз ин файзу баракати беқиёси неъмати истиқлол ҳамагон бояд шукрона менамудем. Аммо ҳамватанони азизу арҷманд онро низ бояд андеша намоем, ки мо ҳаргиз аз тоифаи кӯрнамакон набудем ва нестем, албатта, ин ҷо иддае аз нохалафон мустасноянд.

Давлати абарқудрати Шӯравӣ ба мо давлат дод, тавассути омӯхтани яке аз забонҳои бонуфузи олам-забони русӣ аз хазинаи санъат, адабиёт, маърифат, илм ва дигар дастовардҳои ҷаҳон шиносо гашта, аз онҳо баҳра бурдем. Технологияи пешқадам ва пуркудрати шӯравию аврупоиро истифода намуда, мулкамонро обод сохтем, иншооти азим, муассисаҳою корхонаҷоти муқтадир, роҳу кӯпрукҳо эъмор кардем ва диёрамон Тоҷикистони маҳбубро ба кишвари ободу зебо ва мутараққӣ табдил додем. Барои амалӣ сохтани ин вазифаи ниҳоят бузург тамоми халқу миллатҳои иттиҳоди собиқро (эҳтимол дорад, иттиҳоди нерӯманди оиндаро) эҳсос кардем ва аз онҳо ҳамеша миннатдорем.

Ин гуфтаҳо ба он ҷиҳат иброз мешаванд, ки он дастовардҳоеро, ки ба қавли душманони Иттиҳоди Шӯравӣ дар замони истиқлол надоштаамон сохта будему бо олимону шахсиятҳои барҷастаи оламшумули хеш ифтихор доштем, вале заҳрхандаи таърихро бингаред, ки дар даврони пайдо кардани истиқлолият корхонаҷоту кӯпрукҳо, иқоматгоҳу васоити техникӣ ва ғайраро тӯъмаи оташ сохтаву валангор намуда олимону дигар шахсони маъруфро бераҳмона ба қатл расонида истодаем...

Дар замоне, ки орзуи истиқлол доштем, бехатарӣ ва амнияти мардумамон таъмин буд, нағз медонистем, ки агар меҳнат кунем, бар ивазаш музд мегирифтем ва ба он аз мағозаҳо маводи мавриди зарурӣ мехаридем, яъне гуфтан мумкин буд, ки ҳама ба як низом мерафт. Имрӯз чӣ? Мутаассифона, имрӯз мо инро гуфта наметавонем. Пас барои чӣ дигарон неъмати бебаҳои истиқлолро бар нафъашон истифода бурда, тавонистанду мо бошем, гирифтори мусибатҳо гардидем? Оё ин истиқлолият аст? Инҳо саволҳое ҳастанд, ки мутаассифона имрӯз беҷавоб мондаанд ва ё ин ки ба онҳо аз ҳар кас ё ҳар мақомот бо дар назардошти манфиати худ ҷавоб дода шудаанду халос... Хонандаи азиз! Ҳизби Халқии Тоҷикистон ва нашрияи он "Минбари халқ" сайъ хоҳад варзид, ки ба ин саволҳо ҷавобҳои саҳеҳ гуфта шаванд, мо бо кӯшиши ҷустуҷӯ, андешаронию натиҷаронии дастаҷамъона баёнгари орзую омол шавем, ба дардҳо даво пайдо намоем.

Албатта, мо дарди дили шумо, шубҳаву андешаҳои бешумораторо мефаҳмем. Халқ мегӯяд: моргазида аз ресмони ало метарсад. Мардуми тоҷик, ки дар тӯли 5-6 соли охир ранҷу кулфати зиёде кашид ба ҳар чизи нав бо чашми шубҳа менигаристагӣ шуд. Аҷаб тозиёнае хӯрдем аз дасти олами тақдирсоз. Тоҷикистон истиқлоли худро соҳиб гардида, ба ҷои он ки пеш равад, орому осуда шавад, серу пур гардад, баръакс шуд. Ба сари кишвар ва мардуми азияткашидаи он бадбахтие расид, ки камаш 300-400 сол боз монандашро кас надида буд. Хайр ин ҳам дар пешониамон навишта шуда будааст ту ин ҳам рӯзи диданӣ будааст. Худо хайрият кунаду аз ин бадтаршро нишон надиҳад.

Тавре дар боло зикр гардид, рӯзномае, ки ба даст дояед бо афкору андешаҳои Ҳизби Халқии Тоҷикистон пой бар арсаи ҳастӣ ниҳод. Ҳам ҳизб ва ҳам нашрияи он, чӣ навъе, ки аз номашон маълум аст, ҳамон чизеро мехоҳанд, ки халқ мехоҳад-оромию осудагӣ, сулҳу сафо, озодию адолату ҳамдилӣ, серию пурӣ, дӯстию бародариро...

Воқеан ҳам Ҳизби Халқии Тоҷикистон, чи тавре ки дар Оиннономаи он зикр гардидааст, мақсаду вазифаҳои бузурге дорад.

***Имрӯз вақти он расидааст, ки аз гап ба амал гузашта, соҳиби гуфтаҳои худ бошем, зеро бо ҳалво гуфтан ҳаргиз даҳон ширин намешавад.***

Рӯзномаи мо дар фаъолияти усулии худ як иттико, як манбаи илҳом дорад, он ҳам Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, ки бо раъйпурсии умумихалқии сокинони кишвар қабул гардидааст ва барои осоиши ин сарзамин ва оромии мардуми он пешбинӣ шудааст. Пас ҳимояи он, даъват кардани ҳама ба риояи он, тавре мегӯянд аз хурд то калон аз ҷумлаи вазифаҳои муқаддаси мо ба ҳисоб меравад. Имрӯз ҳама бо Сарқонуни худ фахр мекунему худро ҳомии он мехонем, сохти конститутсионӣ барқарор кардем, гӯён ба чор тараф ҷар мезанем. Вале мутаассифона вайрон кардани Сарқонун ва қонуншиканӣ дар ҷомеаи мо бисёр ба чашм мерасад: оё аз ҳаёт маҳрум намудани одамон, бетаъзо мондани ҷинояткорон хилофи Сарқонун нест? Вақти зӯромад ба номи Конститутсия такя мекунем, вале ҳангоми расидан ба манфиати худ онро вайрон менамоем. Мамлакате, ки дар он қонунро риоя намекунанд ва ба он эҳтиром надошта бошанд, чунин мамлакат рӯ ба таназзул мениҳад. Пеши аҳли назар ин мафҳум чун оина равшан аст.

Пас риоя намудани қонун чӣ медиҳад? Ба фикри мо ин авввалан оромӣ ва осоиштаро дар мамлакат барқарор менамояд, сониян, ба халқ имкон медиҳад, ки меҳнат карда, ноне пайдо намояд, хонад, илму фан омӯзад ва мамлакатро тараққӣ бидиҳад. Зеро асоси ҳама чиз риояи қонун, татбиқи қонун ва эҳтироми қонун аст. Бандаи мусулмон бояд Худотарс бошад, эҳтироми қонун нишонаи Худотарсист.

Ба ин маъно мо ба ҳукуматдорон аз сатҳи олӣ то маҳаллӣ, аз Президент то раиси ҷамоат барои иҷрои орзуву омоли некашон мадад расондан мехоҳем. Вале ин чунин маъно надорад, ки мисли бародари кӯре бошем, ки чизи бадро набинем ё монанди ақрабои камақле бошем, ки моҳияти воқеаҳоро фаҳмидаю нафаҳмида ба таври тасдиқу таид манқуртона сар меҷунбонида бошем. Балки мо чун фарзанду бародари ҳақиқии ҳамхуну ҳамдил рӯирост гап мезанем, то дарди ҷомеаамонро табобат кунем, пеши роҳи бадиҳоро бигирем, роҳи шифо ва осоишро пайдо намоем ва ба ин маънӣ ба пешрафти Тоҷикистони маҳбуб кӯмак расонем.

Азизон, гумон мабаред, ки рӯзномаи ҳизби халқ барои аъзои ин ҳизб пешбинӣ шудааст. Не, балки ҳар касе, ки худро тоҷику тоҷикистонӣ ҳисоб мекунад, Тоҷикистонро Ватан медонад ва меҳри онро аз манфиати шахсиаш баланд мегузорад, ҳам хонандаи мову ҳам аъзои мо ба шумор меравад. Барои мо муҳим нест, ки миллати шумо, забони шумо, эътиқоди шумо чӣ гуна аст, барои мо муҳим нест, ки имрӯз шумо дар куҷоед, дар Ватан ё хориҷи он. Барои мо муҳимтар он аст, ки шумо тоҷикистонӣ-ҳамватани моед.

Тоҷикистон Ватани ҳамаи тоҷикон ва бародарону хоҳарони мо -русҳо, ӯзбекҳо, белорусҳо, украинҳо, кореягиҳо, гурҷиҳо, туркманҳо, қирғизҳо, чеченҳо, юнониҳо, булғориҳо, яҳудиҳо, арманҳо, тоторҳо, қазоқҳо, бошқирдҳо ва ғайра халқҳову миллатҳоянд, ки шаҳрвандони ҷумҳурӣ мебошанд. Шаҳрвандони кишварамонро ба таҳҷой ва муҳоҷир, ба аксарият ва ақаллият ҷудо намудан гуноҳи афвнопазир аст.

Дар Тоҷикистон ҳамаи сокинони он баробарҳуқуқанд. Ҳеҷ кас ҳуқуқ надорад, ки ҷумҳурии азизи моро ба минтақаҳо ва ба қавмҳо ҷудо намояд.

Рӯзномаи "Минбари халқ" роҳу қолаби қатъӣ ва ҳатмии аз бӯҳрон раҳоӣ ёфтанро ваъда намедиҳад. Ин минбари озоди зиёиён, коргарон, деҳқонон, адибон, рӯзноманигорон, ҳамаи сокинони ҷумҳурӣ буда, мо сайъ меварзем, то ба ҳамкорию ақлу заковати ҷомеаи мо мунавварфикрин роҳи наҷоти Ватанамонро биёбем, зиндагии халқро беҳбуд бахшем. Мардум аз бисёр соҳаҳои рӯзгори мо изҳори норизоӣ доранд, дар баъзе соҳаҳои маъмурӣ, ҳифзи ҳуқуқ, тиб, маориф беадолатӣ, ришваситонӣ дар авҷ аст. Мо дастаҷамъона решаҳои ин воқеияти номатлубро бояд барканем.

Рӯзномаи мо барои шумо ва бо кӯмаки шумо, хонандаи азиз нашр мешавад. Кӯмаки шумо пеш аз ҳама он аст, ки ин рӯзномаро хонед ва дар бораи ҳар чизи неку баде, ки дар он мебинед ва ҳар кори хубу носаворо, ки дар зиндагӣ мушоҳида менамоед, бо идораи мо ҳамкорӣ намоед. Бошад, ки бо дастгирии ҳамдигар мушкилотамон осонтар шавад. Ватанамон ободтар гардад, ҳаётамон тароватти накӯтаре пайдо намояд.

**"Минбари халқ"**
*№ 1 (1),7 сентябри соли 1996*

Имрӯз, ки шумораи ҳазорумини ҳафтаномаи "Минбари халқ" ба дасти хонанда мерасад, тасмим гирифтем, ки назару андешаҳои собиқ сармуҳаррирони ҳафтаномаро манзури хонанда гардонем. Зеро онҳо низ баҳри беҳтару хубтар шудани ҳафтанома саҳми назаррас гузоштаанд.

# Рӯзномаи ормонҳои миллӣ

**- Рӯзномаи "Минбари халқ" бо ҳидоят ва нишондоди Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъсис ёфт ва ба интишор расид. Шумораи нахустини он дар арафаи ҷашни Истиқлоли Ватан - 7 сентябри соли 1996 чоп шуд ва дастраси хонандагони сершумор гардид.**

Ҳамчун рӯзноманигор ифтихормандам, ки Раёсати ҲХДТ маро сармуҳаррири аввалини ин нашрияи бисёр муътабар таъин намуд. Ин вазифа бар дӯши ман масъулияти бузургеро ниҳода буд. Бо маслиҳат ва салоҳдиди кормандони масъули ҳизб тасмим гирифта шуд, ки "Минбари халқ" баробари нашрияи ҳизб будан ҳамчунин рӯзномаи ормонҳои миллӣ бошад. Зеро ҳадафи асосии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон амалӣ кардани ормонҳои миллии халқи тоҷик махсуб меёбад. Мо аз қадамҳои аввал барои расидани ин ҳадаф саъй меварзидем. Ёд дорам, ки як силсила мақолаҳои шумораи нахустини рӯзнома бо ҳамин мақсад таҳия гардида, дар саҳифаҳои он ҷой гирифтанд. Хосатан мақолаи "Тоҷикон дар ҷаҳон чанд нафаранд?", ки он ба қалами доктори улуми таърих, профессор Мансур Бобохонов тааллуқ



**Бахтиёри МУРТАЗО,**
***нахуст сардабири ҳафтаномаи "Минбари халқ" дар солҳои** 1996-2002,*
***Аълочии матбуоти ҶТ, барандаи ҷоизаи Иттифоқи журналистони Тоҷикистон ба номи Абулқосим Лоҳутӣ:***

дошт, дар байни хонандагон ҳамовозии зиёде пайдо намуд. Азбаски он солҳо пахн кардани рӯзнома мушкил буд, ба ин иллат аз гӯшаҳои гуногуни Ҷумҳурӣ дӯстдорони рӯзнома ба идора омада, изҳори хоҳиш доштанд, ки аз ҳамин шумора бароямон пайдо намоем.

Зикр бояд намуд, ки дар давраҳои аввали нашри рӯзнома барои пешрафти кори он ба мо роҳбарони ҳамонвақтаи ҳизб аз ҳар ҷиҳат ёрӣ ва мададгорӣ намудааст.

Собиқ муовини Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон Давлаталӣ Давлатзода низ барои зиёд гардидани теъдоди нашри рӯзнома ва ба манотиқи дурдаст расидани он хизматҳои арзанда кардааст.

Мутаассифона, баъзе кормандони масъули идораи марказии ҲХДТ дар вақташ масъалаи фавқро саҳеҳ мадрак накарда буданд.

Солҳои аввал замимаҳои "Минбари халқ" ба забонҳои русӣ ва ӯзбекӣ дар шакли рӯзномаҳои алоҳида чоп мешуданд, ки масъулияти сарварии онҳо низ бар зиммаи камина вогузор шуда буданд.

Имрӯз нашрияи марказии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон - "Минбари халқ" ба рӯзномаи ормонҳои миллӣ табдил ёфтааст. Нашри шумораи 1000-умини онро барои муштариёну дӯстдорон самимона табрик намуда, ба кулли кормандон тавфиқу пирӯзиҳои бештаре таманно дорам.

Хушбахтам, ки дар ин даргоҳи муқаддас ҳафт сол ифои вазифа намудаам.

Рӯзномаи "Минбари халқ" дар саҳафоти ҳазоркитоби бузурги худ аз оғоз то имрӯз парчами сулҳу субот, ягонагию ваҳдат ва муттаҳидии Тоҷикистони азизро баланд афрошта, ҳамвора тухми бародарию дӯстӣ ва ҳамкорию ҳамбастагӣ коштааст.






**МУҲАММАДШАРИФ БОБОШОҲЗОДА,**
***мушовири бахши ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа, сармуҳаррири ҳафтаномаи "Минбари халқ" дар солҳои** 2002-2004,*
***Аълочии матбуоти ҶТ, барандаи ҷоизаи Иттифоқи журналистони Тоҷикистон ба номи Абулқосим Лоҳутӣ:***

**- Ҳафтаномаи "Минбари халқ" рӯз аз рӯз ва сол аз сол бо мурури вақт ва бо гузашти замон, хубтару беҳтар шуда истодааст. Яке аз иқдомҳои назарраси ҳафтанома ин аст, ки ҳимояи ормонҳо ва манфиатҳои миллиро дар ҷои аввал мегузорад.** Доираи хабарнигорони дохиливу маҳаллии ҳафтанома зиёд гардидааст, ки дар бобари инъикоси ҳаёти ҳизб ҳамчунин мавзӯъҳои доғи рӯзро пайгирӣ намуда, дарди мардумро бештар инъикос мекунанд ва камбудиҳои ҷойдоштаро ошкор намуда, дар пешрафту суботи кишвар саҳм мегузоранд. Яъне "Минбари халқ" натанҳо як ҳафтаномаи ҳизбӣ аст, балки имрӯз ба як нашрияи умумимиллӣ табдил ёфтааст.

Вақтҳои охир дар саҳифаҳои ҳафтаномаи "Минбари халқ" матолиби олимону шоирон ва шахсиятҳои шинохта зиёд ба нашр мерасанд, ки ин воқеан ҳам як иқдоми хуб аст. Зеро мардум онро мутолиа намуда, ба худ як ғизои маънавӣ мегиранд. Ин аст, ки ҳафтанома дар миёни мардум ҷойгоҳи хоси худро пайдо кардааст ва мардум онро пайваста мутолиа мекунанд.

Ман ба кулли аҳли қалами "Минбари халқ" ва онҳое, ки бо ин ҳафтанома ҳамкорӣ доранду дошанд, барору комёбӣ ва муваффақиятҳои нав ба нави эҷодӣ хоҳонам. Ман беҳниҳоят хурсандам, ки ҳамакнун шумораи 1000-умини "Минбари халқ" дастраси хонанда мегардад. Бошад, ки шумораҳои ин ҳафтанома ҳазораҳо шавад.



**МАНСУР САЙФИДДИН,**
***мушовири калони бахши ёрдамчии Президент Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа, сармуҳаррири ҳафтаномаи "Минбари халқ", дар солҳои** 2002-2004,*
***Аълочии матбуоти ҶТ, Барандаи ҷоизаи Иттифоқи журналистони Тоҷикистон ба номи Абулқосим Лоҳутӣ:***

**-Як давраи хотирмони фаъолияти рӯзноманигории ман бо нашрияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон - "Минбари халқ" марбут аст. Дар муддати сеюним сол шарафи сармуҳарририи ин рӯзнома бонуфуз насибам гардида буд.** Он солҳо дар рӯзнома журналистони маъруф, аввалин сармуҳаррири он Бахтиёр Муртазоев, Бобо Расулзода, Турғун Дадабоев кор мекарданд, ки ман мудом бо эшон оид ба ҳар шумораи навбатӣ машваратҳои судманд меоростам. Рӯзнома дар пайравии рӯзномаи маъруфтарини Лаҳистон "Трибуна люду" чунин ном гирифта буд.

Ман андешидам, ки оё рӯзнома ҷавобгӯи ин номи баланд ҳаст? Аз оғози кор ман ҳадаф гузоштам, ки рӯзнома бояд дар баробари инъикоси ҳаёти ҳизби ба нашрияи умумимиллӣ табдил ёбад. Зеро медонистам, ки аз рӯзномаи дилгиркунанда дида чизи дилгиркунандае нест. Онро бояд аз ҳар ҷиҳат рангин ва пурмуҳтаво кард. Фикр мекунам, ки мо дар ҳамдастӣ ба ин муваффақ шудем. Рубрикаҳои нав эҷод намудем, ҷуғрофияи фаъолияти худро васеъ кардем, муаллифони навро ба рӯзнома ҷалб сохтем. Теъдоди рӯзнома афзуд, хонандагон фикрҳои худро ба рӯзнома ирсол менамуданд.

**Аз ҷумла, Ҳунарманди шуҳратёри Тоҷикистон Зафар Нозимов, моҳи феврали соли 2006-ум дар мусоҳибааш ба рӯзномаи "Чархи гардун" гуфта буд:**
- "Вақтҳои охир рӯзномаи "Минбари халқ" хеле хонданбоб шудааст. Ба ман ин чиз хушоянд аст, ки рӯзнома танқид ҳам кунад, ба шахсиятҳо намерасад. Ба мисли баъзе рӯзномаҳо фақат ба як дарвоза тӯб намезанад, балки принсипи гуногунақоидиро риоя мекунад, ба ҷониби мухолифи мусоҳибаҳо низ имконияти сухан гуфтан медиҳад. Ба мисли он, ки меҳмон аз хони пурнеъмат чизи дилхоссташро мегирад, рӯзнома ба хонандагон матлаби фаровони гуногунмавзӯъро, аз сиёсат ва иқтисодиёт сар карда, то шарҳи рӯйдодҳои варзишӣ ва лавҳаҳои ҷолиб пешниҳод менамояд".

Шумораи 1000-умини "Минбари халқ" дастраси мардум мегардад. Ман ҳамкасбони азизамро бо ин санаи муборак самимона табрик мегӯям ва итминон дорам, ки рӯзномаи дӯстдоштаи мо минбаъд низ дар сафи пеши матбуоти тоҷик қарор гирифта, дар ташвиқу тарғиби ғояҳои созандаи ҲХДТ, ки сарвари он Президенти кишварамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошанд, саҳми босазо мегузорад.

*Таҳияи* **И.ТОҲИР**

# Ин минбари ман, минбари ту, минбари халқ аст



- Дар раванди амалисозии ҳадафҳои барномавии ҲХДТ-ҳизби пирӯз ва пешоҳанги ҷомеаи Тоҷикистон, ҷиҳати таъмини рушду нумӯи кишвар ва ҳифзи пойдории соҳибистиқлолии Ватан, ки аз нияту қавлу амалҳои хирадмандонаву ватанпарастонаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси ҲХДТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сарчашма мегиранд.

Кулли ва хонандагони ҳафтаномаро ҷонибдорони Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ба ифтихори рӯи чоп омадани 1000-умин шумораи "Минбари халқ" табрику таҳният гуфта, ба аҳли эҷодии нашрия комёбиҳои навтаринро таманно дорам.

**Аҳмадҷон АЛИЗОДА,**
*раиси КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон*

---

-Рисолати матбуот созанда аст, на сӯзанда. Боиси хурсандӣ аст, ки нашрияи дӯстдоштаи мо - "Минбари халқ" ҳамин рисолати азалии хешро аз шумораҳои нахустинаш адо менамояд. Чун узви ҲХДТ ба он обуна ҳастам ва ҳар шумораи онро ба пуррагӣ мутолиа менамоям.



"Минбари халқ"-ро ман пули пайвандгар байни халқу МИҲД меҳисобам. Дар саҳифаҳои он арзу дархост ва камбудиҳои ҷомеа дарҷ гардида, моро аз нодидаҳоямон огаҳ месозад. Табиист, ки нисбати ислоҳи он саривақт чораҷӯӣ мекунем. Яъне, ки чи матбуоту чи МИҲД ба фикрам як ҳадаф доранд: таъмини ҳаёти осоиштаву осудаи мардуми кишвар тавассути навиштаҳову андешидани чораҳо. Аз ин рӯ, тавре Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми имсолаи худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мефармоянд: "…ҳар яки мо вазифадорем, ки тамоми азму ирода ва нерӯву имкониятҳои худро барои хизмат ба халқу Ватани маҳбубамон ва минбаъд низ сазовор будан ба эътимоди мардуми кишвар сафарбар намоем".

Ниҳоятан аз чоп баромадани 1000-умин шумораи нашрияи маҳбубамонро ба кулли хонандагонаш аз номи МИҲД шаҳри Хуҷанд самимона муборакбод гуфта, таманнои онро дорам, ки умри 1000-сола бинад.

**Мирзомуқим ОЧИЛЗОДА,**
*муовини аввали раиси шаҳри Хуҷанд*

---



- "Минбари халқ" оинаи гӯёи фаъолияти аъзои ҲХДТ аст. Қайд кардан зарур аст, ки нашрияи маҳбуби мо барои инъикоси фаъолияти ҳизбиён ба умдтарин масоили рӯзгори мардуми кишвар, аз ҷумла бонувон эътибор дода, аҳли эҷод маводҳои таҳлилӣ ба чоп мерасонад.

Шахсан чун хонандаи доимии он ҳар шумораашро бесаброна интизорӣ мекашам. Ба ман хусусан маводҳои таҳлилӣ ба пешгирии равияҳои бегонаи динӣ писанд аст, ки ҷавонони моро аз гумроҳшавӣ ҳушдор медиҳанд. Бисёр мехостам, ки аҳли эҷод минбаъд дар мавзӯъҳои ободкорӣ низ маводҳо дарҷ созанд. Масалан, дар вилояти Суғд соли дуюм аст, ки "Соли роҳҳои обод" идома дорад.

Дар миқёси вилоят наздик 5,5 км роҳҳои таъмирталаб ҳастанд, ки соли рафта 46 фисади он аз таъмир баровarda шуд. Соли равон бошад, тибқи нақша бояд зиёда аз 3 ҳазор км роҳ таъмиру мумфарш карда шавад. Имрӯзҳо таъмиру мумфаршкунии кӯчаҳои қаламрави вилояти Суғд вусъати тоза мегирад. Айни ҳол 10, 2 км таъмири асосӣ ва 184,9 км аз таъмири ҷорӣ баровarda шуд. Мувофиқи Барномаи "Соли роҳҳои обод" аз ҳисоби буҷаи маҳаллӣ 91, 2 млн. сомонӣ маблағ ҷудо карда шудааст.

**Ҳоҷарой ЛАТИФОВА,**
*роҳбари ташкилоти ибтидоии ҲХДТ дар Муассисаи давлатии "Идораи роҳҳои автомобилгарди вилояти Суғд"*

---



- Дӯстдоштатарин рӯзномаи мардуми Тоҷикистон, ки тавассути он аз тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, иктисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиву маънавии кишвари азизамон, минтақа ва ҳамчунин сайёра иттилоъ мегирем, "Минбари халқ" мебошад.

Ин нашрия имрӯз ба минбари ҳақиқии тамоми мардуми Тоҷикистон табдил ёфта, дар роҳандозии сиёсати созандаву хирадмандонаи Президенти мамлакат, Раиси ҲХДТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нақши муқтадиру муассири худро гузошта истодааст.

Имрӯз на фақат аъзои ҲХДТ, балки якояки шаҳрвандони ҷумҳурӣ маҳз туфайли ҳамин нашрияи дӯстоштаи худ ба масъалаи норавшани худ рушноӣ меёбанд, дархосту матлабҳои барояшон заруриро аз ҷиҳати ҳуқуқиву воқеӣ дарёфт мекунанд ва мушкилоти худро осон мегардонанд.

Нашри ҳазоруми ни рӯзнома низ ба мо дастрас мешавад.

Ба ин муносибат кулли кормандони эҷодии нашрияи дӯстдоштаамонро самимона табрик гуфта, дар фаъолияти минбаъдаи эҷодии рӯзноманигорон фатҳи қуллаҳои навро таманно менамоем ва боварии комил дорем, ки чакидаҳои хомаи онҳо минбаъд низ ҳамчун рушддиҳанда ва давобахши мушкилоти мардум боқӣ мемонад.

**Ё.НОСИРОВ,** *н. Панҷ*

---



- Рӯзномаи "Минбари халқ" яке аз нашрияҳои дӯстдоштанӣ ва маъруфи кишвар аст. Роҳбарияти нашрия ва Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар муддати кӯтоҳ тавонистанд, ки ин рӯзномаро ба яке аз нашрияҳои серхонандатарини Тоҷикистон табдил диҳанд.

Дар нашрия ҳам оиди вазъи сиёсии ҷаҳон, ҳам проблемаҳои дар ҷомеа ҷойдошта ва ҳам мақолаҳои адабӣ ва таърихӣ пайваста чоп мешаванд,ки бешак ин амал боиси ҷалби таваҷҷуҳи мардум ба ин нашрияи муътабар мегардад.

Нақши нашрия дар тарбияи ватанпарастӣ ва баланд бардоштани ҳиссиёти худшиносии миллӣ хеле намоён аст.

Аз фурсат истифода бурда, нашрия ва муштариёни онро бо нашри 1000-умин табрик гуфта, ба онҳо муваффақият таманно дорам.

**Варқаи ЗАЙНИДДИН,** *ёвари калони прокурори вилояти Хатлон, мушовири адлияи дараҷаи 1*

---



-Аз он ки касбам омӯзгор аст, кулли нашрияҳоро аз он ҷумла ҳафтаномаи "Минбари халқ"-ро низ мутолиа мекунам. Эҳсос мекунам, ки ҳар шумораи он аз пешинааш хонданбобтар мегардад. Хусусан дар соли ҷашни бузург- 70 солагии Ғалабаи халқи шӯравӣ аз болои Германияи фашистӣ ба чоп расонидани маводҳо дар бораи корнамоиҳои далерписарони Ватан, аз ҷумла ҳамяроқони моро хонда, басо табъам болида шуд. Бо ин амали худ "Минбари халқ" дар ин соли фаромӯшнашаванда басо хизмати бузургеро барои мо иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба ҷо овард.

Ёд овардани санаҳои таърихӣ аз рӯзгори шахсиятҳои бузурги таърих, ба монанди И. В. Сталину Г.К.Жуков айни муддао шуд. Пеши назарам солҳои беамони Ҷанги Бузурги Ватанӣ, деҳаамон дар солҳои ҷанг, ҳамсолони ба ҷанг рафтаам ва ҳамяроқони шаҳидгардидаву зинда монда аз нав падидор шуданд.

Насиб будааст, дар ҳайати бригадаи 64-уми алоҳидаи тирандози ордени Байрақи Сурхдори дивизияи 82-юми тирандоз ба ҳайси командири взвод дар озод намудани шаҳрҳои Смоленск, Орш, Витебск, Борисова, Чиздра, Ярцево, Сафонова ва шаҳри Минск ҳиссаи хоксоронаи худро гузоштам. Аз ҷанг бо ду ордени Ситораи сурхи ҷангӣ баргаштам. Солҳои зиёд якҷоя бо ҳамсари зиндаёдам собиқадори ҷанг дар ақибгоҳ, Аълочии маорифи халқи СССР Мағфират Солиева дар тарбияи фарзандони халқ ва саводнок шудани онҳо ҳамчун омӯзгор заҳмат кашидем. Меҳнатамонро бо нишонҳои сарисинагии Аълочии маорифи алқи СССР қадршиносӣ карданд. Синнам аз 90 гузашта бошад ҳам, то ҳанӯз рӯзномаҳоро мутолиа мекунам. Аз ҳайати эҷодии он хоҳиш мекардам, ки чопи маводҳоро дар мавзӯи Ҷанги Бузурги Ватанӣ идома диҳанд. Он бешак дарси мардонагиву шуҷоат барои насли наврасу ҷавон аст.

**Муҳиддин БАРОТОВ,** *собиқадори Ҷанги Бузурги Ватанӣ, сокини ноҳияи Ғончӣ*

---



- Матбуоти чопиро замони шӯравӣ "яроқи буррои партия" меномиданд, ки ба андешаи ман ин ҳикмат имрӯз ҳам моҳият ва аҳамияти худро гум накардааст. Он чун органи чопии ин ё он ҳизбу ҳаракат ва ё мақомоти давлатию ҷамъиятӣ дар тарғибу ташвиқи фаъолияти хеш истифода бурда мешавад.

Дар чанд интихоботи Президенти кишвар ва намояндагони халқ ба Маҷлисҳои Оливу вилоятӣ ва маҳаллии вакилони халқ иштирок доштам. Дар тамоми Анҷуманҳои ҲХДТ вакил ҳам будам. Он вақт ман эҳсос кардам, ки нашрияи ҳизбии мо "Минбари халқ" бо чопи маводҳои тарғиботӣ дар бораи ҳадафҳои созандааш тавонист ба самъи мардум ҳақиқати зиндагиро моро расонад.

Бояд тазаккур дод, ки "Минбари халқ" дар таҳкими дӯстиву рафоқати мардуми кишвар бо дарҷи маводҳояш саҳми арзанда мегузорад.

**Иброҳим ТӮРАЕВ,**
*узви Раёсати КИ ҲХДТ дар ноҳияи Зафаробод, сардори Раёсати Иттифоқи матлуботи вилояти Суғд*





- Ман хонандаи доимии рӯзномаи "Минбари халқ"-ам. Зеро чун узви Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон онро рӯзномаи худ меҳисобаму бодиққат мутолиа менамоям. Чаро? Дар ҳақиқат ин рӯзномаи хонданбоб ба номаш мувофиқ аст. Аз минбари худ, пеш аз ҳама бо мақсад аз корбариҳои Ҳизби пешоҳанги ҷумҳурӣ ва барорҳову дастовардҳои он, заҳмати халқи оддии дастгирикунандаи ҳизб суханронӣ мекунад.

Аз ҳама муҳимаш ин рӯзномаи мардумӣ доир ба рушди иқтисодиёти кишвару устуворгардонии он ва муҳайё кардани зиндагии шоиста ба халқ маводи зиёди таҳлилӣ пешниҳод мекунад. Инчунин ҳамчун ҳунарпеша бояд гӯям, ки "Минбари халқ" аз пешравиҳои театри мо ва фарҳанги тоҷикон маводи зиёде дар саҳифаҳои худ ҷо дода, маро хурсанд мегардонад.

**Аловуддин АБДУЛЛОЕВ,**
*Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон*

**Шодравон ЗАФАР НОЗИМОВ, Ҳунарманди халқии Тоҷикистон:**



***- "Вақтҳои охир рӯзномаи "Минбари халқ" хеле хонданбоб шудааст. Ба ман ин чиз хушоянд аст, ки рӯзнома танқид ҳам кунад, ба шахсиятҳо намерасад. Ба мисли баъзе рӯзномаҳо фақат ба як дарвоза тӯб намезанад, балки принсипи гуногунақоидиро риоя мекунад, ба ҷониби мухолифи мусоҳибаҳо низ имконияти сухан гуфтан медиҳад. Ба мисли он, ки меҳмон аз хони пурнеъмат чизи дилхостаашро мегирад, рӯзнома ба хонандагон матлаби фаровони гуногунмавзӯъро, аз сиёсат ва иқтисодиёт сар карда, то шарҳи рӯйдодҳои варзишӣ ва лавҳаҳои ҷолиб пешниҳод менамояд".***

**«Чархи гардун», феврали соли 2006**

# *Ҳамраҳи айём будем, аз раҳи айём рафтем...*



**БОБО РАСУЛЗОДА**



**ТУРҒУН ДОДОБОЕВ**



**АБДУРАЗЗОҚ ОЛИМОВ**



**АСЛИЯ САЛОМАТШОЕВА**

**Ойина**

# «Хон писарам, ҳатман хон!»

Писари устод Айнӣ, ки мубталои бемории вабо буду дар оташи таб месӯхт, лаҳзаҳои вопасини зиндагиаш барои охирин бор дида боз карда, болои сар Садриддини хурдсолро дид ва ба ӯ рӯ оварда гуфт: "Писарам хон, дар кадом ҳолате бошад, ҳатман хон". Онҳое, ки "Ёддоштҳо"-и устодро хондаанд, ба иродаю ҷасорату талошу заҳматҳои ӯ дар ҷодаи таҳсил ва касби илм аҳсан мегӯянд.

Зикри ин нукта ба хотири он аст, ки касби илму талаби дониш миёни қавми тоҷик ҷойгоҳ ва мақому мартабаи шоиста дошту дорад. Агар ҳамин тавр намебуд, тоҷикон дар масири таърих дар баробари ҳуҷуму тохтутозҳои аҷнабиён истодагарӣ намуда, асолату ҳуввияти миллии хешро ҳифз карда наметавонистанд.

Аммо аз чӣ бошад, ки ин мавқеъ ва ҷойгоҳ дар оғози садаи нав коҳиш ёфта, рӯ ба таназзул ниҳодааст. Чаро имрӯз дар замони пешрафти илму техника тифли тоҷик дур аз мактабу китоб аст? Гузашта аз ин, рӯз то рӯз зиёд шудани шумораи наврасони мошиншӯю бозоршин касеро ҷиддан ба ташвиш намеорад. Бетаваҷҷуҳӣ нисбати аз таҳсил дар канор мондани атфол паёмадҳои гӯшношуниде дорад, ки ба ин зудӣ онро хоҳем дид.

Бетарафии аҳли ҷомеа ва мақомоти масъул гулбуни умеди ин ниҳолакони навбарро аз нумӯъ боздошта, онҳоро ба кӯчаҳои сарбастаи гумроҳӣ ва олами бераҳми ҷиноӣ мекашад. Агар мо тадбирҳои ҷиддиеро барои комилан ба мактаб фаро гирифтани бачаҳо роҳандозӣ накунем, фардо онҳо гиребони моро хоҳанд гирифт. Барои ин ҳақ ҳам доранд. Ба назар чунин мерасад, ки бачаҳои мо имрӯз гӯй доранду майдон не. Дар хусуси солимии ҷисмонии онҳо зиёд ҳарф мезанему дар асл кори мушаххасеро анҷом намедиҳем. Тамоми толорҳои варзишӣ дар шаҳр пулакианд. Набудани марказҳои омӯзишу парвариш, толорҳои ройгони варзишӣ низ як сабаби ба мошиншӯию бозоршинӣ даст задани хонаводагони мактабҳост. Боварии комил дорам, ки чанд сомонии пайдокардаи талабагон ягон оиларо обод намекунад ва аз таҳсил дур мондани онҳоро ҷуброн намесозад. Мо имрӯз мушкилоти иқтисодиро дастак карда, ба таҳсилу омӯзиши фарзандонамон эътибор намедиҳем. Ҳамин нуктаро бояд аз ёд набарорем, ки баъзан як ҷаҳиши муваффақона имкон медиҳад, аз буҳрони иқтисодӣ раҳо шавем. Аммо барои паси сар кардани буҳрони маънавӣ, ки ин ҷо "ҷаҳиш" номумкин аст, чандин даҳсоларо убур кардан лозим меояд.

Тазодро бинед, ки дар замони тираю тори асри XIX, ки бо зиндагии имрӯзи мо қиёсшаванда аст, вопасин сухани падари устод Айнӣ ба ӯ "Хон писарам!" буд. Аслан, ин насиҳат ба тамоми миллати тоҷик аст.

**Абдураззоқ САЛИМЗОДА,**
*"МХ" №39, 21 майи с. 2008*

# ТАРБИЯ АЗ ТАЪЛИМ ДУШВОРТАР АСТ

*Вақтҳои охир оид ба таълим ва тарбияи насли наврас матлабҳои бисёре ба табъ мерасанд. Ҳамагон аз он изҳори ташвиш доранд, ки ахлоқ ва таълиму тарбияи насли ҷавон дар ҷомеаи имрӯзаи мо хеле костааст. Ва ҳар яке аз онҳо тибқи фаҳмиши хеш роҳҳои ҳалли ин масъалаи муҳими иҷтимоиро ҷустуҷӯ карда, пешниҳодҳои гуногунро ироа менамоянд. Дар ҳақиқат ҳам, феълан ин масъала яке аз муаммоҳоест басо печидаву мураккаб. Кӯдаконояндаи миллати мо ҳастанд ва нисбат ба ҳаёти минбаъдаи онҳо бетараф будан албатта, гуноҳи маҳз аст. Ҳар саҳву хатои кӯчаки волидон метавонад ба ҳаёти минбаъдаи фарзанд таъсири манфии худро гузорад.*

Донишманде гуфтааст: "Соате наомӯхтӣ, моҳе ақиб мондӣ, моҳе наомӯхтӣ, даҳсола ақиб мондӣ, даҳ сол наомӯхтӣ, як умр ақиб мондӣ"...

Ҳарчанд таълиму тарбия бо ҳам тавъам бошанд ҳам, аммо аз таълим дида, тарбия душвортар аст ва беҳуда дар урфият намегӯянд, ки олим шудан осону одам шудан мушкил аст. Албатта, парастории кӯдакро пурра бар дӯши волидайн гузоштан ҳам хатост. Аслан барои тарбияти наврас волидайну мактаб ва худи ҷомеа низ бояд саҳмгузор бошад. Таълиму тарбияи хуби фарзанд аз оила шурӯъ мегардад ва дар натиҷаи ҳамкории волидайн бо омӯзгорон сайқал меёбад. Дар боғча ё мактаб кӯдак ҳамагӣ тӯли чанд соат ҳасту халос, боқии рӯзро насли хурдсолу наврас дар муҳити хона мегузаронад. Аммо бархе аз волидон нисбати фарзандонашон бепарвоӣ зоҳир намуда, фориғбол ҳастанд ва андешаи фардои фарзандонашонро намекунанд. Кӯдакро ба ҳоли худ мегузоранд ва гӯё, ки кӯдак худ аз худ роҳи дурусти зиндагиро меёфта бошад. Аммо ҳайҳот, ё муҳити носолими оила ё муҳити кӯча ба кӯдак " сироят" карда, ӯро бо роҳи бад мебарад.

Равшан аст, ки савод, ақл, ҷаҳонбинӣ омили азхудкунии ҳама гуна ҳунарҳост. Дар кори таълиму тарбия аз аввал то ба мақсад расидан падару модар чун меҳвар нақш мебозанд. Қисмате аз волидон андешаи хоме доранд, ки барои фарзанди мо маълумот чӣ даркор, ӯ савдогар мешавад ва ё ба мардикорӣ меравад. Аммо мулоҳиза намекунанд, ки барои мардикор шудан ва савдогари комёб будан ҳам дониш, фарҳанг ва ақлу маданият лозим аст. Агар ҷавонон ҳуқуқҳои худро донанд, забонҳои хориҷиро нағз фаҳманд, дар кишварҳои дигар ба ин қадар маҳрумиятҳо дучор намешуданд. Мо нокомиҳои фарзандонамонро ба гардани дигарон бор мекунем, аммо иллати асосиро, ки дар худи онҳост, намебинем.

Чанде пеш, дар арафаи занги камолот, бо муаллимаи соҳибтаҷрибае ҳамсуҳбат шудем ва оид ба сатҳи донишомӯзӣ ва ахлоқи толибилмон баҳсу андешаҳои зиёде намудем. - Қисмате аз наврасони ҳозира,- ибрози ақида намуд муаллима, - нисбати кӯдакони пештара хеле ҳам пешрав ва мустақил буда, бо илму технологияи ҳозиразамон ошноӣ ҳам доранд. Ва аниқ аст, ки дар оянда мавқеашонро дар ҷамъият пайдо мекунанд. Аммо мутаассифона, бархе аз толибилмони мо хеле беҳавсала ва камфаъолият ҳастанд. Ва волидонашон дар ин бобат асосан мактаб ва омӯзгорро гунаҳгор меҳисобанд. Онҳо албатта, хатои маҳз мекунанд. Дар тарбияи фарзанд дар баробари омӯзгор масъулияти оила, бахусус модар ва муҳите, ки ӯро иҳота кардааст, хеле муҳим аст. Модар пеш аз ҳама бояд тарбиятдида ва бофарҳанг буда, соҳиби касбу ҳунар ва маълумот бошад. Он вақт ӯ фарзанди арзандаро тарбият карда метавонад. Аз таҷрибаи чандинсолаам гуфта метавонам, ки дар бештари оилаҳое, ки волидон соҳиби маълумоти олӣ ё ба қавле зиёӣ ҳастанд, таълиму тарбияи фарзандон бакуллӣ беҳтар ҳаст. Аммо ақидаи барғалати иддае: "Духтар худаш чию хонданаш чӣ" ҳоло ҳам дар ҷомеа ҷой дорад. Як чиз муссаллам аст, модаре, ки худ савод, ҷаҳонбинӣ ва фарҳанг надорад, фарзандро чӣ гуна дарсу дониш меомӯзад? Бояд кӯшиш намуд, ки фарзандон, махсусан, духтаронро ҳунар омӯхта, соҳиби касбу кор гардонида, маданияти баланду маърифати зиндагонӣ омӯзонд, чунки онҳо дар оянда худ тарбиятгари насли наврас мешаванд. Ва чун оила солим аст, ҷомеа ҳам солим мешавад.

**А.САЛОМАТШОЕВА**

# Аз ҳафтаномаи ҳизбӣ то нашрияи умумимиллӣ

***Дар остонаи рӯйи нашр омадани шумораи 1000-умини ҳафтаномаи "Минбари халқ" бархе аз ҳамкасбон ва чеҳраҳои шинохтаи матбуоти тоҷик таманниёти худро ба мо ирсол доштанд.***

**АКБАРИ САТТОР,**
**раиси Иттифоқи журналистони Тоҷикистон:**



- Қаблан аз номи Иттифоқи журналистони Тоҷикистон ҳайати эҷодӣ ва кулли хонандагони "Минбари халқ"-ро рӯйи нашр омадани 1000-умин шумораи ҳафтанома табрик мегӯям. Имрӯз ҳафтанома аз шумори бонуфузтарин нашрияҳои кишвар маҳсуб мегардад.

Бисёр вақт шоҳиди назарҳои мухталиф миёни ҳамкасбони чи нашрияҳои хусусӣ, чи давлатӣ оиди ягон масоили мубрам мегардем, ки одатан ба онҳо тамғаи "лобби"-ро мечаспонанд. Охир камоли бехирадист, вақте аз нашрияе, ки муассисаш ягон ҳизб ва ё ҳаракату ниҳод бошад, талаб карда шавад, ки бо асосгузораш мухолифназар бошад. Табиист, ки масалан рӯзномае, чун "Садои мардум", ки нашрияи парлумонист, саравввал манофеъ ва фаъолияти парлумонро пайгирӣ мекунад, "Ҷумҳурият" низ ба ҳамин минвол фаъолияти ҳукумати кишвар ва амсоли ин. Ман, ки муассиси якчанд нашрияҳои хусусӣ ҳастам, масалан, бештар такя бар самти фарҳангӣ дорам. Ҳафтанома, ки муассисаш ҳизб аст, албатта, аз ин бармеояд, ки бояд манофеи ҳизбро ҳимоя бикунад. Ин ягон ҷойи ҳарос ва ё танқиди бемаврид нест ва камоли бехирадӣ мебуд, ки агар аз нашрияи расмии ҳизбӣ тақозо бишавад, ки мунаққиди сиёсати муассисаш бигардад. Ҳафтаномаи шумо масоили дар ҳақиқат ҷиддиву проблемавиро мавриди таҳлил қарор медиҳад, ки ин самт ва рисолаташ аст. Дар ин радиф наметавон "Минбари халқ"-ро бо нашрияе чун "Оила" муқоиса намуд, чун мавзӯоти пайгирашон мухталиф ҳастанд, гарчанде ҳафтаномаи шумо дар инъикоси ҳама паҳлӯҳои ҳаёти ҷомеаи кишвар муваффақ аст. Ман нашрияро пайваста мутолиа мекунам ва мебинам, ки замони охир дар саҳифаҳои "Минбари ҳалқ" маводҳои хеле пурқуввату ҷолибу хонданӣ ба табъ мерасанд. Ба шумо муваффақиятҳо дар кори эҷодӣ орзумандам.

**МУҲАММАД ҒОИБ,**
**сардабири рӯзномаи "Ҷумҳурият":**

- Дар замони муосир рӯзномаро хонданибоб ва дастраси муштариён намудан кори саҳл нест. Мардумро маҷбур кардан наметавон, ки ба ягон нашрия рӯ биоварад. Дар ин саҳнаи эҷод танҳо ҳунармандони асил, яъне суханофаринони варзида нақш бозида метавонанд. Қаламрави мафкураҳоро, ки имрӯз дар онҳо дунёфаҳмиву ҳушёрӣ ҳоким ҳастанд, забт намудан кори осон нест. Дар ин росто ҳафтаномаи "Минбари халқ" муваффақ аст. Шояд бисёриҳо гумон бар он доранд, ки ин нашрия минбари комилан сиёсист, аммо чунин баҳогузорӣ ба ҳақиқати ҳол рост намеояд. Ба назар бояд гирифт, ки аҳзоб паҳлуҳои гуногуни сиёсат, иқтисодиёт, иҷтимоиёт, фарҳангро фарогир буда, дар оин-



номаашон таъмини суботи сиёсӣ, ҳифзи марзу бум, таъмини амнияти озуқавориву энержӣ ва амсоли инҳоро дар бар мегирад. Табиист, ки ҳафтаномаи "Минбари халқ" чун нашрияи ҳизби бонуфузтарини кишвар дар пиёда сохтани ҳадафҳои зикргардида ва ҷодаи ҳифзи муқаддасоту нангу номуси миллӣ саҳми боризро дорост. Маводҳое, ки рӯйи саҳифаҳои он нашр мешаванд, якранг набуда, бахшҳои мухталифи ҳаёти ҷомеаро дар бар мегиранд. Яъне, аз хабарнависии рӯзмарра то дурнамои рушди кишвар. Пайдост, ки ҳафтаномаи "Минбари халқ" рисолати худро ба хубӣ иҷро карда, кулли сокинони кишвар ва ҳамватанони бурунмарзиро ба фардои дурахшон умедбахш менамояд. Аз ин рӯ, теъдоди зиёди хонандагон ба ин нашрия таваҷҷӯҳи хоса дошта, шумораи бисёри хонандагонаш далели ин гуфтаҳост. Ҳарчанд ин шумораи 1000-и ҳафтанома аст, дар зеҳни ҳаводоронаш маънии садҳо ҳазор нусхаро дорост. Ин аз бахти баланди воширон ва муҳаббати хонандагонаш дарак медиҳад.

**САЙФУЛЛО САФАРОВ,**
**муовини директори Маркази тадқиқоти стротежии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

- Аввалан хеле хурсанд ҳастам, ки имрӯз шумораи 1000-умини ҳафтаномаи "Минбари халқ" рӯйи нашр омадааст. Ёд дорам, таҳти сарварии Абдумаҷид Достиеву Бахтиёр Муртазоев теъдоди нашри он 5000 нусхаро ташкил медод, ки ин аз теъдоди "Ҷумҳурият" 5 маротиба зиёд буд. Имрӯз хушбахтона, теъдоди нашраш ба анқариб 50000 ҳазор нусха расида, ки ин бозгӯ аз нуфузу эътибори баландаш аст. "Минбари халқ" аз ҳафтаномаи ҳизбӣ ба нашрияи умумимиллӣ табдил ёфтааст, ки дар ин кор саҳми сардабир ва ҳайати эҷодӣ бузург аст, ки самараи фаъолияташонро нишон меди-



ҳад. Ин дар ҳақиқат минбари мардумист, ки қазоёи рӯзмарраи ҷомеа дар саҳифаҳои он инъикос ёфта, ҳалли худро меёбанд. Рӯйи кор омадани ҳафтаномаи "Минбари халқ" як падидаи таърихист, ки миллатро атрофи сиёсати созандаву ваҳдатофарини Президенту Ҳукумати кишвар муттаҳид месозад ва сафи ҷонибдорону субот ва рушди Тоҷикистонро меафзояд. Ба ҳайати эҷодии ҳафтанома бурдбориҳо хоҳонам.

**САЙЁФИ МИЗРОБ,**
**сардабири ҳафтаномаи "СССР":**

- Миёни ҳафтаномаҳои ҳизбиву соҳавӣ ба пиндори банда "Минбари халқ" имрӯз нашрияи рақами 1 аст. Шояд баъзе оппонентҳои (ҳарифони) шумо баҳона пеш оранд, ки ин нашрияи ҳизби ҳоким асту манофеи онро думболагирӣ мекунад. Ҳайратовар мебуд, агар мо баръакси инро талаб бикунем. Барои мақоми ҳизби ҳокимро соҳиб шудан саравввал боварии мардумро ба даст овардану дар интихобот ғалаба намудан лозим аст, ки ин вазоифаро ҲХДТ ба хубӣ ба анҷом расонидааст. Ҳар як ҳизбу ҳаракат, хоҳ ҳоким бошаду хоҳ мухолиф, ки баҳри ҳокимият талош меварзад, бояд соҳиби нашрияи расмиаш бошад ва дар он рӯзноманигорони сара фаъолият дошта бошанд.

Ёдам ҳаст, вақте Мансури Суруш сардабирии "Минбари халқ"-ро бар уҳда дошт, дар саҳифаҳои ҳафтанома зиёд маводи проблемавию танқидӣ нашр мешуд. Баъдан, мутаассифона, ин иқдомот "оҳиста-оҳиста" аз миён бирафт. Аммо баъди рӯи кор омадани Бахтиёр Ҳамдамов ба ҳайси сардабири нашрия, ба андешаи ман, имрӯз он дар инъикоси қазияҳои мухталифи ҷомеа хеле муваффақу тавонотар шудааст. Ман ҳамеша мегӯям, ки имрӯз журналистикаи мо ба як журналистикаи мустаору тарсу табдил ёфтааст, аммо ин гуфтаҳо нисбати "Минбари халқ" он қадар дуруст нестанд. Рӯзноманигорони шумо но-



тарсонаву ошкоро ва ҷавонмардона матолиби хеле хонданиву дар ҳақиқат проблемавиро рӯйи нашр меоранд, ки боиси таҳсин аст. Аз дигар аҳзоби кишвар як дархости дӯстона дорам, ки усули таблиғ ва пахши аҳдофу ормонҳояшонро аз "Минбари халқ" биомӯзанд. Шумораи ҷашнии 1000-ро ба ҳайати эҷодӣ, тамоми хонандагони ҳафтаномаву аъзои ҲХДТ табрик мегӯям.

**ХУРШЕД НИЁЗОВ,**
**директори Маркази тадқиқоти журналистии Тоҷикистон:**



- Ҳафтаномаи "Минбари халқ" имрӯз чун нашрияи ҳизбӣ рисолати хешро сарбаландона ба иҷро мерасонад, ки ба ин натиҷаи интихоботи гузаштаи парлумонӣ, ки тарғибгари асосии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, ки пирӯзии комилро ба даст овард, маҳз ҳамин рӯзнома аст, гувоҳ мебошад.

Агар солҳои пешин самти журналистика дар "МХ" пурра ҳизбӣ буд, бо омадани ҳайати нави эҷодӣ ин "ях" бишкаст ва ҳафтанома нафаси тозае ба худ касб кардааст. Маводи ҷиддиву хонданӣ бештар шуд ва акнун имрӯз нашрияи шумо миёни ҷомеаи журналистӣ соҳиби обрӯву нуфузи махсус аст. Орзу дорам, ки рӯз то рӯз эътибори "Минбари халқ" дар майдони журналистика боз ҳам биафзояду сафи ҳаводоронаш зиёд бошад ва ҳафтанома аз шарри буҳрони иқтисодӣ дар амн бимонад. 1000-ин шумора муборак, ҳамкасбон!

**ҶОВИД МУҚИМ,**
**профессор, доктори илми филология:**

-Имрӯз "Минбари халқ" яке аз ҳафтаномаҳои бонуфузтарини кишвар маҳсуб ёфта, дар инъикоси масоили мубрами ҷомеаи мо пешгом аст. Ҳайати эҷодии он воқеан ҳам аз рӯзноманигорони болаёқат ташкил шудааст, ки дар пайгирии мавзӯъоти мухталиф баҳри рушди давлати тоҷикон ва бартарафсозии норасоиҳои ҷомеа саҳми намоёни худро мегузоранд. Нашри шумораи 1000-



ро ба онҳо муборакбод мегӯям ва баҳрашон муваффақиятҳо дар роҳи душвори эҷодӣ хоҳонам.




*Таҳияи* **Азамат ДӮСТОВ**

# САҲИФАҲО - КОРУ ПАЙКОРИ ҶОМЕА

*Эътибору мартабаи ҳар нашрияи даврӣ бо фарогирии мавзуъҳо ва фаъолияти қишрҳои гуногуни ҷомеа вобаста мебошад. Бархе танҳо ба як қисми ҷамъият, аз ҷумла, як гурӯҳи иҷтимоӣ, вазорату созмонҳои алоҳида хидмат менамоянд, вале "Минбари халқ" чун инъикоскунанда ва фарогирандаи барномали амали ҲХДТ - ҳизби воқеан, дар амал халқиву демократӣ ва дорои электорати бузургтарин дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали таъсисёбиаш тасмим гирифт, ки саҳифаҳои он инъикосгари кору пайкори тамоми мардуми кишвар шавад.*

**ЗЕРО** ки беш аз 250 ҳазор нафар аъзои ҲХДТ бо барномаи амали худ натанҳо дар тамоми сохторҳои давлатию ғайридавлатӣ фаъолият мекунанд, балки фарогири кулли ормонҳо, хостаҳо ва ниёзҳои табақаҳои гуногуни аҳолии кишвар мебошанд ва маҳз ҳамин васеъгии мавзуот бо усулуби муосири матбуот ва касбияти журналистика боиси он гардид, ки нашрия дар байни сокинони ҷумҳурӣ мавқеи сазоворро ишғол намуда, бо теъдоди аз ҳама бештар ба табъ мерасад. Муҳтавои чанде аз онҳоро ёдовар мешавем.

**Ҳафтаи Президент** - муҳимтарин иқдомҳои Сарвари давлат ва Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар бахши таҳкими давлатдорӣ, рушди пайвастаи кишвар ва некӯаҳволии халқҳои Тоҷикистони соҳибистиқлол, барномаи амали ҳукумати ҷумҳурӣ барои муҳофизати манофеи миллӣ дар доираи талошҳои геополитикӣ ва геоиқтисодии кишварҳои абарқудрати ҷаҳон.

**Муқаддасоти миллӣ** - бузургдошти дастовардҳои халқи кишвар ва наҷобатҳои умумимиллӣ - Истиқлолияти давлатӣ, Ваҳдати миллӣ, Парчами миллӣ, Суруди миллӣ, рӯзи Модар, рӯзи Артиши миллӣ, ҷашнҳои миллӣ.

**Ҳаёти ҳизб:** - хабарҳо аз фаъолияту ибтикороти созмонҳои ҳизбӣ, набзи рӯзгори аъзои ҳизб, дастурҳои амалии роҳбарияти ҳизб барои рушди минбаъдаи ҳизб ва ҳаёти ҷомеа.

**Сиёсат** - шинохти тоҷикон дар арсаи байналмилалӣ, роҳҳои ҳамоҳангсозӣ ва ҳамбастагии сокинони кишвар бо ҷомеаи ҷаҳонӣ.

**Мулоҳиза** - мубоҳисаҳои сиёсӣ ва идеологӣ дар ҷомеа, масъалаҳои мубрами рӯз ва иллатҳои ҷомеа, фикру андешаи шаҳрвандон, олимон, ҷомеашиносон оид ба масъулияти инсон дар ҷомеа.

**Дин ва ҷомеа** - гуфтугӯи ошкоро ва баробарии аҳли ҷомеа, диндорон, олимон, ҷомеашиносон, таҳқиқгарони раванди ташаккули афкори умум.

**Садои дил** - гуфтугӯи ошкоро аз боби ватану ватандорӣ, ормону орзуҳои муҳоҷирони аз ватан дуршуда, масъалаҳои ҳалталаб ва дарёфти роҳҳои беҳтар кардани зисти ҳамдиёрон, берун аз кишвар.

**Маърифати ҳуқуқӣ** ва **"Аз толори суд"** - пурра намудани донишҳои ҳуқуқӣ, волоияти қонун ва ҳифзи ҳуқуқи инсон дар кишвар, панди рӯзгор барои шаҳрвандон бевосита аз парвандаҳо ва муҳокимаҳои судӣ.

**Гуфтугӯи тамаддунҳо** - робитаҳои маънавии Шарқу Ғарб ва тоҷикон дар масири таърих ва имрӯзу фардо ба хотири рушду шукуфоии минбаъдаи кишвар.

**Чашмандоз** - масъалаҳои ҳалталаби рӯз, ҷавонон, бонувон, гуруҳҳои осебпазири ҷомеа ва дарёфти роҳҳои алтернативии ҳаллу фасли онҳо.

**Фарҳанг** - муҳимтарин масоили рушди адабиёт, санъатҳои театр ва синамо, рассомӣ, мусиқии касбӣ ва халқӣ, китобдорӣ ва ғайра.

**Тандурустӣ** - масоили мубрами ҳифзи саломатии омма, мушкилот ва дастовардҳои илмиву амалии пизишкон дар беҳдошти сиҳатии мардум.

**Ёде аз гузашта** - равшан намудани сарнавишти инсонҳои наҷиб, ки дар гузаштаи на чандон дур барои рушди давлат, фарҳанг, илму адабиёт хидматҳои шоиста намуда, муддате чеҳраҳои онон торик монда буд.

**Ҳеҷ кас ва ҳеҷ чиз фаромӯш намешавад, Аз кӯлбори таърих,** - ёде аз ҷасорату диловарии тоҷикон дар ҷабҳаҳои Ҷанги дуюми ҷаҳон.

**Номаи бетаҳрир** - саҳифаи аз ҳама халқӣ ва демократии нашрия аз боби мушкилоти ба сари шаҳрвандон омада, норизоӣ аз қарорҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва ҳатто мақомоти судӣ, ҳарбӣ, прокуратура ва ғайра. Маврид ба ёдоварист, ки тавассути ин саҳифа арзи чандин ҷабрдида аз нав дар мақомоти мазкур баррасӣ шуда, аксари вақт ниёзи арзкунандагон қонеъ гардонда шудааст.

**Таҳқиқот, китобиёт** - иттилооти мухтасар дар бобати китобҳои тозанашри адабӣ ва илмии кишвар.

**Ин аҷиб аст** - маълумоти мухтасар аз бобати падидаҳои нодир дар илм, табиат, сиёсат, тандурустӣ, кашфиёти нодир, ки барои ҳама муфид буда, хонандаи зиёд дорад.

**Таърих гувоҳ аст** - муҳимтарин саҳифаҳои давлатдории миллӣ аз даврони Пешдодиён, Каёниён ва Ҳахоманишиҳо, Давлати юнониасоси Бохтар, Суғд, Кушониён, Ҳайтолиён, Сомониён ва дигарон.

**Варзиш** -дастовардҳои варзишгарони тоҷик дар ҳама бахшҳо ва сабқатҳои муҳимтарини ҷаҳон.

**"Кроссворд"** ва **"Чайнворд"** санҷиши зеҳнии хонандагон.

**"Реклама"** - дарвоқеъ, ин гӯша низ ҳаст, вале, ҳаҷми он нисбат ба ҳама нашрияҳои дигари даврӣ бениҳоят кам буда, фазои маҳдудтар ҷудо карда шудааст. Зеро ки ҳадафи "Минбари халқ" фоидаи иқтисодӣ гирифтан нест, балки муассис ва кормандони ин нашрияи умумихалқӣ барои равшаннамоии ҷараёни иҷтимоӣ ва афкори сиёсии сокинони кишвар дар раванди пуршӯри ҷомеасозии ҷаҳонӣ, таҳкими институтҳои давлатдорӣ, тарвиҷи демократия ва ошкорбаёнӣ ламъаафрӯзӣ мекунанд.

Мехоҳем батакрор таъкид намоем, ки чунин гуногунии мавзуъҳо ва саҳифаҳо, инъикосгари талошҳои ҳизбиён, фарогири ниёзи ҳама гуруҳҳо ва табақаҳои аҳолӣ гашта, маҳз бо ҳамин талошҳои роҳбарияти ҳизб ва кормандони нашрия дар муддати кӯтоҳтарин "Минбари халқ" ба маҳбубияти хонандагони сершумори ҷумҳурӣ сазовор гашт ва барои кулли сокинони кишвар хидмат мекунад.

**Ҷумъа ҚУДДУС**




# РӮЗНОМА БОЯД ҲАМИН ХЕЛ БОШАД

Дар шаҳри Хоруғ як нафар дӯсти коммунист дорам, ки солҳои дароз дар Кумитаи ҳизби коммунисти вилоят,шаҳру навоҳӣ ва баъдан дар идороту муассисоти гуногун дар вазоифи баланд, ҳатто чун муншии ҳизб низ фаъолият дошт. 10-12 сол қабл ба нафақа баромад. Як умр, ки кор кардааст, дар хона истода наметавонад. Аз ин лиҳоз ҳафтае 3-4 маротиба дар кӯча дучор меоем. Чун дучор оем, гапаш танҳо аз ситоиши сохти гузашта аст. Онро ба осмони ҳафтум мебардорад, гӯё ҳамаи роҳбарони вақт дар ҷояшон буданду саводи баланд доштанд. Маҳалгароӣ надоштанд, муродашон танҳо хизмат ба халқу Ватан буд. Ба моликияти давлат даст намерасониданд. Мегуфт, ки мо ба хотири ободии Бадахшону беҳбудии рӯзгори мардум ин корро сомон додему он корро, ин чизро сохтему он чизро. Сохти навро пайваста наҳ мезад, ки сари қудрат аксарияти аъзои ҲХДТ асту аммо ягон корро накардед, ноуҳдабаробаред. Ман бо мисолҳо собит мегардонидам, ки бубинед дар муддати хеле кӯтоҳ симои маркази вилоят чи хел сахт тағйир ёфт. Дар ноҳияҳо чи қадар ободиҳо рӯи кор омаданд. Қаблан дар вилоят танҳо дар шаҳри Хоруғ бо ном варзишгоҳ буд, аммо он ба ин муассиса ҳеҷ монандие надошт, як сангистони холӣ буду халос. Ҳатто гузаронидани чорабиниҳои варзишии шаҳрӣ низ дар он мушкил буд. Имрӯз дар маркази вилоят, навоҳии Роштқалъа, Дарвоз, Ванҷ варзишгоҳҳои замонавӣ бунёд гардидаанд. Дар навоҳии дигари вилоят низ бунёди варзишгоҳҳо идома дорад. Соли ҷорӣ бошад дар шаҳри Хоруғ Қасри варзиш мавриди истифодабарӣ қарор мегирад, ки аз беҳтарин қасрҳои варзиши пойтахти кишвар фарқе надорад. Бо ширкати Президенти кишвар нахустхишти 3 бинои нуҳошиёна гузошта шуд ва ҳоло бунёдашон идома дорад. Акнун бунёди чунин силсилабиноҳо оғоз гардид. Биноҳои Литсеи Президентӣ, Кохи ҷавонон, 2 хобгоҳ барои донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии шаҳри Хоруғро магар дар даврони Истиқлолият бунёд накарданд. Имрӯз фарзандони Бадахшон дар бонуфузтарин донишгоҳҳои калонтарин кишварҳои дунё таҳсили илм менамоянд. Ҳар чизе ки гуфтам ин даҳ дарсади ободиҳову бунёдкориҳои даврони Истиқлолият нест. Магар ин кам аст? Кам ҳаст мегуфту аз наздам мерафт.




Аҷоибаш он буд, ки дар дасташ пайваста рӯзномаи "Минбари халқ"-ро медидам, ҳатто роҳ гашта онро мехонд. Боре дар роҳ дучор омадем, ки боз дар дасташ "Минбари халқ" буд.

-Ин қадар шабу рӯз "Минбари халқ"-ро мехонед"?-гуфтам ман.

-Бисёр рӯзномаи хуб, мақолаҳои пурмуҳтаво дорад, проблемаҳои гуногуни ҷомеаро нотарсона рӯи рост чоп мекунад. Мактубҳо ба редаксия, ба сарварони идороти қудратӣ, ба роҳбарони давлатро дар саҳифаҳояш ҷой медиҳад. Бовар кунед 16 саҳифаи ин рӯзномаро аз а то я мехонаму лаззат мебарам, қандашонро зананд кормандонаш. Рӯзнома бояд ҳамин хел бошад.

-Аҷоиб,гуфтам ман.

Суханонам чӣ аҷоибие доранд, бо ситеза пурсид ӯ. Танҳо гапҳои шумо аҷоиб нестанд, гапҳои мо бошанд, аҷоибанд.

-Охир ҲХДТ-ро чашми дидан надоред, ҳамеша ва дар ҳама ҷо онро наҳ мезанеду лекин рӯзномаашро ситоиш доред. Ранги рӯи ҳамсуҳбатам сахт тағйир ёфт, кабуд шуд, зард шуд, сафед шуд бо қаҳр тарафам нигариста гуфт;

-Масхарабоз бас кунед, ҲХДТ танҳо ситоишро медонаду халос. Вай ҳеҷ гоҳе чунин рӯзномаро интишор намедиҳад. Ин рӯзномаи мустақил аст, ғайридавлатист, - гуфт вай. Наход ба қавли шумо то ҳамин дараҷа бесаводам, ки рӯзномаи ҳизбиро аз рӯзномаи мустақил фарқ накунам.

Эй марди Худо, чашм дорӣ, ба саҳифаи аввалаш нигару бубин, ки нашрияи кист. Тез ба саҳифаи аввал нигаристу чун фаҳмид, ки ҳақиқатан ҳам нашрияи Марказии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон аст, онро тарафам ҳаво дод ва қадре ба андеша фӯрӯ рафту табассум карда гуфт: Ба ман деҳ, аз кадом нашрияе, ки набошад, хонданибоб аст, қандаша занад ҳизб, рӯзномааш бояд ҳамин хел бошад.

**Лутфишоҳи ДОДО**

Минбари халқ
21 майи соли 2015,
№21 (1000)



# БУЗИ КАШМИРӢ КУҶО ШУД?

**Ба наздикӣ дар доираи лоиҳаи ACTED "Мусоидат ба мубоҳиса оид ба масъалаҳои сиёсат дар зинаҳои поёнӣ дар чорчӯбаи рушди устувори соҳаи чорводорӣ дар Тоҷикистон" гурӯҳи рӯзноманигорон ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон сафар намудем. Сафари мо ба Бадахшон, ки онро чатри симини замин, боми ҷаҳон, сарзамини табиати афсонавӣ, манзараҳои басо дилкашу дилрабо, макони ганҷҳои қиматбаҳо меноманду асрҳои аср диққати сайёҳони хориҷиро ба худ ҷалб намудааст, аз водии баландкӯҳи Шоҳдараи Роштқалъа шурӯъ шуд.**

### АЗ САРИ САНГ БИХЕЗ.....

**РОШТҚАЛЪА** 27480 нафар аҳолӣ дорад. Дар ин ноҳия корхонаҳои саноатӣ қариб фаъолият надоранд, гӯем ҳам, хато намекунем. Ин аст, ки аҳолии он аслан ба соҳаи кишоварзӣ ва чорводорӣ машғуланд. Чун дар даврони соҳибистиқлоли кишвар ҳам, имконияти сохтани корхонаи саноатӣ дар ин ноҳия даст надод, мардум кӯшиш мекунанд, ки аз нав ба соҳаи чорводорӣ рӯ биёранд. Масалан, сокини ҷамоати Сежди ноҳияи Роштқалъа Имомназар Тиллобеков яке аз чорводорони муваффақи ноҳияи Роштақалъа ба ҳисоб меравад. Ӯ галлаву рамаи зиёд надорад, лекин дар шароите, ки аксарияти ҳамдеҳагонаш дар муҳоҷирати меҳнатӣ ҳастанд, доштани 40 - 50 сар чорвои майда ҳам муваффақияти калон ба ҳисоб меравад. Имомназар чунин ёддошт мекунад:

- Барои таъмини оилаи худ аз бонк маблағи муайян қарз гирифта, 20 сар буз харидам. Метавонистам, ки бо ин маблағ чун дигарон ашёи гуногун харида ба майдафурӯшӣ машғул шавам, аммо фикр кардам, ки ин роҳи баромад аз вазъият нест ва бояд ба ягон кори фоиданоки дигар ин маблағро сарф кунам, то дар оянда нафъи бештар гирам. Бо ин маблағ буз харидам, чунки мушоҳида кардам, ки ба пашму пӯсти буз вақтҳои охир таваҷҷуҳ зиёд шудааст. Ҳатто тоҷирони қирғиз омада, аз Бадахшон пашму пӯстро харида мебаранд. Бо омӯхтани бозор фаҳмидам, ки ҳар намуди пашм диққати тоҷирони берунаро ба худаш ҷалб намекунад, балки ба пашми бузҳои зоти тибетӣ (кашмир, кашгор ва ангор) таваҷҷуҳ бештар аст. Ман 20 сар бузро аз деҳаҳои боло, ки иқлимаш нисбатан сард ва ба кӯҳ наздиктар аст, харида будам, ҳамаашон аз зоти аслии кашмирӣ баромаданд. Дар зарфи ду сол шумораи бузҳоям ба 45 сар расид.

### НАХИ ШОҲӢ Ё СУХАНЕ ЧАНД ДАР БОРАИ КАШМИР

**РИВОЯТ** мекунанд, ки баъди забти Миср аз ҷониби Наполеон, аҳолии шаҳр барояш туҳфаҳои қиматбаҳо пешкаш менамоянд. Аз байни туҳфаҳо диққати Наполеонро шоли зебое ба худ мекашад. Наполеон ин шолро ба Жозефина тақдим мекунад. Аз ҳамон вақт инҷониб шоли аз мӯинаи бузи кашмирӣ бофташуда, дар дар байни либос ва зару зевароти ашрофзодаҳои Аврупо ҷойгоҳи махсусро ишғол мекунад ва онро аз насл ба насл ба мерос мегузоранд. Аслан нахи сифати аълои бузи кашмирӣ дар саноати нассоҷӣ васеъ истифода мешавад ва сарони давлатҳо, ситораҳои Голливуд, ашрофзодаҳо ва тамоми хонаҳои мӯди овозадори ҷаҳон онро меписанданд. Нархи як ҷемпери аз нахи асили кашмир бофташуда аз 1500 доллар боло аст. Паҳлӯи дигари афзудани шуҳрати кашмирро коршиносон дар он мебинанд, ки сатҳи зиндагии мардуми Аврупо, Амрико ва Ҷопон хеле баланд буда, онҳо маҳсулоти беҳтарин ва аз ҷиҳати экологӣ тозаро интихоб мекунанд. Ҳарчанд талабот ба ин маҳсулот рӯз ба рӯз меафзояд, содиркунандаи асосии ин маҳсулот чун пештара Муғулистон ва Хитой боқӣ мемонанд. Имрӯз 60 фисади муинаи кашмириро ба бозори ҷаҳонӣ ин давлатҳо мебароранд. Нархи мӯина бошад дар бозори ҷаҳонии Лондон ва Сринагари Кашмир муайян мешавад.

Бино ба гуфти Юсуф Султонноёбов, раиси ноҳияи Роштқальа соли 2012 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 383 ба тасвиб расида буд, тибқи қарори мазкур Барномаи ислоҳоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шуд. Ин барнома якчанд самтҳои афзалиятнокро дар бар мегирифт, ки яке аз онҳо диверсификатсияи соҳаи чорводорӣ мебошад. Аслан диверсификатсия дар соҳаи чорводорӣ аз он хотир пешниҳод гардид, ки бузҳои зоти тибетӣ худро чӣ дар бозори маҳал ва чи дар бозори ҷаҳонӣ хуб нишон додаанд.

Иқлими ноҳияи Роштқалъа барои парвариши ин зот мусоид аст. Ноҳия дорои зиёда аз 64 ҳазор гектар чарогоҳ буда, дар хоҷагиҳои хусусии мардум беш аз 57 ҳазор сар буз аст. Агар диверсификация дуруст ба роҳ монда шавад, имкони ба 30 - 40 ҳазор сар расонидани бузҳои зоти тибетӣ пайдо мегардад. Ин на фақат роҳи беҳтарини баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми Бадахшон, балки ҳамчунин дар бозори ҷаҳонӣ мавқеъ пайдо кардани Тоҷикистон мегардад.

### БУЗҲОИ МИТИСТ

**БА** парвариши бузҳои зоти тибетӣ дар ин минтақа солҳои 80 - уми асри 20 шурӯъ карданд. Он вақт ин намуди бузҳоро аз Олтойи Русия оварда буданд. Бузҳои зоти тибетӣ дар баландии то 4000 метр аз сатҳи баҳр сукунат ихтиёр намуда, худашон хӯрокаи худро пайдо карда метавонанд. Хуб, дар давраи шӯравӣ ин зоти бузҳо фоидаовар буданд, пас чаро имрӯз саршуморашон ба ҷойи афзудан кам мешавад? Бино ба гуфтаи Эмомназар Тиллобеков бояд ин зот аз дигар зотҳо ҷудо бошад, лек афсӯс имрӯз ин хел нест. Деҳа навбати пода дорад ва ҳама рамаи худро ба пода мебаранд. Пода аст, ки зоти ин буз дар Бадахшон нест шуда истодааст. Масалан, - мегӯяд Тиллобеков,- ман модабузи кашмирӣ дорам, ҳамсоям бошад таккаи ангорӣ. Агар гӯям, ки таккаи худро аз пода дур кун, ҳамсоя хафа мешавад, чунки ӯ ҳам мисли ман мехоҳад, ки рамааш дар пода бошад. Раиси ҷамоати Сежд Ҷумъа Колаков бар он ақида аст, ки табиат ва чарогоҳҳои деҳаҳои Ҷавшангоз, Шошбувед ва Сежд барои парвариши ин бузҳо хеле қулай аст ва кам шудани шумораи ин бузҳо ё дурага шуданашон онҳоро хеле ноҳоҳат кардааст. Ҳоло ду ҳазору сад сар бузи зотӣ дорем. Агар ин бузҳоро нағз нигоҳубин кунем ва барои парваришашон ба мо шароит ва имконият муҳайё кунанд, метавонем дар зарфи ду- се сол саршуморро хеле зиёд карда, вазъиятро беҳбудӣ бахшем.

Раиси хоҷагии деҳқонии Вездара, Шанбе Элназаров бошад бар он бовар аст, ки барои зиёд намудани генофонди ин бузҳо пеш аз ҳама бояд аз шароити маҳал истифода баранд. Ба гуфти Элназаров, имконият дорему аз он истифода бурда натавонистаем. Мо, имрӯз ҳатто зоти асилро аз митист дуруст фарқ карда наметавонем. Агар чарогоҳҳои алоҳида ҷудо карда шаванд, дар зарфи панҷ сол имкони барқарор намудани ин зот аст.

- Аслан, дар давраи шӯравӣ қимати зоти ангорӣ ва зоти кашмирӣ як буд ва мардум ҳам он қадар аҳамият намедоданд, ки ин кашмирӣ аст ё ангорӣ, мегӯяд раиси ноҳияи Роштқалъа Юсуф Султонноёбов.

Ин аст, ки пашмро барои бофтани ҷӯробҳои бадахшонӣ истифода мебурданд. Он замон фикр ҳам намекарданд, ки муинаи бузи кашмирӣ бо нархи тилло баробар аст. Афсӯс, қиматашро дер фаҳмиданд . Ҳоло дар подаи мавҷудаи ноҳия саршумори зоти ангорӣ бештар аст ва бо дурага (скрещивание) шудан сифати муинаи бузҳои кашмирӣ паст мегардад.



### ФАРМОИШ ВА ТАЛАБОТИ БОЗОРИ АМРИКО

**ИСТЕҲСОЛИ** нахи бузи зоти кашмирӣ заҳмати зиёдро талаб мекунад. Дар охири моҳи феврал ва аввалхои моҳи март ба шонакунии тибит шурӯъ мекунанд, дар ин давра тӯлкунии тибитро ҳис мекунанд ва бо шонаҳои махсус бузҳоро шона карда муинаи гароннархро ҷудо месозанд. Баъди ҷудо кардани нах онро ба Афғонистон мебаранд ва дар дастгоҳи махсус шуставу тоза карда меоранд. Сипас дар ин ҷо занҳо онро ресида, аз он ришта ва маҳсулоти дигар тайёр мекунанд. Ҳоло дар ноҳияи Роштқалъа ва дар ҷамоати Андароби ноҳияи Ишкошим ангуштшумор сеххҳое фаъолият доранд, ки ҳар кадомашон аз 15 то 20 нафар занро ба кор фаро гирифта метавонанду халос.

Ҷаҳоннамо Абдураҳимова, сардори корхонаи ресандагии Андароби ҷамоати деҳоти ба номи Аскар Замирови ноҳияи Ишкошим баъди омӯхтани нозукиҳои ҳунари ресандагӣ айни замон ҳунари худро на фақат ба занҳои Бадахшон, балки ба занҳои минтақаи Файзободу Мазори Шарифи Афғонистон низ ёд медиҳад. Ин гурӯҳҳо иборат аз 15 нафар дар деҳаи Қозидеҳ ва 22 нафари дигар дар Андароб соли 2009 ба коркарди пашми тибетӣ шурӯъ карданд. Барояшон чанд дастгоҳи ресандагии барқӣ оварданд, ки корашонро хеле сабук кард. Аз Ҷаҳоннамо мепурсам, ки чаро пашмро барои тоза кардан ба Афғонистон мебаред, оё дар Бадахшони Тоҷикистон имкони коркарди аввалияи он нест?

- Ҳамин фикрро ман ҳам дар сар дорам, ки чаро бояд мо пашмро ба давлати дигар бурда, коркард карда биёрем. Чаро то ҳол нисбати коркарди аввалияи он дар худи Тоҷикистон чора намеандешанд? Ҳол он ки барои коркарди он дар дигар кишвар маблағ сарф мешавад. Дарак ёфтам, ки ин дастгоҳ то панҷ ҳазор доллар арзиш доштааст. Пас, чаро нисбати ин масъала дар Тоҷикистон саҳлангорӣ мекунанд? Мо имрӯз на фақат зоти бузҳои асилро аз даст медиҳем, балки боиси афзудани сафи муҳоҷирони мехнатӣ мегардем. Ҷавондухтарони зиёде барои омӯхтани ин ҳунар ба мо муроҷиат мекунанд, аммо афсӯс имкон надорем. Биное нест, ки духтаронро ба омӯзиш фаро гирем. Мебинем, ки дар дигар минтақаҳои кишвар сеххҳои қолинбофӣ кушода истодаанд, ин хеле хуб аст, мардум соҳиби ҷойи кор ва ҳунар мегарданд. Ҳунар аз кони зар беҳ, гуфтаанд, аммо агар ҳунаре омӯзи, ки он аз ашёи хом маҳсулоте тавлид кунад нархаш ба зари холис баробар аст, пас ба ин ҳунар бояд авлавият дод. Ҳоло бояд бозор ва харидор ёфта маҳсулот истеҳсол кард, то иқтисод пеш равад.

Чанде пеш дар Хуҷанд будам ва тавассути скайп бо харидорони амрикоиямон ҳамсуҳбат шудем. Онҳо аз мо мол мехоҳанд, моли хушсифат, моле, ки аз фурӯши он сатҳи зиндагии мардуми Бадахшон беҳтар мегардад. Пас, соҳибмансабони мо бояд даст болои даст нашинанд ва барои ривоҷи ин соҳаи пурдаромад кӯшиши бештар ба харҷ диҳанд.

### ПӮСТ ВА ПАШМ БО НАРХИ СОБУН

**МАНФИАТ** аз ашёи хоми маҳаллӣ, махсусан пашму пӯстро ҳамсояҳои қирғизи мо хеле пештар ҳис намудаанд. Дар ин кишвар дар баробари тиҷорати ашёи хом бо чиниҳо, аз ашёи хоми маҳаллӣ маҳсулот истеҳсол намуда, бозори истеъмолии кишвари мо ва дигар кишварҳоро забт кардан доранд. Дар ин кишвар аз пашму пӯст маҳсулоти гуногуни бозоргир истеҳсол мешавад, ки аз моли сунъӣ ба маротиб қимат аст. Дар ҳоле, ки



дар Бадахшон мардум ба пашми табиӣ кам рӯ меоранду риштаи сунъиро имрӯз авлотар медонанд, қирғизҳо як кило пашмро аз 20 то 30 сомонӣ ва пӯстро аксар вақт бо нархи як собун мехаранд. Онҳо мехаранду мо бошем дар тамоми манотиқи кишвар занҳоро қолинбофӣ ёд медиҳем. Фикр намекунем, ки имрӯз ин ҳунарро меомӯзем, фардо бошад ашёи хомро намеёбем, ки барои занҳои ҳунарманд пешниҳод кунем, то маҳсулот истеҳсол кунанд. Чуноне, ки имрӯз барои занҳои бадахшонӣ барои харидани як дастгоҳи панҷҳазор доллара маблағ намеёбем. Намедонам, таҳлилгарони Вазорати рушди иқтисод чӣ таҳлиле доранд, аммо аксари мутахассисони хориҷӣ мегӯянд, ки барои бофтани қолин пашми зиёд лозим нест. Пас намешавад, ки вобаста ба имконоти маҳал ва захира, корхона созему мардумро ба кор ҷалб кунем. Эмомназар Тиллобеков, чорводори номии Роштқалъа бовар дорад, ки аз парвариш ва нигоҳубини бузи зоти тибетӣ дар як сол то 400 - 500 ҳазор доллар фоида гирифтан мумкин аст. Ин маблағ барои як минтақаи кӯҳистон маблағи хеле калон аст ва садҳо нафарро аз муҳоҷирати меҳнатӣ наҷот дода метавонад. Рушди маҳалро низ бо ин роҳ таъмин намудан мумкин аст.

- Зиёд намудани саршумори бузҳои зоти тибетӣ ба аҳолӣ ва иқтисодиёти вилоят он вақт нафъ оварда метавонад, ки чанд омил ба назар гирифта шаванд ва мушкилоте, ки дар ин самт ҷой дорад, бартараф шавад, -мегӯяд Юсуф Султонноёбов, раиси ноҳияи Роштқальа.

Нахуст, имкони коркарди аввалияи пашм дар худи Бадахшон ба роҳ монда шавад.

Дуввум, масъалае, ки ҳалли худро мехоҳад, ташкили хоҷагии зотпарварӣ дар Бадахшон мебошад.

Мушкили дигар набудани кооперативҳои истеҳсолӣ аст, ҳарчанд дар банди 6 -и Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, рақами 383 омадааст, ки баъди тағдиди хоҷагиҳои кишоварзӣ, нахустин қадам ин таъсиси хоҷагиҳои кооперативӣ мебошад, яъне кооперативҳои хизматрасонӣ. Мутаассифона, то имрӯз дар сутуне, ки дар бораи кооперативҳои хизматрасонӣ аст, таконе дида нашудааст, ҳол он ки кооперативҳои хизматрасонӣ тибқи ин қарор метавонанд ҳамаи истифодабарандагон ё аъзои кооперативҳоро, ки дар самти алоҳида кор мекунанд, муттаҳид созанд.

- Мушкилоти дигаре, ки ҳалли худро мехоҳад, ин норасоии мутахассисон мебошад. Мутахассис дар соҳаи байторӣ дар ноҳия хеле кам аст, аммо аз қадимулайём чун ин мардум ба чорводорӣ машғуланд дар ин самт варзидаанд. Кӣ намехоҳад хазинааш ғанӣ бошад? Барои ҳамин ҳам ин мардум кӯшиш мекунанд, ки таҷрибаи якдигарро омӯзанд. Аслан яке аз шуъбаҳои кооперативҳои истеҳсолӣ, ин маркази тавсиядиҳӣ бояд бошад, то мардумро роҳандозӣ кунад.

Қазияи дигар, нарасидани қувваи барқ ва гарон будани нархи қувваи барқ аст. Қувваи барқ барои корхонаҳои саноатӣ 23 дирам аст. Маълум, корхонае, ки навтавлид ва кӯчак аст, ҳеҷ вақт хароҷоти худро пӯшонда наметавонад. Умед дорем, ки бо сохтмони НБО-и "Себзор" ин проблема низ аз байн меравад.

**Мавчудаи СОҲИБНАЗАР**

***Тайи якчанд моҳи ахир пахши маводи иттилоотӣ дар расонаҳои хабарӣ оид ба "аъмол"-и намояндагони алоҳидаи Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон сару садоҳои зиёдеро ба миён овард. Аксари онҳое, ки ин наворро тамошо кардаанд, шояд ягон таҳлили ҷиддие барои худ накарда бошанд, чун ин наворҳо наметавонанд, дар тафаккури мардум таҳаввулотеро ба миён оваранд. Ва чунин ҳам бояд бошад. Зеро мусаллам аст, ки рафтори, мулоим карда гуем, ношоистаи якчанд аъзо ба ҳеҷ ваҷҳ ифодагари мавқеи гурӯҳ, дар ин маврид ҲНИТ, шуда наметавонад. Аммо вокуниши раҳбарияти ҲНИТ ба ин аъмол хеле ҷиддӣ ва ҳатто боиси муроҷиат ба сохторҳои олии судӣ ва амниятӣ шудааст. ҲНИТ аз ин маврид истифода бурда худро қурбонии муборизаи давлат бо намояндагони худ унвон кардааст, ки инро бидуни имкони дарёфти имиҷи арзон дигар намуд арзёбӣ карда намешавад. Охирин суҳбати "қойимақоми" ҲНИТ Саидумар Ҳусайнӣ бо Абдуқаюми Қаюмзод зери унвони "Боздошти фаъолияти ҲНИТ аз байн бурдани созишу ваҳдат аст" дар газетаи "Наҷот", аз 7 майи соли 2015 нуқтаи ҷиддие дар ин раванд гузошт.***

# ТОҶИКИСТОНРО ҚУРБОНИ МАНФИАТҲОИ СИЁСИИ ХУД НАКУНЕД

**АВВАЛАН бояд таъкид дошт, ки дар ҳама нишасту вохӯриҳо чун сухан аз баёдоварии ҷанги бародаркуш меравад, аъзои ҲНИТ даъво мекунанд, ки "то кай мардумро аз такроршавии ҷанг метарсонед". Вале суханронии оғои Ҳусайнӣ на танҳо пурра таҳлили яктарафаи ҷанги шармандавори гузашта, балки саропо таҳдиди ҷиддӣ аз такроршавии он аст. Ба гуфти оғои Ҳусайнӣ "барои ҲНИТ ва аъзои он як ҳолати истисноиеро пеш овардаанд". "Истисноӣ"-яъне чӣ? Дар фаҳмиши мантиқӣ "ҳолати истисноӣ"-ҳолати ғайричашмдошт ва ё нестандартиеро меноманд, ки аксуламал низ метавонад истисноӣ (яъне баромадан аз меъёр) бошад. Шояд оғои Ҳусайнӣ истифодаи воситаҳои мамнуъ, аз эҳтимол дур нест, муборизаи мусаллаҳонаро дар назар дошта бошад, суолест беҷавоб. Ҷойи дигар оғои Ҳусайнӣ ба масъалаи истиқрори сулҳи тоҷикон даст зада қайд мекунад "ҲНИТ сулҳро дар ҳолате пазируфт, ки дар майдони сиёсӣ ва низомӣ пешрафт дошт, тарафи дигар (манзур ҳукумати Тоҷикистон- С.Д.) баръакс, мавқеъ шуда буд ба шикаст. Чунин як шикаст тарафи дигарро (чаро оғои Ҳусайнӣ рӯшод намегӯяд, ки ҳукумату мардуми Тоҷикистонро дар назар дорад?) водор намуд, ки сулҳро таъҷилан бипазирад". Шояд ин даъвоҳо дуруст бошанд, чун мо то ҷое, ки вазъи он давра ва таносуби қувваҳоро медонистем, бо итминон гуфта метавонем, ки ҳукумати Тоҷикистон на бо ҲНИТ ва Иттиҳоди оппозитсион, балки бо кишварҳои манфиатдор, алалхусус давлатҳое, ки оппозитсияи тоҷикро ҳамаҷониба дастгирӣ менамуданд, дар набард буд. Дар давоми сӯҳбат оғои Ҳусайнӣ аз Сайд Абдуллоҳи Нурӣ ёдовар шуда он касро "марди озода ва мусалмони воқеӣ қалбан инсондӯст" номидааст. Ба ин гуфтаҳо низ наметавон розӣ нашуд, аҳсант ба ин мард, ки ақли солимро истифода бурда, сари вақт роҳи сулҳу мусолиҳатро интихоб кард, набошад, яқинан ҳоли Тоҷикистон аз Афғонистон бадтар мешуд.**

**Ҷойи дигар оғои Ҳусайнӣ қайд менамояд, ки "ҲНИТ ва масъулини он дорои обрӯ ва нуфузи зиёданд... Маҳз ҳамбастагии мардумро дида, рақибону бадхоҳони ҳизб барои худ гуйё дар дурнамо хатареро эҷод кардаанд, ки ҷойнишини онҳо мешуда бошем". Дурустиву воқеӣ будани ин даъвоҳо ба виҷдони муаллифи ин суханон аст, вале, агар такя ба арзёбии вазъи сиёсии Тоҷикистон аз ҷониби таҳлилгарони аҷнабӣ кунем, ба осонӣ метавон дарёфт, ки дар ҳоле, ки дар даргириҳои дохилии Тоҷикистон, ки ҷони зиёда аз 100 ҳазор кас рабуда шуд ва кишвари кӯчаки мо побанди нозу нузи абарқудратон гардид, аксарияти мардум ҲНИТ-ро гунаҳкори асосӣ мешуморанд, чӣ хел карда ҲНИТ маҳбубият пайдо кардааст. Агар ҷонибдории бигузор якчанд ҳазор нафар намояндагони минтақаҳои алоҳида ва онҳоеро, ки фирефтаи дурӯғу бофтаҳои масъулини ҲНИТ гашта шударо "обрӯ ва нуфузи зиёд" арзёбӣ кунед, пас дигар ҷойи гап нест. Нуктаи дигар оғои Ҳусайнӣ боз даъвоҳои бартарии нерӯҳои оппозитсионро карда, мегӯяд: "Агар зӯрро таъинкунанда медонистем, муҷоҳид қувваи бузург дошту ҳукуматро ба ларза оварда буд. Ҳатто хабар доштем, ки он ҷониб (манзур боз ҳукумат ва мардуми Тоҷикистон С.Д.) дар муқобили муҷоҳидин тавони истодагариро аз даст дода буданд ". Оғои Ҳусайнӣ, худ ба ёд биёред, ки маблағи яроқи муҷоҳидин аз кадом сарчашмаҳо буду маблағи артиши давлатӣ аз кадом ҳисоб. То ҷое мо медонем, хатчаҳое, ки масъулину размандагони Иттиҳоди нерӯҳои оппозитсион ба аҳолии осоиштаи минтақаи Рашт оид ба кӯмаки молӣ ва моддӣ мунтазам равон мекарданд, ҳамаро ба дод оварда буданд. Бо истифода аз ҳама василаҳои пинҳонкорӣ фарзандони хонаводаҳо аз Русия маблағ равон мекарданд, то касе хабар наёбад. Вале баъди муддати кӯтоҳе намояндагони ҷабҳа аз куҷое хабар ёфта бо хатчаи имдодӣ ҳозири хонаводаҳо мешуданд.**

**Ҷойи пӯшида нест, ғоратгариҳо аз ҳарду ҷониб нисбати мардуми бечора ҷой дошт, вале, агар ҲНИТ яроқ намегирифту ҷанги шаҳрвандӣ сар намезад, оё вазъ чунин ранг мегирифт?**

**Оғои Ҳусайнӣ даъво дорад, ки "... барои бозгашти сарбаландона ба хонаву дари худ маҷбуран силоҳ гирифтему муқовимат кардем...". Оғои Ҳусайнӣ, аввалаш ин ки касе шуморо наронда буд, баъдан яроқро шумо дар Тоҷикистон, вақте ки имкони ҳалли мусолиҳатомези буҳрони сиёсӣ буд, ба даст гирифтед. Танҳо баъди ин ҷониби дигар, маҷбур шуд, ки фронти халқӣ таъсис диҳад ва мусаллам аст, яроқро саросема тақсим карданд ва он ба дасти нохалафон низ расид.**

**Хуллас, дар ҳама гуфтаҳои оғои Ҳусайнӣ ва дигар намояндагони раҳбарияти ҲНИТ бӯи таҳдид аз такрори ҳаводиси солҳои навадум аст. Раҳбарияти ҲНИТ доимо ҳушдор медиҳад, ки таҳаммул ҳад дорад ва дар ҷавоб ба аъмоли ҳукумат нисбати аъзои алоҳидаи он ҷавобгӯ нони наҳзатӣ метавонанд, он ҳадро гузаранд ва мудирияти ҳизб ғайриимкон гардад. Мо низ ин тавр ҷараён гирифтани вазъро инкор намекунем. Аз оне, ки ҷавонони мо дар мамолики араб мусалмонкушӣ доранд, чизро дар Тоҷикистон низ интизор шудан мумкин аст.**

**Оғои Ҳусайнӣ, агар даъвоҳои шумо дуруст бошанду ҲНИТ воқеан ҳам ҳизби мардумӣ бошад, ором бошед, онро ба ҳеҷ ваҷҳ баста намешавад. Агар бар хилофи мардумӣ будани ҲНИТ онро бастанд ҳам, боз яроқ гирифта тазоҳурот кардан, ки пардапӯшона таъкид доред, яқинан миллати моро ба вартаи ҳалокат мебараду Тоҷикистон мисли Сурияву Ироқ оғуштаи хуни мусалмон мешавад. Гуноҳе мешавад нобахшиданӣ дар назди Худо ва мардуми бузурги тоҷик.**

***Муроди мо насиҳат буду гуфтем,***
***Ҳаволат бар Худо кардему рафтем.***

**Додарбек САЙДАЛИЕВ,**
*ш. Кӯлоб*

# БРИГАДАИ АВВАЛИНИ РОҒУН ВА СУЛОЛАИ НАҚБКАНОН

*(Хотима. Аввалаш дар шумораи гузашта)*

-Вақте ки мо ба кор сар карда будем, - нақл менамояд Ғиёсиддин, - ин давраи оғози корҳо ҳисоб ёфта, нақбҳои якум ва дуюми сохтмонӣ аз дарвозаҳо гузашта, тақрибан чорсаду панҷоҳ ё панҷсад метрӣ пеш рафта буданд, мо мувофиқи супориш дар ҳамаи минтақаҳо кор мекардем. Мисол, дар толори мошинҳо ё дар ягон минтақаи нақб ба корҳои гуногун мефиристоданд. Ба иҷрои корҳои пармагарӣ, бетонгирӣ, сементатсионӣ ва ё ба умури обкашӣ, сангбардорӣ мефиристоданд. Аз нақб обҳои зиёдеро бо воситаи насос кашида мебаровардем. Вазифаро устои қитъа месупурд. Он вақт сардори қитъа Бондаренко Иван Николаевич буд, вақте ки ман ҳамчун устои корҳои кӯҳӣ аз сардори қитъа вазифаро қабул намудам, масъул мешудам ва иҷрои он вазифаҳоро таъмин мекардам.

Соли ҳаштоду шаш сохтмони неругоҳи барқи обии Норак пурра ба анҷом расид ва аз он ҷо коргарону мутахассисони зиёде ба сохтмони Роғун омаданд. Вақте ки норакиҳоро дар Роғун дидем, ҳақиқатан ҳам дар байни онҳо аз ҷумлаи ҷавонони тоҷик нақбканон, мошинкорон, таркишгарон, пармагарон, ронандаҳо бисёр буданд. Онҳо таҷрибаи даҳ-понздаҳсола доштанд ва мо ин таҳамтанҳои нақбсозиро дида, ҷон гирифтем, боқувват шудем. Мо ҳам соҳибдор гардидем,- гуфтем дар дил, сад шукр, ки одамони мо ҳам будаанд. Мисол, нақбканҳои машҳур Саид Асоев, Маҳмад Юсуфов, Маҳмад Шарифов ва дигарон. Саид Асоев унвони ифтихории бинокори Хизматнишондодаи ҷумҳурӣ дорад. Соли гузашта бо фармони Президенти мамлакат ба нишони "Шараф" сазовор гардид. Ҳар чизи намефаҳмидаамонро аз онҳо мепурсидем, онҳо ёрӣ мерасонданд, дилдиҳӣ менамуданд.

Аслан бояд эътироф намоям, ки устодони аввалини ман муҳандисону мутахассисони рус ҳастанд. Аз рӯзҳои аввалини ба кори нақбсозӣ шурӯъ намуданам бисёр чизҳоро аз бародарони рус мепурсидам. Онҳо аҷоиб хислате доранд: агар дар чашмони кас шавқи ҳунаромӯзиро бинанд, ҳунари худро ёд медоданд, шавқро набинанд, ёд намедоданд. Хусусан агар донанд, ки бо кӯр кардани рӯз машғул ҳастӣ, ҳеҷ чизро ёд намедоданд, ҳатто ҳамроҳат гап ҳам намезаданд. Бале, дар байни мо одамоне ҳам буданд, ки вақтро бо кӯр кардани рӯз мегузарониданд.

Ғиёсиддин аз қисмати худ барои он ниҳоят розӣ ҳаст, ки бародаронашро низ ба кори сохтмони неругоҳи Роғун ҷалб карда тавонистааст. Онҳо дар вазифаҳои дуюмдараҷаи мудири анбор, ронандаи дар берун кор мекардагӣ не, балки мисли худаш дар корҳои зеризаминӣ, яъне дар сафи пеши ин сохтмони умумихалқӣ хизмат менамоянд.

-Додарам Саид соли ҳаштоду чор қарзи Ватанро адо карда, аз аскарӣ омад, - ҳикоят менамояд Ғиёсиддин, - чи тавре ки маълум аст, ӯ узви бригадаи аввалини понздаҳнафара мебошад. Саид касбҳои пармагарӣ, таркишгарӣ, кафшергариро нағз медонад ва тамоми техникаҳои зеризаминиро идора карда метавонад.

Додарам Бахриддин касби муаллимӣ дорад, факултаи синфҳои ибтидоии Донишгоҳи омӯзгориро хатм кардааст, дувоздаҳ сол мудири мактаби миёнаи рақами 27-и ба номи Пӯлод Абдураҳмонов буда, сипас дар ҷамоати Мискинобод кор кард ва муддате чанд дар муассисаи "Хазинаи Оғохон" хизмат намуд. Ҳоло дар идораи "Тоҷикнақбсоз" ба сифати ходими компутар масъулият дорад.

Вақте ки додари дигарам Муҳриддин мактаби миёнаро хатм намуд, хуҷҷатҳои ӯро барои таҳсил дар шуъбаи ғоибонаи факултаи иншооти гидротехникии филиали техникуми шаҳри Самара, ки дар Роғун кушода шуда буд, супоридам. Баъд дар сехи гулмехсозӣ ба кор даромад, зеро мувофиқи қоида то нуздаҳсолагӣ дар дохили нақб кор кардан мумкин нест. Ба хизмати аскарӣ даъват шуд, баъд дар сохтмони нақби Анзоб кор кард. Аз он ҷо дар эъмори неругоҳҳои Помир - 1, Сангтӯда - 1, Сангтӯда - 2 бо корҳои нақбсозӣ машғул шуд. Ҳоло дар сохтмони неругоҳи Роғун саҳм мегузорад. Тамоми ҳунарҳои нақбсозиро медонад ва бисёр техникаи зеризаминиро идора карда метавонад.

Додарам Файзиддин аввал ҳамроҳи худам бо ҳунари пармагарӣ машғул гардид, сонӣ ба хизмати аскарӣ рафта, дар Қалъаи Хум сарҳадро дифоъ намуд. Дар муассисаи "Тоҷикнақбсоз" ба сифати пармагари дараҷаи чорум кор карда, дар сохтмони нақбҳои якум ва дуюми сохтмонии нерӯгоҳи Роғун ширкат намуд. Ҳоло ҳам дар ин сохтмон кор мекунад.

Ҳине ки додарам Саҳобиддин се-чор сол дар Русия кор карда омад, шароити кори дохили нақбро аз ман пурсон шуд. Нағз дар ёд дорам, ки ба вай чунин ҷавоб дода будам: "Додарам, вақте ки дар дохили нақб машғули кор бошӣ, ҳеҷ кас кафолат дода наметавонад, ки бар сарат санг мезанад, ё оҳан ва ё ягон чизи дигар". Барои он чунин гуфтам, ки ӯ пеш аз кор кардан шароитро пурсид ва ман ҳам ба қароре омадам, то вай аз оғоз ҳамаи мушкилотро дониста бошад ва дарк кунад. Бо вуҷуди чунин гуфтанам, Саҳобиддин сари мӯе ҳам накебид ва дар корҳои бетонӣ шомил шуд. Вақти зарурат дар иншооти нерӯгоҳи "Сангтӯда-1" ва дар сохтмони нақби Шаҳристон хизмат намуд. Ҳоло дар паҳлӯи ман кор кардан дорад.

Додарам Илмиддин дар коллеҷи техникии Душанбе таҳсил намуда, касби барқкориро омӯхт. Сонӣ дар сохтмони неругоҳи "Сангтӯда- 1" кор карда, пас аз анҷоми он ба Роғун омад. Дар нақбҳои якум ва дуюми сохтмонӣ, толорҳои мошинҳо ва трансформаторҳо саҳм гузошт. Маълумоти миёнаи ихтисосиро соҳиб шуда, ният дорад, ки касби муҳандисиро омӯзад. "Насиб бошад, ҳоло неругоҳҳои зиёдеро месозем, барои ин ҳатман бояд муҳандис шуд",- мегӯяд ӯ.

Фақат бародари калонии Ғиёсиддин - Нуриддин ба роҳи бобояш Ҳамроҳ Раҳимзода рафта, касби омӯзгориро пеш гирифтааст. Нуриддин Сангалиевич Хокироев пас аз хатми факултаи таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мудири кафедраи илмҳои гуманитарии Коллеҷи техникӣ мебошад. Коллеҷи техникии Тоҷикистон, ки роҳбари он номзади илмҳои техникӣ Яъқубов Самариддин Имомович буда, ин таълимгоҳ 4 факулта дорад ва ба толибилмон 18 касби муҳимтарини сохтмонӣ, барқӣ, техникӣ меомӯзад. Дар ин боргоҳи илм устодони варзида ва номвар фаъолият доранд.

-Ман ва ҳамкоронам низ ба сохтмони Неругоҳи Роғун иртибот дорем, - мегӯяд Нуриддин Сангалиевич, - дар таълимгоҳи мо бисёр мутахассисони ин сохтмони сарнавиштсоз ва аз ҷумла, ҷиянҳои худам касбҳои техникӣ омӯхтаанд.

Соли 1996 Нуриддин ба шаҳри Бухоро сафар намуда, риштаҳои гусастаи хешовандиро пайванд намуд.

-Дар деҳаи Шергирони наздикии ин шаҳри бостонӣ хешу табори бобои бузургворам Ҳамроҳ Раҳимзодаро пайдо намудам, - ҳикоя мекунад Нуриддин, - дар он ҷо ҷиянҳояшон мезистаанд, барои хабаргирии ду-серӯза рафта будам, вале як моҳ меҳмондориам намуданд. Пас аз чанд муддат онҳо ҳам ба Файзобод омаданд. Вале афсӯс, ки алҳол бо сабабҳои маълум рафтуомад душвор шудааст.

***Боз омадан зи рафтани***
***хуршед дур нест,***
***Гар зиндагист, дида***
***ба дидор мерасад...***

-Вақте ки дар ҳайати бригадаи аввалин ба Роғун рафтам, - мегӯяд Ғиёсиддин, - ҳанӯз оиладор набудам, баъди як соли кор соҳиби оила гардидам. Ҳоло сад бор шукр, ки писарам Меъроҷиддин се сол боз дар ин сохтмони умумихалқӣ кор мекунад. Мо, бинокорони неругоҳи Роғун аз ташаббуси Ҷаноби Олӣ, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мамнуну миннатдорем. Маҳз бо кӯшиши он кас дар шаҳри Роғун коллеҷи муҳандисӣ-техникӣ таъсис гардид. Меъроҷиддини ман аз ҷумлаи аввалин донишҷӯёни ин коллеҷ буда, дар он касби кафшергари газию барқиро омӯхт ва бо роҳхати ин таълимгоҳ ба сохтмони неругоҳи Роғун ба кор омад. Баробари кор боз хуҷҷатҳояшро бо мақсади таҳсил ба шуъбаи ғоибонаи факултаи сохтмон ва роҳҳои автомобили коллеҷи техникии Душанбе супурдааст. "Писарам, роҳи пеш гирифтаат дуруст аст, - гуфтам ба ӯ, - зеро ба як ҷавон омӯхтани чил ҳунар ҳам кам аст".

Писари додарам Саид - Суҳайлӣ факултаи сохтмон ва меъмории Донишгоҳи техникии Душанберо хатм кардааст. Ҳоло ӯ дар муассисаи "Спетсгидропроект" дар вазифаи лоиҳакаш кор мекунад.

Писари додарам Баҳриддин - Зиёратшоҳ факултаи барномасози компутарии коллеҷи техникии Душанберо хатм кардааст. Аслан ӯ аз овони кӯдакӣ ба компутар шавқманд буд, падараш компутар харида, бо он кор карданро омӯхтааст. Бояд зикр кунам, ки ҷиянам Зиёратшоҳ таҳсили коллеҷро бо дипломи аъло ба анҷом расонда, дар озмуни умумиҷумҳурӣ дар соҳаи компутар ҷои дуюмро ишғол намуд. Дар мактаби деҳа ба сифати муаллими компутар кор мекард. Чанде пеш ӯро ба муассисаи "Спетсгидропроект" даъват намуданд, пас аз имтиҳон ба вазифаи хеле масъул қабул кардаанд. Дар ихтиёраш мошини хизматӣ ҳам додаанд. Ҳамчунин Зиёратшоҳ маоши хуб, мукофоти моҳвор мегирад ва роҳбараш гуфтааст, ки дар соҳаи худ барои таҳсил ба Маскав фиристоданӣ ҳастанд.

Зиёратшоҳ дар шуъбаи ғоибонаи Донишгоҳи техникӣ таҳсил дорад.

Ҳамин тавр шукри иноятҳои илоҳӣ, шукри истиқлоли Ватан ва шукри хизматҳою ғамхориҳои Ҷаноби Олӣ, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мекунем, ки мо, ҳафт бародарон ва се нафар фарзандонамон, бар ба бари ҳам истода, дар сохтмони умумихалқӣ - Нерӯгоҳи барқи обии Роғун меҳнат мекунем.

Аз меҳнати ҳалол обрӯ ёфтем, шукрона мегӯем, фарзандонро калон кардем, духтаронро ба шавҳар додем, ба писарон арӯс овардем. Касбу ҳунар ба мо маърифат бахшид, ба касею ба чизе муҳтоҷ нашудем.

Писаронам Суннатулло дар омӯзишгоҳи оморӣ, Баҳрулло пас аз хатми синфи ёздаҳ дар соҳаи барқи коллеҷи техникӣ ва аз ҳама хурдӣ Сабруллоҷон дар мактаби деҳа таҳсил доранд...

Ғиёсиддин хоксорӣ карда, маълумоти муҳими дигареро нагуфт. Ӯ узви Раёсати КИМ ҲХДТ мебошад, дар замони шӯравӣ ин масъулиятро узви Бюрои Сиёсӣ меномиданд. Ғиёсиддин Хокироев ҳамаи ин боварию мартабаи олиро ба шарофати меҳнати ҳаққу ҳалол ёфтааст.

-Мо, коргарон хуб медонем, ки имрӯз сохтмони нерӯгоҳ дар шахси Директори генералии ҶСК НБО Роғун, узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафаров Хайрулло Амиралиевич роҳбари кордон, дурандеш, дорои одамияти баланд, ғамхори аҳли заҳмат пайдо кардааст, - мегӯяд Ғиёсиддин.- Орзуи азалии ҳамаи мо, бунёдкорони иншооти бузург ва умуман тамоми миллати тоҷик он аст, ки бо ҳидояти гаронқадри Ҷаноби Олӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва бо роҳбарии Хайрулло Сафаров чархаҳои нерӯгоҳи Роғун фаъол гардиду хонадони тоҷикон чароғистон шавад.



**Саидқули ҚУРБОН,**
**Бахтёри МУРТАЗО**

*(Аввалаш дар шумораи гузашта)*

# ШОИРЕ БО ТАҚДИРИ

## ШИКАСТА ВА ҒУРУРИ ШОИСТА



Ин зан дар суҳбати ошкор ба ман гуфт, ки "Ба шавҳари шумо чи лозим буд, ки бо Турсунзода ворида ихтилоф шавад? Аз ин кораш Ғаффор чӣ бурд карду чӣ бохт, худ дар ин бора фикр мекунад?

Магар ӯ намефаҳмад, ки ҳар як ҷумҳурии Шӯравӣ шахсият ва чеҳраи худро дорад, ки дахлнопазир буда, ҳеҷ кас ҳаққи даст расондан ба ононро надорад.Ин сиёсати ҳизбӣ аст, ки касе тағйир дода наметавонад. Вай ҳамчунин аз К. Яшин, Н. Қарбобоев, Р. Ғамзатов ном бурд, ки ҳар кадом бо обрӯ ва нуфузи худ аз миллатҳояшон намояндагӣ мекунанд.

Баъд ӯ маро дилпур кард, ки бепарво бошем, ашъори Ғаффор тахти ин силсила чоп мешавад ва дар ҳақиқат баъди чанде ин китоб ба нашр расид.

Тӯйи мо 10 июни соли 1958 баргузор шуда буд. Тӯй гузашту мо бояд ба осоишгоҳи Иттифоқи нависандагон воқеъ дар Ригаи Латвия мерафтем.

Пеш аз сафар ба Ғаффор гуфтанд, ки пас аз як ҳафта дар "Колонный зал" маҳфили адабӣ баргузор мешаваду дар вақти таъиншуда бояд он ҷо ҳозир шавад.

Баъди чанд рӯзи сафар мо ба ҷашни як шоири классики қазоқ, ки дар Маскав баргузор шуд, омадем.

Мирзо Турсунович дар меҳмонхонаи "Москва" як ҳуҷраи алоҳида доштанд. Шуниданд, ки Ғаффор ба Маскав омадааст, моро ба меҳмонӣ даъват карданд. Мо омадем ба дидем, ки Р. Ғамзатов ҳам даъват шуда ва ҳарду пушти мизи пазирой нишастаанд.

Ғамзатов ба Турсунзода муроҷиат карда гуфт: - Мирзо ҳамин ҷуфтро тавсиф кардӣ, ки дар тӯяшон садри маҳфил будӣ?

Мирзо Турсунович тасдиқ карданд, ки бале.

Баъд Ғамзатов гуфт, ки шоири боистеъдод ҳам гуфтӣ, не?

Муаллим боз тасдиқ карда бори дигар қайд намуд, ки Ғаффор хеле донишманд ва боистеъдод буда оядаи хуб дорад. Ғамзатов дар омади гап таъкид кард, ки дастгирии ҷавонони болаёқат ҳунари ҳар кас нест. Он кас икрор шуданд, ки масалан, ман наметавонам ин корро кунам, шиорам ин аст, ки бигзор ҷавонон худашон роҳ ёфта пеш раванд.

Ғамзатов дар идома ба ман муроҷиат карда пурсид, ки "Духтарам, барои чӣ ба ин шоир ба шавҳар баромадӣ? Оё медонӣ, ки ҷаҳони шоирӣ як дунёи ҷунунӣ аст ва ту бо ин интихоб дар зиндагӣ хеле азият мебинӣ.

Баъд аз худ мисол оварда гуфт, ки барои оилаи ман Фотима ҳам чандон осон нест ва медонам, ки ӯ ҳам азоб мекашад. Барои ҳамсари Мирзо ҳам вазнин аст, чунки мо бештари вақт аз хонаю аз оила дур ҳастем. Ба ту ҳам осон нахоҳад буд.

Мирзо Турсунович гуфтанд, ки "Ҳеҷ гап не, занони тоҷик пуртоқатанд ва ин духтари хубе ҳаст ва ҳар сахтие, ки ба сараш меояд, таҳаммул хоҳад кард.Ба фикри ман, ӯ кори дурусте кард, ки ба ин шоир ба шавҳар баромаду ман маҳфилрои тӯйи арӯсиашон будам".

Ғамзатов дар посух гуфт: - Хайр майлаш, агар ин ҳарду дар ҳақиқат ба якдигар лоиқу шоиста ҳастанд ва Ғаффор шоири хуб бошад, ман имшаб ҳуҷраи худро дар ихтиёрашон мегузорам ва дар ҷои дигар шабро рӯз мекунам.

Як рӯйдоди дигаре низ ҳаст, ки ба Ғаффору Ғамзатов рабт дорад. Ба муносибати якe аз ҷашнҳои солгарди Ғамзатов М. Қаноат мусоҳибае анҷом дод. Дар ин мусоҳиба чунин тасвир карда, ки мо чанд нафар аз Тоҷикистон ба Махачқалъа барои ширкат дар ин ҷашн рафта будем ва Ғ. Мирзо ҳам бо мо буд. Дар он ҷо гӯё вақти сухандонии Ғаффор барқ хомӯш шудааст ва Ғамзатов ба ӯ муроҷиат карда гӯё гуфта бошад, ки "Ту, ки ҳамеша Турсунзодаро танқид мекунӣ, акнун худро нишон деҳ ва бе коғаз ва аз ёд шеърatро хон! Ин гуна ҳодиса ҳеҷ замоне рух надода, вале Қаноат худ аз кучое бофтаю сохта дар мусоҳибае дар ҳафтаномаи "Азия Плюс" ба нашр расонд. Он рӯзҳо Ғ. Мирзо бемор ва дар хона хоб будандy хайрият ин шумораи ҳафтаномаро мо аз ӯ пинҳон доштем. Баъд ман ба идораи ин нашрия рафта даъво кардам, ки чаро як чизи бофтаю беасосро чоп кардед? Ва шахсе, ки бемор хоб аст таҳқир мекунед?

Ин ҳафтанома маҷбур шуд, ҷавоби эътирозии маро чоп кунад.

Давоми қиссаи рафтанам ба хонаи Турсунзода пас аз маргашон ин буд, ки Бобосодиқовю дигар занҳо масъалаеро муҳокима мекарданд, ки ба онҳо ҳеҷ дахле надошт. Як нафарашон писханд зада мегуфт: "Чӣ акнун душманон раиси Иттифоқ (манзур Иттифоқи нависандагон) мешаванд?

Ин шояд ишора ба он буд, ки дар шаби марги Турсунзода аз телевизион шеъри Ғаффор хонда шуд. Дар ин рӯзи мотам як гурӯҳ занҳо масъалаи кӣ раиси Иттифоқ шуданро баҳс мекарданд…

Дар он рӯзҳо муаллим аз хуруҷи дарди гулӯ азият мекашид. Ин дарди кухнае буд, ки хар вақте асабӣ мешуд, хуруҷ карда ва ҳар чизе, ки мехӯрд, гулӯяшро мегирифт. Гулбаҳор ҳанӯз қабл аз марги Мирзо Турсунович дар Маскав бо бемористоне гуфтугӯ карда ба мо хабар дод, ки падарашро барои муолиҷа бифиристем. Аммо муаллим ба андешаи ин ки ҳолати Турсунзода вазнин буд, нахост аз Душанбе берун равад.

Баъди чанд рӯзи марги устод мо барои муаллим барои сафар ба Маскав билет гирифтем ва рӯзи парвоз вақте ба фурудгоҳ омадем, адабиётшинос Отахон Сайфуллоев низ он ҷо буд. Ӯ гуфт, ки барои писараш Ҳафиз, ки ду сол боз бо Гулбаҳор дар Институти адабӣ мехонд, мехоҳад баъзе чизҳо фиристад..

Ин одам рафтани моро дида гумон кардааст, ки Ғаффор барои суҳбат бо мақомоти Иттифоқ дар мавриди тасдиқ шудану гирифтани вазифа ба Маскав сафар дорад. Чунин як овоза хеле зуд дар миёни нависандагону аҳли фарҳанг паҳн шуд. Бубинед, одамон чи фикру хаёлҳое мекунанд ва чи чизҳоеро аз пеши худ бофта мебароранд.

Барои он ки муаллимаро аз ин ҳолати ногувор барорам, луқма партофтам: -Ҳар чи ба сатҳи маърифату фаҳмиши шахс вобаста аст…

Муаллима гапамро тасдиқ кард ва афзуд: - Тарбияи мо дар оила дигар хел буд. Моро ҳамеша падару модар таъкид мекарданд, ки гапи дигаронро назанем. Ғайбат накунем. Падарам ҳамеша насиҳат мекарданд, ки некхоҳу некбин бошед. Аз сухани ҳикматомезу гузаштаҳо ёдовар шуда мегуфтанд: Нағзӣ куну ба об парто ва рӯзе он бароят боз хоҳад гашт. Он кас иштирокчии ҷанг буданд ва дар дивизияи машҳури Панфилов ҷангидаанд. Сураташон дар Музеи қуввахои мусаллаҳи Иттиҳоди Шӯравӣ ҳаст.

Мо аслан бухорой ҳастем ва ман дар маҳаллаи Лаби Ҳавзи Бухоро таваллуд шудаам. Пас аз ҷанг, вақте падарам баргаштанд, он касро ба Душанбе фиристоданд.

Ман 7 ё 8 сола будам, ки мо ба Душанбе кӯчидем.

Падарам корманди соҳаи дорусозӣ буданд ва бо роҳхати ҳизбӣ ба Тоҷикистон омада дар ташкилу густариши ин соҳаи беҳдошт саҳм гирифтанд. Модарам низ мутахассиси ин соҳа буданд.

Падарам дар Тоҷикистон сардори раёсати фармасевтикаи Вазорати тандурустӣ шуда кор карданд ва дар он солҳо салоҳияти муовини вазирро доштанд.

Замоне ки мо ба ин шаҳр омадем, идораи раёсати фармасевтӣ дар пушти фурӯшгоҳи "Садбарг"-и имрӯза буд. Дар паҳлӯи он як лаборатория ё коргоҳи дорусозӣ ҳам сохта буданд.

Дар ибтидо мо дар хобгоҳе, ки низ дар ин ҷо буд зиндагӣ мекардем. Баъдтар падарам ҳавлии дар Бухоро доштаамонро фурӯхта аз наздикии мактаби № 15 як ҳавлиро хариданд ва ба он ҷо кӯчидем. Мо, чор фарзанди ин хонавода дар ин мактаб хонда ва ҳамин ҷо бузург шудем. Тӯйҳои хонадоршавиамон низ дар ҳамин ҷо гузашт.

Мунира Мӯҳсиновна хоҳарбузурги мо буд. Раҳматӣ профессор ва аввалин педиатр дар Тоҷикистон буданд. Дар 35 солагӣ унвони профессори Донишгоҳи тиббиро сазовор шудаанд. Бародарам Ҳамид Мӯҳсинович пас аз хатми факултети химияи Донишгоҳи Ленинград ба Душанбе баргашта, беш аз 20 сол декани факултаи химияи Донишгоҳи миллӣ буданд. Он кас ҳам профессор буданд.

Ман фарзанди сеюми ин хонавода ҳастам.Хоҳарам Манзура ихтисоси духтури гӯш, гулӯ ва биниро дорад ва номзади илмҳои тиб мебошад. Вай ҳамсари Отахон Латифӣ аст.

Ҳар кадоме аз мо бо донишу ғайрати худ соҳиби касбу дараҷа шудаем. Ҳасуди дигаронро нахӯрда бо парҳез аз рафтори ношоиста он чи падару модарамон мегуфтанд, ба иҷро мерасондем. Хоҳарбузург ва бародарам яке дар 51 ва дуввумӣ дар 54- солагӣ даргузаштанд. Модарам дар 56-солагӣ фавтиданд.

Ҳоло ман мондааму хоҳарам, ки ҳар кадом фарзандҳо ва наберахо дорем.

Худо гузаштаҳоро раҳмат ва зиндаҳоро ҳифз кунад.

- Шояд асоси пешрафту обрӯ ёфтани шумо ва аҳли хонаводаатон ин буда, ки дилу нияти пок доред. Гарчанде бадиҳои зиёде дидаед, вале ҳар касро мебахшед. Бовар дорам, ҳамаи онҳоеро, ки шуморо бад диданду бад гуфтанд ва бадиҳо карданд онҳоро ҳам бахшидаед.

-Хайр, дигар чи кор карда метавонам, албатта мебахшам. Фақат мехоҳам, ки фарзандону наберахоям сиҳату саломат ва пешгоҳи корашон рӯшан бошад.

Шукр, ки рӯзгорамон имрӯз тинҷу ором аст. 37 сол мудири кафедра будам. Ва ҳоло ин вазифаро бовар карда ба уҳдаам гузоштанд.

Ҳамзамон раиси Маркази инноватсионӣ, фановариҳои биологӣ ва тиббии АИ Тоҷикистон мебошам. Дар донишгоҳ ҳам корам хуб буд, таҳқиқоти илмӣ анҷом медодем ва тарҳҳои пажӯҳиширо иҷро мекардам. Гумон надоштам, ки дар ин синну сол оварда ва ба ин вазифа мегузоранд.

Ҳадафи таъсиси Маркази илмӣ -эҷоди шароит барои фаъолиятҳои илмии ҷавонон аст.

Дар чорчӯби барномаҳои ин марказ 2 коргоҳ-озмоишгоҳҳои бехатарии биологӣ ва биотиббӣ таъсис додаем, ки ҷавонон машғули кор ҳастанд. Беш аз 20 сол раиси Шӯрои диссертатсионии Донишгоҳ будам ва тайи ин муддат бештар аз 30 нафар шогирдонам, ки аз минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ ҳастанд, рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ ҳимоя карданд.

*(Давом дорад)*

**Солеҳ ЮСУФОВ**



# Лутфи латифи МИНБАР

## Саҳифаи ҳафдаҳум...

Кормандони "Минбари халқ" як одат доранд: бо журналисти нав ба кор омада, ки ҳанӯз бо муҳит ошно нест, ҳатман ягон шӯхӣ мекунанд. Моҳрухсор Раҳимова, собиқ рӯзноманигори ҳафтанома, ки баъди курсии донишҷӯӣ ба кор омада буд, мақолаи баҳсбарангезе омода карда мехоҳад онро дар саҳифаи веросторӣ хонда, боз як бор санҷад. Вале дар байни саҳифаҳои гранкашудаи ҳамон шумора онро намеёбад. Асабонӣ мешавад ва бошаст ба утоқи веростор ворид гашта, аз котиби масъул Маъруфи Бобораҷаб ва тарроҳ (веростор) Фирдавс Таушаров гила мекунад: - Чаро маводи маро ба саҳифа ҷой накардед? Тамоми варақҳоро рӯгардон кардам, мақолаи ман нест! Барои шумораи дигар дер мешавад! Онҳо Моҳрухсори ба шӯр омадаро ором карда, шӯхиомез мегӯянд:

- Мо ҷой кардем, дурусттар надидаед, бояд дар саҳифаи ҳафдаҳум бошад. Саҳифаи 17-умро ёфта хонед.

Баъд аз ин маслиҳат Моҳрухсор аз нав тамоми утоқҳоро гашта, варақҳои тарроҳишударо бори дигар бо диққат аз назар мегузаронад, вале саҳифаи ҳафдаҳумро пайдо накарда, назди сардабир медарояд: - Салом устод, тасодуфан саҳифаи ҳабдаҳуми тарҳи рӯзнома дар дасти Шумо нест? Мегӯянд, ки матлаби ман дар ҳамон саҳифа ҷойгир шудааст, як маротибаи дигар хонда ислоҳ медаровардам?



Сардабир ҳайрон мешавад:

- Рӯзномаи мои то имрӯз шонздаҳ саҳифа буд, саҳифаи ҳафдаҳумро боз кадом "калладор" кай илова кард?

Моҳрухсор дарк мекунад, ки ҳамкорон бо ӯ шӯхӣ кардаанд ва сахт хиҷолатзада мешавад. Сардабир бо табассум мегӯяд:

-Матлаби навиштаатон хуб аст. Фақат сарлавҳаашро тағйир дода дар саҳифаи 12 ҷой додем. Ин навбат мақолаатонро аз рӯи ному насабатон кобед. Мо кам-кам одати бади тағйир додани сарлавҳаро дорем, ки шуморо ба иштибоҳ андохтааст...



## Тавба, шумораи 18 - умро такроран мезанем?

*Тавре ки дар боло зикраш рафт, пеш аз нашри ҳафтанома тарҳи он дар варақҳои андозааш А-3 чоп мешаванд. Ин марҳилаи ниҳоии пеш аз нашр аст, ки дар он ислоҳу тағйиротҳо дароварда мешаванд. Одатан вай дар як рӯи варақ чоп мешавад ва ба хотири сарфаи коғаз гоҳо тарҳи шумораи навбатиро низ дар паси он мезананд. Муҳаррири масъул Алиҷон Ҷӯраев як дастаи ҳамин варақҳои тарҳи шумораи 19-и ҳафтаномаро ба навбатдори шумора Азамат Дӯстови нав ба кор омада дода, хоҳиш мекунад, ки як маротибаи дигар бодиққат аз назар гузаронад. Азамат ба ҳар як кор бо азми ҷиддӣ машғул мешавад ва як варақи аввалро бо таваҷҷуҳи тамом аз назар мегузаронаду, хеле мушаввашу парешон дар даст тарҳи ҳафтанома вориди уттоқи веростор мешавад. Дар уттоқ котиби масъул ва муҳаррири масъул ҳамроҳ бо тарроҳи ҳафтанома ислоҳҳоро ворид мекарданд.*

*- Чи хел… хондӣ? Ғалати бисёр дорад?- мепурсад Алиҷон.*

*- Бале бо диққат хондам, ғалаташ ун қадар бисёр несту, акаи Алиҷон… Лекин як чизро нафаҳмидам. О, ҳамин матлаби Шумо, ки дар тарҳи ҳафтанома ҳаст, шумораи гузашта чоп шуда буд-ку? Ё ба хотири муҳаррири масъул буданатон такроран нашр мекунед?*

*Ҳама аз ин ҳарфҳои Азамат лол мешаванд. Котиби масъул Маъруфи Бобораҷаб варақҳоро аз дасти ӯ гирифта мебинад, ки ба ҷои саҳифаҳои шумораи 19 пасвароқи он яъне шумораи гузаштаи № 18-ро аз нав хондааст. Садои хандаи кормандон утоқро ба ларза овард…*

## Моро ҳам хӯроки бепул мефора

*Алӣ Ҷӯра аз назди сармуҳаррир бо димоғи сӯхта баромад.*

*Барқосо маълум шуд, ки аз "шеф" гап шунидааст. Сабаб ин буда, ки як муаллифи хира саҳари рӯз ба сармуҳаррир шикоят карда ва ӯ ҳам муҳаррири масъулро ба наздаш хонда дар ҳузури ӯ суханҳои пасту баланд гуфтааст.*

*Алиҷон, ки одати сад муштро ба худ гирифтану як мушт доданро дорад, то чанд соат бо табъи гирифта мегашту ба ҳамкорон аз он, ки дар пеши одами беруна сарзаниш шуд, гила мекард.*

*Бачаҳои "Минбар" одати бо ҳам ба хӯроки чошт рафтанро доранд. Он нисфирӯзӣ ҳам тибқи маъмул бо ҳам ба ошхона рафтем, вале Алиҷон, ки табъи гирифтае дошт, серкориро баҳона карда бо ҳамкорон нафаромад.*

*Ҳар кадоме аз мо ғизо гирифта ба паси мизе нишаста будем, ки сармуҳарриру Алиҷон паси ҳам вориди ошхона шуданд. Ҳар ду бо навбат хӯрок гирифта ба ҷамъи ҳамкорон пайвастанд.*

*Сармуҳаррир, ки тибқи маъмул дар ошхона беҳтарин хӯрокро интихоб мекунад, ин бор низ одати худро нашикаста буд.*



*Алӣ Ҷӯра ҳам, ки ҳеҷ гоҳ ба меъдаи худ ҷабрро раво намебинад, бо лаълии беҳтарин хӯроку хӯриш омада паҳлуямон нишаст.*

*Вақти ғизохӯрӣ яке маълум шуд, ки сармуҳаррир ин бор Алиҷонро маҷбур ба ғизохӯрӣ оварда ва пулашро ҳам пардохт кардааст.*

*Фирдавс дар ҷои худ хурӯшиду ба сармуҳаррир муроҷиат карда гуфт: - Устод, намешавад, ки кормандонро ҳар рӯз бо навбат ҷанг кунед?*

*Сармуҳаррир, ки бо иштиҳо доди мурғи тобагиро медод, чизе сарфаҳм нарафта пурсид: - Барои чӣ?*

*Фирдавс ба табақчаҳои лабрези хӯроки пеши Алиҷон бо ҳавас нигариста гуфт: - Устод, зиёфати бепул ва хӯроки бомаза моро ҳам мефорад.*

## ЯК СОАТАШ ҲАМЁНРО БАРБОД МЕДИҲАД

*Кормандони ҳафтаномаи "Минбари халқ" баъд аз гирифтани мукофотпулӣ тасмим гирифтанд, ки хӯроки пешинро ҳамроҳ тановул кунанд. Дар роҳ бонуи айёшу кӯчагарде, ки яқин ширакайф буд дучор мешавад ва бо як нозу ишваи ба худ хос сигорро ба лаб гузошта аз онҳо мепурсад:- Мужики! Случайна ягонтет зажигалка надорен? Дар ҳол як нафар ба хидмати бону мерасаду, устод Ҷумъа Қуддус ба дигарон чашмак зада бо шӯхи мегӯяд: Ҷони мо қурбони Шумо бонуи зебо. Бачаҳо ин ҳусну ҷамоли бемисолро бинед, ин чашмони хуморро бинед, ки як теғи нигоҳаш имонро барбод медиҳад. Ҳарфҳои устод ба бонуи ширакайф хуш омад, ки сигорро дуд дода, бо ишва лабханде мезанад. Маъруфи Бобораҷаб аз табассуми бону ба илҳом омада бадоҳатан мегӯяд: Як табассуми ин бону на танҳо имон, балки виҷдонро ҳам барбод медиҳад…*



*Сардабири ҳафтанома Бахтиёр Ҳамдам, ки аз ин суҳбати тӯлонӣ сахт хаста шуда буд, бо қаҳр гуфт: - Дар бораи виҷдону имон намедонаму, вале як чиз аниқ аст, ки як соати хилваташ ҳамёнро барбод медиҳад. Шитоб кунед, ки агар як лаҳзаи дигар таъхир кунем, ҳатман бе мукофотпуливу хӯроки пешин мемонем…*

## КОРИ МУҲИМ...

Рӯзҳои чоршанбе, ки ҳафтанома нашр мешавад, кормандони ҳафтанома хеле сертараддуд мешаванд ва ба қавле барои "мӯйи сар хоридан" ҳам вақт намемонад. Бино бар ин, сардабир хоҳиш мекунад, барои сарфаи вақт танҳо бо корҳои муҳимтарини вобаста ба нашр ба ӯ муроҷиат намоянд.

Тифоқо дар ҳамон рӯзҳо ба рӯзноманигор Азамат Дӯстов аз ҷониби идораи нашрия муваққатан як ноотбуки нав тақдим мешавад. Азамат ноотбукро ба кор андохтанӣ шуда, мефаҳмад, ки ба барқ пайваст кардани он бидуни як васлкунаки иловагӣ ғайриимкон аст. Ӯ ба муовини Сардабир оид ба тиҷорат Дӯстов Хусрав мурочат мекунад. Муовин низ дар ҳалли ин қазия ночор монда, Азаматро ба утоқи сардабир ҳидоят мекунад ва бо як ҷиддият муроҷиат менамояд:

- Бо як кори хеле муҳим назди Шумо омадем: Ноотбуки Азамат Дӯстов ба як васлкунаки барқӣ ниёз дорад. Агар иҷозат бошад, як комиссия тартиб диҳему, аз ҳисоби маблағи захира васлкунак харем...



Сардабир, ки бо таҳрири мақолаҳои шумора сахт андармон буд, нороҳат шуда мегӯяд: - Эъ... Заб кори муҳим будааст! Ҳамон васлкунаки бечора дар киоск се сомонӣ меистад. Наход аз ҷайби ҳардуятон се сомонӣ пайдо нашавад, ки дар ҳамин рӯзи мушкил комиссия таъсис диҳему ба даҳ сомонӣ қоғазу ранги пурқимати компютерӣ масрафи карда, қарору фармон барорем?



# МАРО ДУНЁ НАХОҲАД КУШТ, ТО ДУНЁИ ДИЛ ДОРАМ

*Маро дунё нахоҳад кушт,*
*то дунёи дил дорам,*
*Маро дарё нахоҳад бурд,*
*то дарёи дил дорам.*
*Зи баднафсию пурхорӣ басо*
*савдогарон мурданд,*
*Зи ҳар савдо намемирам,*
*ки ман савдои дил дорам.*
*Ба рӯи хок ҳам бошам,*
*ба зери хок ҳам бошам,*
*Ниҳон ҳаргиз намегардам,*
*ки ман пайдои дил дорам.*
*Васият менависад ин,*
*шикоят менависад он,*
*Ман аз ин ҳар ду озодам,*
*хати иншои дил дорам.*
*Агар маъвои ман кӯчад*
*зи рӯи хок зери хок,*
*Ба қасди марг дар ҳар синае*
*маъвои дил дорам.*
*Дар ин дунё, ки як даъвои дил*
*сад садди рад дорад,*
*Ман аз номи ҳама соҳибдилон*
*даъвои дил дорам.*
*Ҳама бухтоннависонро кунам*
*огоҳ пеш аз марг:*
*Шумо имрӯз мемиред,*
*ман фардои дил дорам...*

***

*Дар дил он қадр, ки мақсуди ман аст,*
*Ин ҷаҳон арсаи маҳдуди ман аст.*
*Ҳар чӣ аз будани худ пай ҷустам,*
*Жарф дидам, паи нобуди ман аст.*
*Дар раҳи дод басе дод задам,*
*Нек дидам, ки на бар суди ман аст.*
*Кай кашад миллати ман сар ба фалак?*
*Дар куҷо ҷаннати мавъуди ман аст?*
*Дар чӣ бурҷе ба тулӯъ омода*
*Ахтари толеи масъуди ман аст?*
*Баррае дар даҳани гургонам,*
*Чор сӯ ҳалқаи масдуди ман аст.*
*Ҷигарам пора шуда, лахта шуда*
*Чун заминҳои Варорӯди ман аст.*
*Сӯхтам, сӯхтам аз тарсуӣ,*
*З-ин алам оҳи таболуди ман аст.*
*Сӯхтам, сӯхтам аз танҳоӣ,*
*Шеъри ман оташи ман, дуди ман аст.*
*Ҳар суруде, ки бихонам зи алам,*
*Бо ҷаҳон номаи бидруди ман аст...*

***

*Қурбони чашми равшанат,*
*ман меравам нагӯй,*
*Зорам ба гарди доманат,*
*ман меравам нагӯй.*
*Барбод рафт хирмани*
*дорунадори ман,*
*Мирам ба мӯи хирманат,*
*ман меравам нагӯй.*
*То дасти ту ба гарданам,*
*гардун ба дасти туст,*
*То дасти ман ба гарданат,*
*ман меравам нагӯй.*
*Сар то ба по хазинаи*
*ҳусну малоҳатӣ,*
*Ҷуз ин баҳона ҷустанат,*
*ман меравам нагӯй.*
*То он ки ҳар ду меравем*
*аз ин ҷаҳони паст,*
*Хуш бод ин нишеманат,*
*ман меравам нагӯй.*

***

*Эй ҳамватан, ба ҳамдигар*
*чунучаро чаро?*
*Кардем базмхонаро мотамсаро чаро?*
*Дорем як таронаи шевои сарнавишт,*
*Дар як тарона мову ту ноҳамсаро чаро?*
*Чашма якеву бар ҳама*
*лабташна мерасад,*
*Дар сад маҳал ба ҳам занӣ сад*
*кӯзаро чаро?*
*Рафтанд тангчашмакон*
*дунболи офтоб,*
*Мову ту чашмбаставу*
*вопасгаро чаро?*
*Рафтем дар таассуби худ*
*то гулӯ фурӯ,*
*Рафтанд ҳеҷбудагон аз мо фаро чаро?*
*Моем нобародарон аз тухми як падар,*
*Ҷони бародаро, чаро?*
*Эй хоҳаро, чаро?*
*Моем нобаробарон аз ину он намат,*
*Устоди меҳтаро, чаро?*
*Эй кеҳтаро, чаро?*

***

*Мо бар онем, ки дар мулк*
*адолат бошад,*
*Мо бар онем, ки ҳам оя, ҳам оят бошад.*
*Кори мо нест фақат сохтани*
*хомаи гил,*
*Кори мо ин, ки дар он хома*
*муҳаббат бошад.*
*Кори мо нест фақат коштани*
*тухме чанд,*
*Кори мо ин, ки дар он кишт*
*садоқат бошад.*
*Кори мо нест фақат*
*сохтани ҷодаи рост,*
*Кори мо ин, ки дар он ҷода*
*ҳақиқат бошад.*
*Кори мо нест фақат*
*сохтани пайкарае,*
*Кори мо ин, ки дар он пайкара*
*миллат бошад.*
*Кори мо нест фақат тантанаи*
*Сомонӣ,*
*Кори мо ин, ки дар он тантана*
*тинат бошад.*
*Кори мо нест фақат лофу*
*газоф аз ваҳдат,*
*Кори мо ин, ки ба ваҳдат*
*абадият бошад.*
*Кори мо нест фақат ёди*
*Бухорои Шариф,*
*Кори мо ин, ки зи мо низ*
*шарофат бошад.*
*Кори мо нест фақат*
*ёди Самарқанди чу қанд,*
*Кори мо ин, ки Самарқанд*
*асолат бошад.*
*На бар инем, ки ислом нишинад*
*бар тахт,*
*Мо бар онем, ки ислом*
*саломат бошад.*




СКАНВОРДИ ШУМОРАИ ГУЗАШТА

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| М | ■ | ■ | К | О | М | М | У | Н | И | З | М | ■ | К | О | Л | О | Б | О | К |
| А | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | Э | ■ | ■ | У | ■ | ■ | Р | ■ | ■ | У | ■ | А |
| Ъ | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | А | Н | Г | И | Ш | Т | ■ | О | З | О | Д | ■ | Ф |
| З | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | С | ■ | С | ■ | У | ■ | ■ | А | ■ | Г | У | Л |
| А | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | Х | И | З | М | А | Т | Г | О | Р | ■ | О | ■ | Е |
| Р | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | О | ■ | А | ■ | Р | ■ | Н | ■ | ■ | А | Р | У | С |
| А | Р | А | Ф | А | ■ | ■ | Л | А | Й | Л | О | ■ | О | Д | А | М | ■ | ■ | ■ |
| Т | ■ | Ф | ■ | Б | А | Х | А | ■ | Н | ■ | Б | О | М | ■ | ■ | А | Л | Е | Н |
| ■ | ■ | Ю | ■ | Р | ■ | Е | ■ | ■ | У | Р | А | ■ | ■ | Р | ■ | ■ | ■ | ■ | О |
| М | А | Н | Т | У | ■ | Ш | А | Ҳ | Р | ■ | К | И | Р | О | ■ | ■ | ■ | ■ | В |
| И | ■ | ■ | А | ■ | А | ■ | Д | ■ | А | ■ | А | ■ | ■ | Ҳ | ■ | ■ | ■ | ■ | О |
| З | А | Ҳ | Р | ■ | С | Т | О | Л | ■ | О | Ш | П | А | З | ■ | ■ | ■ | ■ | С |
| О | ■ | ■ | А | К | А | ■ | ■ | А | ■ | О | ■ | Е | ■ | А | ■ | ■ | ■ | ■ | Т |
| Н | А | Қ | Б | ■ | Б | О | Д | Б | О | Н | ■ | Ш | И | Н | О | В | А | Р | И |

Минбари халқ
21 майи соли 2015,
№21 (1000)



**Мирзо ФАЙЗАЛӢ,
Шоири халқии Тоҷикистон**

*Ҳам чабҳаю ҳам манзару ҳам дафтари халқ аст,*
*Дар сангари номуси Ватан дар бари халқ аст.*
*Гуфтор ҳама ваҳдату сулҳ асту садоқат*
*Афкори вафодориву бахтовари халқ аст.*
*Ҳар ҳафта чу як дастаи гул дастраси мо*
*Ҳамсуҳбату ҳамрозу хабаровари халқ аст.*
*Дархосту арзи дили мардум бикунад нашр,*
*Ҳаммақсаду ҳаммаслаку ҳамсангари халқ аст.*
*Хоҳед бидонед, ки кишвар ба чи авзост*
*Хонед варо, ки сухани Сарвари халқ аст.*
*Беҳуда набошад, ки қарин гашта ба мардум*
*Он минбари ман, минбари ту, минбари халқ аст.*

# БА 1000 ШУМОРАИ НАШРИЯИ «МИНБАРИ ХАЛҚ»





## ТАНАКСОЛ - бар зидди ихроҷи ЛЯМБЛИЙ!

Ширкати илмию истеҳсолии Русия воситаи нодиреро коркард намудааст, бо номи танаксол, ки он аз ҷамъи гиёҳҳо (пижма, полын, тысячелистник, девясил) иборат буда -ҳангоми бемориҳои паразитӣ ва сироятӣ (лямблиоз, амебиоз, аскаридоз, энтеробиоз,) истифода бурда мешавад. -Ба ҳоли имрӯз воситаи аз ҳама самараноки зидди лямблиоз барои кӯдакон ва калонсолон маҳсуб меёбад. Дар ҳолатҳои вазнин (при хроничес. лямблиоз) "танаксол"-ро табибон якҷоя бо дигар воситаҳои синтетикӣ тавсия медиҳанд, зеро он таъсири манфии доруҳои синтетикиро аз байн бурда муҳлати табобатро кӯтоҳ ва таъсироти онро дучанд мегардонад.




**Тарзи истифодабарӣ:** Кӯдакони аз 1 сола 1/6қ, аз 2 то 7 сола 1/3қ, аз 7 то 12 сола 2/3қ, аз 12 сола боло аз 1 то 2 қошуқча рӯзе 3 маротиба, 20-30 дақиқа пас аз хӯрок. **Давомнокӣ:** аз 7 то 14 рӯз, барои калонсолон то 30 рӯз. **Рег№000678 нархи фурӯш 33 сомонӣ** Аз дорухонаҳо пурсон шавед!

## «УРОЛЕЗИН ФОРТЕ» – ДАВОИ ГУРДА БО УСУЛИ ГИЁҲӢ...




Маҷмӯи растанигии ин даво барои беҳтар намудани вазъи функсионалии гурда ва роҳҳои пешобгузар таъсир расонида, инкишофи илтиҳоб ва боқимондани пешобро нест медиҳад. Хунукиҳои гурдаро аз байн бурда, пайдоиши сангро дар он пеш гирӣ мекунад.

**Уролезин** форте организмро аз токсинҳо ва дигар моддаҳои зараррасон тоза мегардонад. **Истифода:** ба калонсолон 2 ҳаб 3 бор дар як рӯз, ҳангоми хӯрок. Давомнокӣ 1 моҳ. Дар таркибаш спирт ва қанд надорад, аз ин рӯ барои гирифторони диабет, фарбеҳшавӣ истифодааш зараре намерасонад.

**Шакли барориш:** №60 ҳаб нархи фурӯш 38 сомонӣ.

**МАҲСУЛОТ ИСТЕҲСОЛИ ДАВЛАТИ РУСИЯ АСТ. АЗ ДОРУХОНАҲО ПУРСОН ШАВЕД!**


**ЭЪТИБОР НАДОРАД**

Паспорти техникии хонаи 45 квартираи №2, ки ба Файзова Сабоҳат тааллуқ дошта, дар кӯчаи Маърифати шаҳраки Сомониёни ноҳияи Рӯдакӣ воқеъ аст, бино ба сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

## БОВАРИ ХАЛҚ



**Нурмуҳаммад НИЁЗӢ,
Шоири халқии Тоҷикистон**

*Оне, ки даромадаст бар бовари халқ,*
*Ҳам доварӣ халқ ҳаст, ҳам ёвари халқ.*
*Дар байни ҳазор минбари давру замон*
*Бартар набувад минбаре аз "Минбари халқ".*
*Зеро ки ба даъвату ба тавсифу ба нақд*
*Ҷӯяд сабаби зиндагии беҳтари халқ.*
*Халқе, ки ба сад сангари пурхавф фитод,*
*Дарёфт, ки нест сахт чун сангари халқ.*
*Сар доду забон надод бар ҳеҷ адӯ,*
*Зеро, ки забон зи нав расонад сари халқ.*
*Ҳам бӯйи биҳишт ҳаст, ҳам рӯйи биҳишт*
*Аз дасту дилу чеҳраи бахтовари халқ.*


МИНБАРИ ХАЛҚ

*Сармуҳаррир*
Бахтиёр ҲАМДАМОВ

Рӯзнома моҳи декабри соли 1994 таҳти рақами 309 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

Ба хотири гуногунандешӣ матолибе низ нашр мешаванд, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.

БАРОИ МАЪЛУМОТ:

Дастгоҳи КИМ ҲХДТ - *тел: 224-23-90, 224-83-72, 224-49-29, 221-63-21. факс: 224-27-59*

Идораи рӯзнома *тел. 238-72-10, 238-54-61, 238-79-07, факс: 227-44-94*

www.tribun.tj E-mail: minbarihalk@bk.ru

**Муовини сармуҳаррир оид ба тиҷорат:**
Хусрав Дӯстов

**ҲАЙАТИ ЭҶОДӢ:**
**Котиби масъул:** Маъруфҷон Маҳмудов
**Муҳаррири масъул:** Алиҷон Ҷӯраев
**Хабарнигорон:** Ҷумъа Қуддус, Солеҳ Юсуфов, Азамат Дӯстов, Ибодуллоҳи Тоҳир, Гулҳаё Мадимарова
**Масъули чоп:** Мирзоалӣ Юнусов
**Ҳуруфчинон:** Ҷамила Аҳмадова, Гуландом Раҷабова
**Мусаҳҳеҳ:** Сабоҳат Худоёрбекова,
**Суратгир:** Тӯхтамурод Рӯзиев
**Саҳифабанд:** Фирдавс Таушаров

**НИШОНИИ МО:**
*734018, ш. Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ, 16. Индекси обуна: 68910*

**Макони чоп: нашриёти «Шарқи озод».**

Навбатдор: И. ТОҲИР



**Теъдоди нашр: 48952 нусха**